

**Равшан Махсумзод**

# ИШҚИ ЗИСТАН

## Қисса ва ҳикояҳо





https://bikhon.tj/

Душанбе
2020

ББК 84 тоҷик 7-4+83.3 (2 тоҷик)
М 38

Китоб бо эҳтимоми директори нашриёти «Русская литература» Сайфулло Фаттоев аз чоп баромад.

Муҳаррир Салими Зарафшонфар

Махсумзод Равшан.
Ишқи зистан (Қисса ва ҳикояҳо).
Душанбе: «Русская литература», 2020, 192 саҳ.



https://bikhon.tj/

Дар китоби нави нависандаи шинохта Равшан Махсумзод қисса ва ҳикояҳои солҳои охир эҷоднамудаи ӯ ҷой дода шудаанд. Бовар дорем, ки писанди хонандагони гиромӣ мегарданд.


ISBN 978-99975-64-32-0

©Махсумзод Равшан, 2020

# МУҶОЗОТ



https://bikhon.tj/



# ҚИССА



https://bikhon.tj/

Бо вуҷуди серборишиаш фасли поиз имсол мулоим омад. Аксар вақт шаб борон мерехту рӯзона чеҳраи ҳаво кушода, хуршед нурҳои ширгарми тирамоҳиашро ба сари долу дарахтон бедареғ мерехт. Аммо азбаски замин аз хазони тар қабо ба бар карда буд, дигар гармии ҷонбахши онро эҳсос намекард. Охирин меваю сабзавоти тӯли сол дар дили хеш парвардаашро ба деҳқон ҳадя намуда, ба хоби зимистонӣ омода мегардид. Ҷамолакҳои зарду сурхи дарахтон дар дами бод ба рақс меомаданд ва боди айём ба рағбати тамом баргҳои заъфарониро ба замин меафканд. Рӯи раҳ, даруни ҷӯйбор, байни гулу алафҳои хушкида пур аз хазон буд. Рутубати ҳаво зиёд, табиат саропо тару нам. Ҳаво бӯйи дуд мекард. Осмон меғолуд ва пардаи ашҳабӣ ба рӯй кашида буд. Дар шохи дарахтону хатти барқ ва панҷараҳои оҳанин нахи мизон печида, ба андак вазиши бод маҳин-маҳин ба ҷунбиш меомад. Парандаҳо оҳиста-оҳиста ба кишварҳои гарм кӯч мебастанд. Ба назар чунин мерасид, ки ҳамин ҳозир тирамоҳ низ мисли мурғи зард аз паси онҳо ба парвоз меояд. Кӯча камодам буд. Раҳгузарон низ мисли фасли поиз пойбанди андешаи хеш равуо доштанд. Аслан мардуми шаҳр тӯли чанд соли охир аз тирамоҳ дилгир



https://bikhon.tj/

шуда буданд. Аз як тараф ташвиши бебарқию фасли сармо, аз ҷониби дигар дар вуҷуди бисёриҳо ин фасли файзрезу заррин эҳсоси гирдиҳамоиҳои дуру дароз, оғози тирпаронию бетартибиҳо, гушнагиву сарсониҳо, гурезогурезу таъқибкуниҳоро бедор мекард, хотираи он рӯзҳои сарду сиёҳро варақгардон намуда, ба қалбҳояшон нохун мезад, ҷароҳатҳоро ба сӯзиш меовард. Дигар мисли даврони шӯравӣ онҳо ин фаслро вобаста ба хирмани деҳқону ҷамъугири ҳосил ёд намекарданд. То ҳол фасли хунрез, айёми сӯхтану куштанҳо, дуздию ғорат таҷассум мегашт он пеши дидагонашон. Аммо… Бо вуҷуди душворию сахтиҳо вақт оҳиста-оҳиста ҷароҳати қалбҳоро марҳам мегашт, дили мардум ба зиндагӣ аз нав гарм мешуд. Тирамоҳ чун фасли андешаву судбардориҳо ба қалбашон коргар гашта, одамон чашми умед ба оянда медӯхтанд, дасту дилашон ба кор мечаспид.

Шаб то субҳ сим-сим майдаборон рехт. Ва инак нимарӯзӣ, агарчи хуршед аз паси пардаи нуқрафоми меғҳо наменамуд, ҳаво мулоим буд. Дар гулгашти хиёбони сермошини шаҳр як гурӯҳ занони кӯчарӯб ҷунбуҷӯл доштанд. Нимтанаи зардашон ҳамранги хазон замини чанд муддат қабл гулистонро побел ва буттаи хушкидаи гулҳои хазонгаштаро аз бехашон барканда, ҷо-ҷо ғарам мекарданд. Чанд нафар хазонҳои гирду атрофро ҷамъ оварда, оташ мезаданд. Дуди ғализ оҳиста-оҳиста ба фазо паҳн шуда, димоғро месӯзонд. Занҳо тирамоҳро чашми дидан надоштанд, зеро дар ин фасл ташвиши онҳо дучанд меафзуд. Қариб ҳар рӯз пиёдагардҳоро меруфтанд, аммо хазон мерехту мерехт. Гӯё дарахт хазон мезоида бошад, ҳеҷ адошавӣ надошт он. Ранги рӯи занон низ заъфаронӣ буд. Шояд аз тарси чангу хок ба рӯймол



https://bikhon.tj/

даҳону биниашонро пӯшонида буданд. Ба назар чунин мерасид, ки онҳо ҳама ҳамсоланд, умри зиёде аз мавлудашон гузашта, талхию ширинӣ, сардию гармии зиндагиро афзун чашида, умрашон ба ҷое расидааст. Аммо қисми зиёди онҳо ҷавонзанон ва чанд нафарашон солхӯрда буданд. Меҳнати зиёд ва зиндагии мушкил, тангдастию нодорӣ қоматашонро хамида, ҳуснашонро коҳида, таровати рӯяшонро ноаён макида буд. Дигар эшон аз оина метарсиданд, дер-дер шона ба мӯяшон мезаданд, усмаву сурма, ғозаву ҳиноро қариб аз ёд бурда буданд. Бори гарони зиндагӣ бар дӯшашон бор буд: якеро дар ҷанг шавҳар ё падар мурда, дигареро саробони сар бедарак гашта, сеюмиро шавҳар талоқ дода, хулоса, тангдастию нодорӣ ба ин ҷо оварда буд эшонро. Он солҳо дар шаҳр сохтмоне сар намеафрохт, заводу фабрикаҳо аз кор монда буданд, касе ба таъмири роҳ машғул намешуд. Аксарият худро ба бозор зада буданд. Яке мефурӯхту дигаре мехарид, гурӯҳе чашми дуздӣ ба онҳо медӯхт. Тӯдае то ҳол дар китф яроқ хешро соҳиби зиндагӣ пиндошта, дар кӯчаю боғ ва бозорҳо доди мардуми бечораро медоданду таҳқиршудагон аз ҷангу ҷидол ва рӯзгори нобасомон ҳайрону хаёлӣ дар ҷодаҳо мегаштанд. Ҳар кас дар алоҳидагӣ ғами рӯзгор мехӯрд. Танҳо вуҷуди ҳамин занҳои кӯчарӯб мерос аз меҳнати коллективона буд, ки замони шӯравӣ шабу рӯз тарғибу ташвиқ мешуд ва аз рисолати азалии инсон, яъне бунёдкорӣ дарак медод. То шаҳр ба ифлосию ғаждӣ нағӯтад, онҳо заҳмат мекашиданд ва ба ин васила ризқи бачаҳояшон – бар замми маоши ночиз ройгон як-ду буханка нон – ба даст меоварданд. Онҳо ба баъзе ҳамҷинсони фориғболу фохирлибоси хеш, ки бепарво ва ҳавобаландона сӯяшон



https://bikhon.tj/

нигоҳ афканда, аз пиёдагард ё савори мошин мегузаштанд, ҳасад мебурданду ба пешонии шӯру тақдири бади худ нафрин мехонданд, ки чаро ба онҳо низ бахту тахт надода, ба ин гуна сарсониҳо мубтало гардонидааст. Дили онҳо низ мехост мисли ин занҳо худро орою торо дода, ҳамроҳи фарзандон ба тӯю тамошо бираванд, табъи дил зиндагӣ кунанд.

Марди тақрибан сӣ-сивупанҷсолаи ду даст ба пушт кори занҳоро назора мекард. Оқибат ин кор низ ба дилаш зад магар, аз назди онҳо дур шуда, ба пеши ҷавонзане омад, ки дар бехи сутуни хатти барқи баландшиддат ҷунбуҷӯл дошт. Ба қавли занҳо, дар ин ҷо қӯш партофта буданд онҳо ва айни замон ҷавонзан аз ғизоҳои ба худ овардаи эшон дастархон рост мекард.

– Шиштӣ, ҳурлиқо? – пурсид мард.

Аз ин садои ногаҳонӣ як қад парида, норозиёна сар бардошт ҷавонзан. Воқиан ҳам зебо буд вай: ширбадан, рухсораҳояш гулгун, нигоҳи чашмони кабудаш равшану навозишкор. Мижаҳои дароз-дарозу абрувони камоншаклашро гӯё сураткаши моҳире ба завқи тамом кашида буд. Сари синаи баландаш ангор дар пероҳану нимтанааш нафасгир гашта, берун ҷаҳидан мехост. Ҳам дар сурат ва ҳам дар қаду баст дилкаш буд ҷавонзан. Ба гумон буд, ки марде аз назди ӯ беътино бигзарад ва ё ба нигоҳ ин пайкари зеборо ламс накунад. Ҷавонзан ба қарибӣ ба занҳои кӯчарӯб пайваста буд. Вақте аз бепулӣ дигар натавонист мағозаашро гардон кунад, бо маслиҳати ҳамсоязан ба ин кор даромад. «Пули зиёд надиҳанд ҳам, рӯздармиён ду-се буханка нон медиҳанд, – ташвиқ кард ҳамсоязан. – Айни замон дарёфт кардани нон амри муҳол аст. Ба рӯзи дароз дар хона нишастан муроде ҳосил



https://bikhon.tj/

намешавад. Ғами бачаҳоятро хӯр». Хулоса, ба ҷавонзан мақбул афтод пешниҳоди ҳамсоязан. Рӯзи нахустини кор ин марди хира ба вай часпид. Баъзан ҷавонзан меандешид, ки аҷаб шоҳкориҳое дорад Худованди бузург. Магар ба ҳамин тану тӯш андак ақлу фаросатро арзонӣ медошт, хуб набуд? Дар қолаби мард хӯю хислати гургонаро ҷой додан чӣ зарурат дошт? Боре ҳамин гуна андешаҳояшро ба Сорохола иброз дошту вай дар ҷавоб гуфта буд: «Гурги бечораро бадном накун, духтарам. Гургро ҳарчанд номаш бад аст, ҳайвони баномус, нотарс, тозахӯру тозашин аст. Беҳуда мардум дандону нохуни ин ҷонвари нотарсро ҳамчун тӯмор дар бадани хеш намегардонанд. Онҳо ба таъсири муъҷизакоронаи ин ҷонвари нотарс эътимод мепарваранд, бовар доранд, ки дандони он одамро аз ҳама баду балоҳо нигоҳ медорад. Шояд мақоли «Гург хӯрад ҳам, даҳонаш хунолуду нахӯрад ҳам» барои аз бадномӣ раҳонидани ин ҳайвони чолок пайдо шуда бошад».

– Намебинӣ, дастархон меороям, – гуфт ҷавонзан ба кароҳат.

– Ҳоло ҳам дер нашудааст, розӣ шав, – сари ду по нишаст мард дар назди ҷавонзан.

– Боз ҳамон гапи куҳна. То ба ин андоза одам берӯй мешудааст.

– Гуфтан гир, аздусар ман аз мақсадам намегардам. Берӯй бошам ҳам, бо ту будан мехоҳам.

– Айба намедонӣ, ман охир зани шавҳардор, соҳиби ду кӯдак.

– Фаҳмидам, чӣ гуна шавҳар дорӣ. Ба қавли бибиам, сари чунин шавҳар дар қабристон, – даҳонаш инҷ афзуд мард. – Ба ном шавҳар аст вай. Магар шӯи хуб ту барин



https://bikhon.tj/

парисимора танҳо гузошта, Русия меравад? Агар ман аз гушнагӣ варам карда мемурдам ҳам, аз назди чунин соҳибҷамол як қадам дур намерафтам. Чанд вақт шуд аз рафтанаш?

– Кори ту набошад!

– Дилам месӯзад ба ҳолат. Ин дастакони ту барои кори сиёҳ нестанд. Худованд онҳоро баҳри навозиши банда барин йигитҳо офаридааст.

– Ту йигитӣ?! – захрханда дар лаб гуфт ҷавонзан. – Ба ин тану тӯш кӯҳро занӣ, талқон мешавад, аммо ту рӯзи дароз дум-думи шаш-ҳафт зани бечора кашола шуда мегардию худатро йигит мепиндорӣ. Ҳайфи ҳамун ҷавонмардӣ!

– Ман биргадам, вазифаам шуморо бошу қӯш гуфта гаштан.

– Агар дар ягон корхонаи бузургу сохтмони азим ва ё кони ангишту дастаи роҳсозон ба сари мардон биргад мебудӣ, мезебид, кирои таъриф дошт. Ёфтӣ ҷойи роҳбариатро!

– Зиндагӣ мардаки зӯр, на ҳар кас роҳу равиши онро ёфта, табъи дил давр ронда метавонад. Бархе аз субҳ то шом хар барин кор мекунанду асло дами беғамро намебинанд. Тавонистан даркор! – ба оҳанги ифтихор хитоб кард мард.

– Ту метавонӣ?

– Бале.

– Бе ту ҳам вазифаамонро нағз медонем. Шарт нест дар тори сари мо истодани ту.

– Агар шарт намебуд, таъин намекарданд.



https://bikhon.tj/

– Шарм ҳам чизи нағз, баъзан аз он ёд кардан аз манфиат холӣ нест. Ту марди аёлманд, чаро ба зани бегона чашм ало мекунӣ?

– Чунки ту ба ман маъқул. Ҳар шаб хоб мебинам туро.

– Беҳуда хобатро ҳаром накун.

– Ту ҳоло маро намедонӣ, даре нест, ки ба рӯи ман боз нашуда бошад.

– Ман ҳам аноӣ нестам.

Ин суҳбати дилгиркунандаи мард ба дилаш зада, ҷавонзан хомӯш монд.

– Сукут аломати ризо, гуфтаанд одамони доно, – гуфт мард.

– Баъзан аз суҳбати фачу бемаънӣ сукут варзидан авлотар аст, – гуфт ҷавонзан ва чанд нонро аз халтачаи селофанӣ берун оварда, болои рӯймол гузошт. – Вақти обед ҳам расид.

– Гапро бегона накун. Зани дуюм будан ҳам бад нест, – заҳри забонашро чаконидан мехост мард. – То кай ҳамроҳи ин кампирҳои берӯзӣ умри ҷавонатро хазон мекунӣ! Агар ба ман расӣ, мисли малика гул мехӯрӣ, гул мепӯшӣ. Ҳамеша дар хизматат омода мешавам, аз сарат тангаю тилло мерезам.

– Тангаю тилоят саратро хӯрад. Дафъ шав аз пешам! – аз ҷой баланд шуд ҷавонзан.

– Чӣ гуфтӣ?

– Чизе, ки фаҳмидӣ! Ба фикрам, кар нестӣ.

– Фаровези даҳанатро нигаҳ дор, бева! Нозатро бардоштам, зиёд аз худ нарав. Косаи сабри ман баҳри бекарон нест. Қаҳрамро набиёр, ки мисли хар кор мефармояму ба халосгар зор мешавӣ. Аз як бурда нони



https://bikhon.tj/

даҳонат мемонӣ. Худат нағз медонӣ, ҷойи кор ёфтан осон нест дар ин замона. Ризқи ду сағираатро пушти по назан.

– Агар сарриштаи кори ман дар дасти ту бошад, безорам аз вай.

– Пушаймон мешавӣ, андеша бикун. Мара Сафари катазан мегӯянд. Қаҳрамро наёр, ки рӯзатро мисли ангиш сип-сиёҳ мекунам.

– Катазанӣ, майдазанӣ, корат чӣ ба ман? Ба ҳамин бечорагиам ҳам наметонӣ… Пагоҳ назди раиси ноҳия меравам.

– Куҷое мехоҳӣ, рафтан гир! Алҳол раисам, худою расулат ҳам, манам! Раиси ту то дина дар ҳузури ман чун барги бед меларзид. Имрӯз-пагоҳ мансабашро чун калхот аз дасташ зада мегирам. Ба гумонат, ман як умр дар ҳамин вазифа кор мекунам? Тушбераро хом шумурдай… планои ман калон… беҳтараш розӣ шав.

– Не, не, не!

– Недонакатро мекафонам, бева! Ҳай нозунуз кардӣ. Андак паст оянд, даррав ба тори сар баромада, чорзону мезанӣ. Э, агар… худат ба ду пойи мисли шохи гов қоқат омада, ба бағалам медароӣ. Хостам одам барин фаҳмонам. Не, намешудааст. Забони одамира намефаҳмед шумо. Иззату эҳтиром, шарму ҳаёра тамоман аз ёд бурдаед. Ба ихтиёратон гузоранд, поҷомаатонро байрақ карда, ҳай медавед. То дина мисли муши мурда будед, танҳо аз нигоҳ талхаатон кафида, гӯри даҳонво мекофтед. Раҳматонро хӯрдем, мисли булбул ба нағмасароӣ даромадед.

– Раҳми маро Худо хӯрад. Ба иноятӣ бандагонаш чашми умед намебандам.



https://bikhon.tj/

– Ба ин якравиат, албатта, умед намебандӣ. Қарсак аз ду даст мебарояд.

– Ман пеши касе сархам будан намехоҳам.

– Вақте муҳтоҷ мешавӣ, на танҳо сар, балки ба тамоми вуҷудат хам мешавӣ, – гуфт мард бо виқори сохта. – Зиндагӣ садҳо ту барин гарданшахора мисли абрешим мулоиму дастнигар мекунад. Онҳое, ки то дирӯз аз нозуктабъии зиёд дар болои кӯрпача рӯзнома паҳн карда, менишастанд, имрӯз розиянд дар пӯстаки пуркайк баҳузур хоб равад. Зеро зарурат сари чун сарв болоро низ мисли маҷнунбед мехамбонад. Муҳтоҷӣ сахт душвор аст, рангро зарду миёни барзагов барин бақувватро ҳам оқибат мешиканад.

– Файласуф шаву рав-е! – писханд кард ҷавонзан.

Ҳамин вақт зане ҳаросон роҳи мошингардро убур карда, ба онҳо наздик шуд. Аввал ба мард нигоҳи тезе афканду сипас бедилона барои салом ба ҷавонзан даст дароз карда:

– Хубӣ, Зулол, – гуфт. – Хайрият, аз мошин дидамат, вагарна саргардон шуда ба хонаат мерафтам.

Зулол шояд ин гуна мулоқоти ногаҳониро чашмдор набуд, ки андаке бесаранҷом шуда, пурсид:

– Тинҷӣ буд?

– Ҳа, тинҷӣ, – гуфт зан ва чанд лаҳза мунтазир истод, то мард аз онҳо каме дур равад.

Мард рафт.

– Ин кӣ? – песонида мардро гуселонид зан.

– Биргад, – посух дод Зулол.

– Чӣ мехоҳад аз ту?

– Кор.



https://bikhon.tj/

– Кор? – ба оҳанги тамасхур такрор кард зан. – Ҳамон магазини акаамро гардон карда натавонистӣ. Ё дилат ҳавои кушод хост. Албатта, дар ҳалқаи чунин мардон зиқ намешавӣ.

Ҳарчанд Зулолро аз ин гапҳои захрдори хоҳаршӯй авзоаш бечо шуд, базӯр худро ба даст гирифт, дандон ба дандон монда, гуфт:

– Асло аз захрзаниат наметмонӣ, а! Бе пул чӣ хел гардон мекунам мағозаро? Ҳама пули пасандозамонро акаат гирифта, гуму гӯр шуда рафт. Молҳои мағоза магар ба дуздию гургӣ ба даст омада будаанд, ки ба раҳи сияҳашон рафтанд. Ягон баракат надидам аз онҳо. Як ошнояш чанд рӯз пеш ду тӯб матоъро бурд. Гӯё акаат аз вай насия гирифта будааст. Ба ҳамин халос.

Ҷавонзан чанд лаҳза аз Зулол нигоҳи ҷангҷӯёна наканда, гуфт:

– Чизе аён аст, ҳоҷат ба баён нест.

– Чӣ аён аст?

– Шишту хезат.

– Чӣ, шишту хезам кач аст?

– Дигар мо кор надорем ба шишту хези ту. Дина Шералӣ телефон карда буд.

– Хайрият-е! Зинда аст? Корҳояш хубанд?

– Ху-у-би хуб, – мад кашид ҷавонзан.

– Чӣ хел хуб аст, ки қариб ду сол боз як тини зардак ҳам намефиристад барои сағираҳош. Гуфтӣ, ки занат тифли ширхорашро назди хушдоманат гузошта, ба кор даромад?

– Дигар чӣ фойида.

– Нафаҳмидам.



https://bikhon.tj/

– Талоқатро дод акаам. Ман барои ҳамин гапи қарзро расонидан омадам.

Аз шунидани ин хабари шум вуҷудаш ларзида, Зулол лол монд ва барқосо аз сараш гузашт: воқиан сахт аст шунидани вожаи талоқ. Беҳуда нагуфтаанд, ки баробари ба забон овардани ин калимаи шум ҳафт сутуни осмон ба ларза меояд.

Зулол чанд лаҳза моту мабҳут маҷоли ҳарфе ба забон овардан надошт. Баъд гӯё аз худ пурсид:

– Барои чӣ?

– Мегӯяд, ки кӯдаки кенҷаат аз вай нест, – гуфт хоҳаршӯй таънаомез. – Ба кӣ дода будӣ?

– Аз акаат напурсидӣ?

– Ғарию пешхезӣ, а!

– Гунаҳе накарда дар пеши туву акаат ғар ҳам шудам. Рӯятон сиёҳ!

– Алам кард? Аз аввал андеша кун буд.

– Чӣ хел алам накунад, ки шумо дидаю дониста ба ман туҳмат мезанед.

– Бе шамол шохи дарахт намеҷунбад. Аз ягон кас фаҳмидагист. Ҳозир телефон ба ҷойи гӯшу чашм, дар як лаҳза рафта мерасад хабар.

– Чаро ба худам нагуфт?

– Ту телефон надошта бошӣ, ба кӣ занг занад? Таъкид кард, ки ҳамин гапи қарзро ба ту расонам. Дигар ба умеди вай нашин, аробаатро худат кашидан гир.

– Бе таъиноти ӯ низ худам кашида истодам аробаамро.

– Каши-д-а-ан гир, – гуфт хоҳаршӯй тамасхуромез. – Ба акаи ман зан лак-лак, сад духтари хона мӯяшро шона зада, нишастааст. Тану ҷонаш сиҳат бошад, даҳ зани дигар мегирад.



https://bikhon.tj/

– Ошаш шавад, – гуфт Зулол ба дард. – Лекин садқаи як зан шавад акаи тарсуи ту.

– Ту, қанчиқи сабукпо, ҳазор бор садқаи бародарҷони паҳлавони ман шавӣ!

– Агар арзанда мебуд, албатта, милён бор садқаю банда мешудам. Сад сол дар мулки ғарибӣ гашта, як тин нафиристад ҳам, ду чашмам дар роҳаш чор менишастам. Ҳарчанд бе пулу пайса рӯз гузаронидан мушкил, аммо қадри мард дар назди зан набояд ба молу манолаш, балки ғурури мардию ору номусаш чен карда шавад. Файзи марди баномус дигар, танҳо сояаш кифоя аст, ки аз дару девори хонадон файзу баракат бирезад.

– Акаи ман бефайз буд?

– …

– Акнун ягон файздорашро биёбу давр рондан гир. Мебинам, ки вақтатро беҳуда намегузаронӣ, шояд аллакай ягон бою баҳунарашро ёфта бошӣ. Охир, дили хӯгирифтаро лаҷом задан бисёр мушкил.

– Аз таҷрибаи худат мегӯйӣ?

– Не, аз рафтори ту маънӣ мебардорам.

– Беэзор ба почаканда хандидаст. Ту, шарманда, маро насиҳат мекунӣ?

– Тоқат кун!

– Агар гуноҳ медоштам, албатта, тоқат мекардам. Аммо шумо айби набударо ба сари ман бор карданиед. Беҳуда нагуфтаанд: кӯри худу бинои дигарон. Ту аввал гиребони худатро бӯ карда, гап зан.

– Гиребони маро чӣ кардаст?

– Ёд дорӣ, як рӯз қабл аз тӯят акаат туро бо бачаи ҳамсоя дошта, чӣ девонагиҳо карда буд. Базӯр аз



https://bikhon.tj/

чанголаш халос карда, дар хонаи модарам пинҳон карда будамат.

– Дар ҷавонӣ ҳарчӣ буд, бигзашт. Ҳозир шавҳарам маро ҷойи шинонидан намеёбад, як вақаб аз хати кашидаам берун намеравад. Мур гӯям, дарҳол пой дароз мекунад. Пешу пасам пур, худам шоҳу табъам вазир, асал барин ширин зиндагиам. Хоҳишам аз даҳонам набаромада, дарҳол ба ҷо меорад шавҳарам. Аммо акаам талоқи туро дод, дигар дидан намехоҳад афту башараатро. Шӯдорӣ осон нест. Барои дили шавҳарро ба даст овардан ҳунар лозим. Ту беҳунарӣ, сазои сарат!

– Гапат рост, – заҳрханд дар лаб гуфт Зулол. – Аз ҳамон ҳунаре, ки ту дар назар дорӣ, бенасибам ман. Беҳуда нагуфтаанд: забони ғару дузд дароз. Медонӣ, барои чӣ?

– Барои чӣ? – филҳол пурсид ҷавонзан.

– Чунки шумо тоифа марду зан шарму ҳаёро намедонед, ору номус надоред. Доштагиатон ҳамеша дар дастатон худро ба бозор меандозед. Дигар ягон кор аз дастатон намеояд.

– Ту ҳам тону дарнамон.

– Безорам… – дигар аз ин туюмангӯиҳои бемаънӣ дилгир шуда, Зулол хомӯш монд. Аммо мисли кӯҳи азим вазнин буд ин хомӯшӣ барои вай. Ба китфони нозукаш фишор меовард бори вазнини туҳмат. Хост ҳама дарди дилашро ба сари хоҳаршӯй бирезад, аммо истиҳола кард, зеро медонист, ки гӯши ҳақшунав надорад он бебасар.

***

Оташи ҷанги шаҳрвандӣ, ки чанд моҳ ин ҷониб дар қисмати ҷануби кишвар аланга дошт, тадриҷан ба домани пойтахт низ чангол мезад. Дар шаҳри бе ин ҳам



https://bikhon.tj/

тарсхӯрдаю сару сомон аз даст дода гурезаҳо пайдо шуданд ва ба қалби шаҳриён воҳимаю овозаҳои даҳшатангез зам карданд. Қисми зиёди гурезагоне, ки аз тарси ҷон тарки хонаю дари хеш карда буданд, раҳ ба сӯи кӯҳистон гирифтанду боқимондаҳо хобгоҳи донишҷӯёну меҳмонхонаҳоро ғасб намуда, зиндагӣ ихтиёр карданд. Мардуми бумии пойтахт аз овозаи гурезагон ба таҳлука афтода, пешомади бадеро ҳис карданд магар, бору бунаашонро баста, дар нияти ба шаҳрҳои бехавф рафтан буданд. Аз дунболи гурезагон камондорон пайдо шуданд дар шаҳр. Чашмҳои хунгирифтаю нигоҳи тези онҳо гӯё одамро хӯрам мегуфт. Аз пӯшокашон кӣ буданашонро аниқ кардан душвор буд. Қисми зиёдашон дар тан либоси нимҳарбию ниммаъмулӣ ва ё варзишӣ доштанд. Азбаски нияташон нопоку мақсадашон ғорат буд, бештар дар бозору вокзал ва аҳён-аҳён корхонаҳои фаъол пайдо мешуданд. Авбошону муштзӯрон низ аз фалаҷии низоми кори ҳомиёни тартибот истифода карда, ба тоз меомаданд. Ҳар куҷо нафари андаке сарватмандро мединданд, тороҷ мекарданд. Алалхусус рӯзи тоҷирону бозорнишинон сахт буд. Яке молашонро ройгон мебурд, дигаре дасти тамаъ сӯяшон дароз мекард. Хулоса, ба тартибу низоми шаҳр дарз рафта, мизони некию бадӣ вайрон шуда буд. Ҳаққу ҳамсоя ва одамони то дина ба ҳам дӯсту қарин ба якдигар бо шубҳа менигаристанд. Деги қасосу кина якбора ба ҷӯшидан оғозид. Аксар тоифаҳои тиҳимағз дасти хешро боло дониста, соли ан ба касе андаке гапашон гурехта бошад, ба ёд меовардану аз пайи интиқом меафтоданд. Ба шавҳари Зулол низ ин боди шум асар кард. Дарҳол аз кор (ронандаи автобус буд вай) даст кашид. Баъзан ҳафтаҳо нопайдо мегашт, дар



https://bikhon.tj/

куҷо ва бо кӣ буданашро касе намедонист. Зулол дигар ҳад надошт аз вай суоле кунад, дарҳол зери мушту лагад қарор мегирифт. Аммо кисааш ҳамеша пур аз пул буд Шералиро. Дере нагузашта соҳиби мошин шуду дар ҳавои тиҷорат афтод. Як ҳуҷраи манзилашонро дар қабати якуми бинои чорошёна таъмиру тармим намуда, мағозае боз кард. Аз майда-чуйдаи рӯзгор то шиму костюм, пардаю матоъ савдо мекард Зулол дар он мағозаи қаду бараш се бар чор метр. Ҳар рӯз Шералӣ аз куҷое ҳар гуна моли серхаридор меовард. Тиҷораташон ба чор пой медавид, ривоҷ меёфт. Дигар ҳар шаб дар манзили онҳо айшу ишрат буд, қиморбозию мастӣ буд. Вақте дигарон нони хӯрданро ба азоб меёфтанд, ҳаври деги онҳо ба осмон дакка мехӯрд. Аммо ин ҳама шодкомиҳо ба дили Зулол намеғунҷид, худро на соҳибхона, балки чӯрии он даргоҳ мепиндошт.

Ҳамин минвол мегузашт рӯзу шаби онҳо.

Он рӯз низ тирамоҳ ҳукм меронд. Дар мағоза Зулол барои харидоре парда чен мекард. Ногоҳ шавҳараш дартоз омада, ба хонаи дарун даромад. Аз тарс дар рӯяш ранг набуд. Зулолро ин ҳолати ӯ алағда кард ва аз харидор узр пурсида, дунболи шавҳар рафт. Шералӣ саросема аз гӯшаи гилем гирифту дарвозачаи дар мағзи фарши тахтагин бударо боз намуда, ба таҳхона фуромад.

– Чӣ гап? – пурсид аз қафо ҳаросон Зулол.

– Омад… Ту маро надидӣ.

– Кӣ омад?

– Гапа бисёр накун… Рав ба ҷойи корат! Тезтар!

Зулол аз рафтори шавҳар ҳайрон қолинро ба тартиб оварда, ба мағоза баргашт. Ҳамин вақт аз дар ҷавони хушқаду қомат ва паҳлавонсурате дар тан либоси ҳарбӣ,



https://bikhon.tj/

дар сар телпаки қарокӯлӣ ворид гашт. Аз нигоҳи тезу маънидори ӯ ба дили Зулол оташ афтод. Бо вуҷуди ин сир бой надода, пардаро ба халтаи селофанӣ андохту ба харидор дароз кард. Ҷавон то ҳисобӣ кардани мизоҷ ба тамошои рафҳои мағоза андармон мунтазир истод ва баробари бадар рафтани харидор дарро аз дарун пӯшида, ба Зулол рӯй овард:

– Ку шавҳарат?

– Намедонам, субҳ дунболи корҳояш рафта буд.

– Чаро дурӯғ мегӯӣ? Ба ин ҷо даромаданашро ба чашмони худам дидам. Дар сари бозор маро дида, мисли рӯбаҳ думашро ходакунон гурехт.

– Ман надидам ӯро, – каме ларзид овози Зулол.

– Дари ин ҳуҷраро боз куну пеш даро, – ба дари рӯбарӯяш ишора кард ҷавон. – Ман нишон медиҳам ба ту ӯро!

Зулол лаҳзае дудила шуд, аммо аз ваҷоҳати ғазаболудаи ҷавон ҳаросид магар, итоаткорона дарро боз намуд.

– Ҷеғ зан! – ҷавон ба яке аз ду курсии мулоими дар даҳлези кушоду барҳаво гузошта нишаст.

– Набошад, аз куҷо ҷеғ занам? – гуфт Зулол.

Ҷавон зуд ду ҳуҷра ва балконро давр зада, баргашта ба даҳлез омад. Азбаски вай дар болои даричаи таҳхона рост меистод, ба дили зан оташ афтод: мабодо дар зери пояш будани онро пай барад!

– Чӣ даркор ба шумо шавҳари ман? – ҳуши ҷавонро ба гап гирифтан хост Зулол.

– Қарздор аст аз ман. Аммо баргардондан намехоҳад.

– Мо аз ҳеҷ кас қарз нагирифтаем.



https://bikhon.tj/

– Ту шояд қарздор нестӣ, аммо шавҳарат… Ман ба ту кор надорам. Куҷост вай?

– Ба Худо, намедонам, – гуфт Зулол ва дарҳол аз ноҷо қасам хӯрданаш пушаймон гашт.

– Дурӯғ нагӯй, хоҳар! – овозашро паст кард ҷавон. – Ман кӯр нестам, пешопеши ман ба мағоза даромад.

– Шояд аз дари дигар баромада, рафта бошад, – илтиҷоомез садо дод овози Зулол.

– Дидӣ, дурӯғ мегӯй. Ҳозир мутлақо аз диданат мункир шудӣ.

– Шумо аз ман чӣ мехоҳед? – сар ба зер афканд Зулол. – Зӯран ба хонаам даромада, маро истинтоқ мекунед. Ман ба милиса занг мезанам.

– Зӯрӣ накардаам ман ба ту ҳоло, – табассуми ҳазине дар лабони ҷавон барқсон пайдо шуда, зуд нопадид гашт. – Худо нигоҳ дорад аз зӯрӣ кардани мард ба сари зан. Аммо, бадбахтона, дар ин дунёи наркуши модапарвар ҳастанд ноҷавонмардоне, ки ба зани муштипар дастдарозӣ мекунанд. Кам бошанд ҳам, ҳастанд чунин палидон. Шавҳарат аз ман беҳтар медонад онҳоро.

Зулол аз ин суханҳои сарбастаи ҷавон чизе нафаҳмида, ҳайрон аз ӯ чашм намеканд: Чӣ мехоста бошад ин мард?

Мағмум буд нигоҳи чашмони калон-калони ҷавон. Ба назар чунин мерасид, ки ғамеро дар худ ниҳон доранд ин чашмон.

– Шавҳарам аз шумо чанд пул қарздор аст? – пурсид Зулол базӯр ғалаёни дилашро фурӯ нишонда.

– Агар пул қарз мегирифт, дарди бахайр буд. Мебахшидам!

– Молатонро ба насия гирифта буд?

– Не.



https://bikhon.tj/

– Пас чӣ?

– Номус қарздор аст аз ман.

– Нафаҳмидам.

– Шавҳарат пайдо шавад, мефаҳмӣ. Бо чӣ гуна инсони палиде дар як болин сар монданатро низ ба гӯши худат мешунавӣ.

– Равшантар гап занед, – торафт тоқаташ сар омада, овоз баланд кард Зулол. – Намефаҳмам, шумо чӣ хел инсонед. Бас будагист масхарабозӣ!

– Барои ту масхарабоз ҳам шудем, – аз ҷой баланд шуд ҷавон ва чанд лаҳза аз Зулол чашм наканд. Ҷавонзан ба таҳлука афтод, аммо чӣ кор карданашро намедонист. – Ман магар ба масхарабоз монандам?

Зулол аз тарс дар ҷояш нишаст ва ногоҳ:

– Шер! Ёрӣ диҳед! – гӯён ба тамоми овоз чиррос зад. – Шералӣ! Ёрӣ диҳед!

Вай дар ҷойи нишастааш дасту по мезаду шавҳарро ба ёрӣ мехонд. Мекӯшид ҳамзамон ба ҳамин роҳ ҷавонро, ки дар болои даричаи таҳхона рост меистод, берун орад. Зеро бовар дошт: вақте ки ба номуси ӯ марди бегона таҳдид мекунад, Шералиаш ҳатман барои халосиаш меояд. Бинобар ин ду чашми ҷавонзан ба гӯшаи қолин буд, ки ҳамин замон бардошта мешаваду шавҳар аз таҳхона сар мекашад. Аммо гӯшаи қолин бардошта нашуд, наомад шавҳар баҳри дифои ҳамсараш.

Ҷавон гӯё андешаҳои ҷавонзанро хонда бошад, таънаомезона гуфт:

– Беҳуда дар ташвиш нашав, ман аз он номардон нестам. Аммо вай шер не, рӯбаҳ аст, рӯбаҳ! Ту барои ҳамун тарсу ҷон меканӣ. Ун мурда аслан кирои гиря намекунад.



https://bikhon.tj/

Вақте ҷавон қадаме пеш гузошт, Зулол аз тарс қафонокӣ рафт ва ба мизи пастаки маҷаллагузорӣ, ки дар назди курсиҳо меистод, бархўрда, «воҳ» гўён ба пушт афтид. Аз зарби он фарш ларзид. Ҷавонзан зуд ба по шуда, ду-се қадам ақиб рафта, оҳиста дар курсӣ нишаст. Гўё ба доми сеҳр афтода бошад, дигар аз ҷавон чашм намеканд, мисли мори аз хатар бўй бурдаву арвакунанда ҳолаташро заррае тағйир намедод.

Чанд лаҳза хомўшӣ ба миён омад.

Ҷавон ҳайрон монд Баъд мисли паҳлавони дар талаби ҳариф мунтазир сари по нишасту сараш хам, шояд аз заъфи асабҳо, ба кандани пати қолин оғоз кард. Намедонист чӣ тавр аз хона берун равад. Ақл мегуфт бирав, аммо дил сўзиш мекард, ки не, фурсатро ғанимат дону интиқоматро бигир! Охир, тўли солҳо дар интизори ҳамин фурсат будӣ, онро аз даст мадеҳ, ки як умр ангушти надомат мегазӣ. Дарди бадро давои бад, гуфтаанд. Агар ҳамин тарз он ғамбодаро берун наорӣ, оқибат мехўрад ҷисму ҷонатро, ба куллӣ хароб мекунад асаби афгоратро!

Дар қайди чунин андешаҳо ҷавон сар бардошта, ба Зулол дида дўхт. Ҷавонзан шояд аз тарс ғунчасон дар курсии паҳлудори боҳашамат фурў рафта буд. Аз нотавонии худу тарсуии шавҳар дилаш обу адо ва лабрези ғаму ғусса мегашт. Ва ин дарду алам олуда ба ғазабу нафрин дар умқи дилаш ҷўш зада, қатраҳои сиришк рухсораҳояшро сўзонд.

Лаҳзае ба назари ҷавон чунин расид, ки вай дар роҳаткурсӣ ҳамсарашро мебинад. Озодааш тибқи одат пас аз ғизои шом ба нохунҳои дасташ лок зада, ҳар замон назар ба онҳо медўзаду аз ҳусни онҳо мезавқад ва аз



https://bikhon.tj/

маҳорати хеш меболад. Ҷило медиҳанд нохунҳои локхӯрда. Озода аз кори хеш мамнун чашм аз нохунҳо бардошта, ба меҳр сӯи шавҳар менигарад. Аз ин нигоҳи гарму нарм ва пур аз навозиш ҷони шавҳар роҳат карда, беихтиёр аз дил мегузаронад, ки кош ин меҳру вафо то абад поянда бошад, ҳаргиз чашми бад нарасад ба он. Сипас ба ин ҳиссиёти гуворо ширинии интизории тифли навзод зам мегардад. «Кошки ҳарчӣ зудтар пояш сабук шавад», – аз ҳамсари ҳомилаи худ чашм набардошта, аз дил мегузаронад ҷавон ва танҳо ба ёди он ки боз соҳиби фарзанд мешавад, дилаш аз фараҳ лабрез мегардад. Аммо дер давом намекунад ин эҳсосоти гарму гуворо дар вуҷуди ӯ… ногаҳон тақ-тақи дар ба самъаш мерасад.

– Ман мекушоям, – аз ҷой баланд мешавад Озода ва ба дасти рост миёнашро дошта, ҷониби дар меравад.

Ҷавон ба кори худ – иншои талабагонро тафтиш мекард вай, – идома медиҳад. Аз дами дар аввал ғибир-ғибир гуфтугӯи Озода бо касе ба самъ мерасад ва дере нагузашта, ӯро пешандоз карда, онҳо ба хона медароянд.

***

Се нафар буданд онҳо. Дар китфи як нафарашон автомат, сарашон луч ва дар барашон либоси варзишӣ. Ҳатто пойафзоли ифлосашонро накашида, дар назди ҷавон ҳозир шуданд. Пеш-пешашон Озодаи аз тарс қуташ кандагӣ.

– Кистед шумо? – зуд ба по шуд ҷавон.

– Шералӣ, фаҳмидӣ, аллакай моро фаромӯш кардааст, – гуфт нафари қадпасти ғалча, ба чашмони беқарораш чор ҳадди хонаро аз назар гузаронида. Аз гирумонаш ӯ



https://bikhon.tj/

саркардаашон буд. Чунки ҳарду даҳони ўро нигоҳ мекарданд.

– Ҳеҷ гап не, ҳозир ба ёдаш меорем, – гуфт Шералӣ тамасхуромез, автомати дар китфаш овезонро ба даст гирифта.

– Воқиан ҳам нашинохтӣ? – Ғалча аз кисааш таппончаро ба даст гирифт ва бо мили он ба китфи Озода нихтакунон амр дод. – Дар бари шавҳарат ҷафстар биист.

Ҷавон пешомади бадеро ҳис карда, муттасил меандешид, ки чӣ чора биҷӯяд. Ҳозир буд ба онҳо дарафтад, аммо аз аслиҳаашон ибо мекард. Бо вуҷуди ин ноаён мушакҳои дасту пояшро таранг кашида, ба муқовимат омода мешуд.

– Чӣ мехоҳед? – пурсид ҷавон.

– Ту ҳуқуқи савол додан надорӣ. Бояд фақат ба саволҳои ман ҷавоб бидиҳӣ, – гуфт бо виқор Ғалча.

– Ку шунавем, чӣ савол дорӣ, – қадре ором гирифт ҷавон.

– Саросема нашав, мо ба ҳеҷ куҷо шитоб надорем. Мешунавӣ саволамонро.

– Шумо саросема нестед, аммо ман вақти бо шумо лаққидан надорам, корам аз мӯйи сарам зиёд, – гуфт ҷавон, ки аз ин пурсуҷӯй лаҳза ба лаҳза ғашаш омада, бетоқат мешуд.

– Фаҳмидӣ, – аз нав ба Шералӣ рӯй оварда Ғалча, – вақт надоштааст барои ба мо лаққидан, кораш аз мӯйи сараш зиёд будааст.

– Ҳозир сарашро қоқоқоқ метарошем, – гуфт Шералӣ, – баъд на мӯйи сараш мемонаду на кораш!

– Фикри олиҷаноб, – завқид Ғалча ва ба Озода рӯй оварда, фармуд: – Қайчиро биёр!



https://bikhon.tj/

Ҷавон Озодаро андаке ба қафо кашид. Ғалча аз ин ҳолати ӯ рамуз гирифта, гуфт:

– Бе нағма биист, агар аз ҷоят биҷунбӣ, мепаронам.

– Чӣ мехоҳӣ аз ман! – қадаме пеш гузошт ҷавон.

– Боз савол… одам агар зотан бефаҳм бошад, дигар тарбия карданаш душвор мешудааст, – ба худ ваҷоҳати мутафаккирона гирифт Ғалча ва таппончаашро ба ҳаво алвонҷ дода, амр кард: – Бандед дасту пойи ӯро!

Ва нохост аз зарби мушти мисли путк вазнини ҷавон ба тахтаи пушт афтид. Аз ин зарбаи ногаҳонӣ он ду нафар лаҳзае худро гум карда, қафо рафтанд.

Ҷавон хост таппончаи Ғалчаро, ки ҳамагӣ се-чор қадам дуртар аз ӯ мехобид, ба даст гирад. Аммо чирроси Озода лаҳзае ӯро андармон кард.

– Парон! – наъра кашид Ғалча дар ҷойи нишастааш ва барои ба даст овардани таппончааш даст дароз кард.

Нафаре ки то ин дам ҳарфе ба забон наоварда буд, аз зарби мушти обдори ҷавон шикамашро дошта, ба замин нишаст. Аммо зарбаи қундоқи автомат ба паси сараш расида, аз пой даровард ҷавонро. Сахту ҷонкоҳ буд зарба. Пеши чашмони ӯро пардаи сиёҳӣ гирифта, сараш чарх зад ва оҳиста дар ҷояш нишаст.

Се нафар ҷавонро ба курсӣ шинонда, дасту пояшро бастанд. Даҳонаш скочпӯш Озодаро низ дар бараш шинониданд.

– Ту воқиан ҳам моро нашинохтӣ ё худатро ба муғамбирӣ мезанӣ? – пурсид Ғалча, пас аз ба худ омадани ҷавон дар рӯ ба рӯи ӯ сари по нишаста.

– Шинохтан ҳам намехоҳам, – гуфт ҷавон ба нафрат. – Мақсадатро гӯй. Чӣ мехоҳӣ аз ман?

– Ҳозир ба кӣ гуфтам, ки ҳуқуқи чуну чаро надорӣ?



https://bikhon.tj/

– Гапа намефаҳмидагӣ барин, – луқма партофт Шералӣ. – Ақлашро дарорам, командир?

– Саросема нашав, вақтамон зиёд, – гуфт Ғалча ва аз нав ба ҷавон рӯй овард.

– Панҷ сол пеш як маъракаи гӯштингириро дар Чорбед ёд дорӣ?

– Не, – посух дод ҷавон, базӯр ғалаёни дилашро фурӯ нишонида. – Аз афти кор, туро мағлуб карда будам.

– Номардона мағлуб карда будам гӯй.

– Ҳалол буд, зеро дар умрам ҳаром бозӣ накардаам. Агар розӣ набошӣ, биё гӯштин мегирем. Майдон аз далер аст, мегӯяд халқ.

– Ёфтӣ вақту ҷойи ҳарбатро, – киноя зад Ғалча. – Бас кардам ман гӯштингириро.

– Ҳоло магар барвақт нест?

– Аз дасти ту барин аблаҳон бас кардам, – якбора шӯрид Ғалча. – Он вақт ман нав оиладор шуда будам. Азбаски дар Чорбеду гирду атрофи он касе дилёб намешуд ба ман гӯштин гирад, дилпурона даъвои шутур кардам, ки соҳиби тӯй аз номи тағои писарбачаи хатнашаванда ба миён гузошта буд. Дақиқаҳо мегузаштанд, ягон довталаби дигар ба майдон намебаромад. Мағрур аз ҷоям бархоста, аз давра берун шудан мехостам, ки ту аз кадом гӯр пайдо шудӣ.

Ҷавон Ғалчаро шинохт. Шоҳмурод ном дошт вай. Пеш аз ҷанг паҳлавони номдор буд. Воқиан ҳам, ҷавон ба ӯ даст ба даст шуда, пушташро хок хӯронида, дар ҳузури як дунё одам парчини замин гардонида буд.

– Хеле қувва санҷидему ман ба ту гӯшакӣ кардам, ки беҳтараш, ҷудо шавем, бозӣ мусовӣ анҷом пазирад. Аздусар пули ҳамон уштурро ба ҳардуямон тақсим



https://bikhon.tj/

мекунанд, дасти холӣ ҷавобамон намедиҳанд. Охир, ҳар паҳлавон барои ба даст овардани маблағ ба майдон мебарояд. Аммо ту розӣ нашудӣ.

– На ҳар паҳлавон, – луқма партофт ҷавон. – Лекин гапат рост, розӣ нашудам, зеро дар умрам ҳаром гӯштин нагирифтам. Охир, майдони гӯштин ҷойи муқаддас аст, агар ба вай хиёнат бикунӣ, ҳаргиз намебахшад паҳлавонро. Майдон ҳарчанд ҳама чизро мебардорад, танҳо ба зӯр тан медиҳад, ҳангоми ҳарб то метавонад пойҳои ӯро мустаҳкам медорад.

– Агар ҳангоми ҳарб аз пой меафтондӣ, боке набуд. Аммо ту, намедонам ба кадом усул, маро ба ду даст озод ба тори сарат бардошта, даврараро гирд гаштию дар назди доварон чунон ба замин задӣ, ки гумон кардам, дилу ҷигарам аз бехаш канда шуд, шушам ба даҳанам омад. То ҳол агар суҳбат ба гӯштин оид шавад, одамон он лаҳзаро ба ёд меоранд. Хулоса, вақте ту маро афтондӣ, ҳаёҳуи одамон гӯё даврараро кафонд. Ту зери нидои офарину таҳсин, ман шармандаю сархам аз майдон берун шудем.

– Қойидаи мусобиқа ҳамин, яке бояд ғолиб ояд.

– Аз таърифи ман курта-курта гӯшт гирифтӣ, а? Саросема нашав, имрӯз ба ҳама кирдорат ҷавоб мегӯӣ, – гуфт Ғалча.

– Чӣ гуна кирдор? – нафаҳмид ҷавон.

– Мақсади ту он рӯз маро шарманда кардан буд. Ту ҳам мисли дигарон овозаи паҳлавонии маро шунида, шабу рӯз хобат намебурд, пайти муносиб мекофтӣ, ки шармандаю сархам бикунӣ.

– Иззатталабӣ ҳам ба эбаш, – рӯй турш кард ҷавон. – Ман ҳаргиз ба ту хусумат надоштам. Номатро шунида будам, аммо бори аввал ҳамон рӯз даст ба даст шудем.



https://bikhon.tj/

Дар хусуси кадом кинаю кудурат ва нотавонбинӣ гап мезанӣ?

– Медонам, тан намегирӣ, – давом дод Ғалча, – аммо имрӯз ман нишон медиҳам ба ту паст заданро. Агар ҳамон рӯз оини паҳлавониро андеша мекардӣ, ин қадар алам намекард. Болои сӯхта намакоб, берун аз давра ту он гӯшакии маро овоза кардӣ. Дигар аз дасти душманонам роҳи гурез намеёфтам. «Зандорӣ осон нест, – пичинг мезад яке, – ун кор филро аз пой меафтонад. Шаб қувваро зиёд сарф кардааст бачамард, ана оқибаташ! Деҳаро дар назди паҳлавони бегона шарманда кард», «Яке зан ва дигаре шароб марги паҳлавон аст, – ба захми дилам намак мепошид дуввумӣ. – Касе ба ин ду аз ҳад зиёд дил дода бошад, дигар бояд ба майдон набарояд». Хулоса, оҳиста-оҳиста аз майдон дур шудам. Хайрият, ҷанг сар заду бору бунаамро баста ба шаҳр кӯчидам ва шабу рӯз аз пайи интиқом гирифтан будам. Ва инак Худо моро бандаам гуфт ва оқибат фаро расид ин рӯз.

– Магар барои чор танга рӯсиёҳӣ кардани паҳлавон оини ҷавонмардӣ аст? Дар кадом китоб хондӣ ту ин оини нонавиштаро?

– Дар китоби зиндагӣ! Ту бе ташвиш бош, ҳозир хонда медиҳам он саҳифаашро.

– Мепаронӣ? – гуфт ҷавон.

– Не, ин гуна марг барои ту аз ҳад зиёд осон аст. Мехоҳам ту низ мисли ман азоб кашӣ, худро дарун-дарун бихӯрӣ, мисли шамъ аз ғаму андӯҳ зарра-зарра обу адо гардӣ.

Ҳарчанд ҳангоми ба хона ворид шудани онҳо андаке тарс дар дили ҷавон роҳ ёфта буд, инак вай ором гирифта, ба рафтори ин се нафар хандааш меомад.



https://bikhon.tj/

– Пас чӣ гуна ҷазо додан мехоҳӣ маро? – пурсид вай табассум дар лаб.

– Механдӣ, а? – гуфт Ғалча асабиёна. – Тоқат бикун, ҳозир ба ду чашми сарат мебинӣ ҷазоятро.

– Танҳо ба як роҳ метавонӣ аз ман қасдатро ситонӣ, – гуфт ҷавон маслиҳатомез.

– Ку шунавем, ба кадом роҳ?

– Дар гӯштин маро мағлуб созӣ.

Бо вуҷуди он ки аз суханҳои нешдори ҷавон ранги рӯяш тағйир меёфт, Ғалча ба азоб худро ба даст гирифта, гуфт:

– Ту дигар ҳуқуқи шарт гузоштан надорӣ.

– Пас ту низ дигар илоҷи ҷазо додан надорӣ.

– Дорам! – наъра кашид ногаҳон Ғалча. – Ҳозир дар пеши чашмат занатро таҷовуз мекунем. Баъд мебинам, дар назди ёру рафиқо ва хешу ҳамсояҳоят чӣ гуна сар бардошта мегардӣ. Ноилоҷ саратро гирифта, аз шаҳр мегурезӣ!

– Фикри олиҷаноб, – тохта ба по шуд Шералӣ ва зуд худро назди Озода расонида, аз дасташ дошт.

Фарёди имдодталабонаи Озода аз даҳони скочпечаш берун намеомад, ба шушаш зӯр меовард, вуҷудашро меларзонд. Вай то метавонист, муқовимат мекард, аммо аз панҷаҳои бақуввати Шералӣ раҳо ёфта наметавонист. Ба ҷуз нолаю фарёди нафасгир аз дасташ дигаре коре наомада, зан яқин аз ҳуш рафт, ки садояш хомӯш гашт. Шералӣ ба чобукӣ чоки гиребони куртаи ҷавонзанро даронд.

– Вазнин шав! – хитобид Ғалча. – Дасту даҳони ин бечора баста, ба ҳеҷ куҷо намегурезад. Коре, ки дар нияташ ҳастем, ба ҷуз кайфият назокат ва қоидаҳои



https://bikhon.tj/

худро дорад. Ҳама кор ба оҳистагӣ гуфтаанд. Наход нисбат ба чунин паричеҳра ин гуна дағал рафтор бикунӣ. Бубин чӣ хел зебост, мехоҳӣ ба як пиёла чой бинӯшиш.

Гӯшҳои ҷавон қуфл заданд. Вай мисли паланги захмӣ наъракашон бо курсӣ ва дасту пои баста нимхез шуд, аммо мувозинаташро нигоҳ дошта натавониста, ба даҳон парӯ афтод.

– Илтимос, сар диҳед ӯро! – мегуфт ҷавон дар димоғаш чанги қолин хирросзанон. – Раҳм кунед, ҳомила аст вай. Шумо ҳам зан доред, модару хоҳар доред. Ҳар коре раво мебинед, ба ман кунед, аммо ба занам кордор нашавед.

– Воқиан, нинича доштааст, – даҳонаш инҷ дасташро ба даруни куртаи зан андохта, гуфт Шералӣ. – Хоб рафтааст дар даруни шиками очеш. Ҳозир бедор мекунем ӯро.

– Гир дасти ифлосата, лаънатӣ! – иродати хестан мекард ҷавон.

– Вой, қаҳри додош омад, – ба ҷигари ҷавон нештар мезад Шералӣ.

– Бас масхарабозӣ! – гуфт ба оҳанги фармон Ғалча. – Сар бикун... Не, аввал ин мурдаро аз ҷояш хезон, то ба чашмонаш бубинад ҷазояшро. Охир, ҳамин ҳозир донистан мехост, ки ман чӣ гуна метавонам қасдамро аз ӯ бигирам.

Шералӣ ба кумаки нафари сеюм ҷуссаи вазнини ҷавонро ба азоб бардошта, хост ба по монад. Азбаски ду пояи пеши курсӣ шикаста буд, ин кор муяссар нагашт ба ӯ. Сипас чашмони Шералӣ ба ҷевони китоб афтид, ки аз золи дараш кушода менамуд. Зуд рафта аз рафҳо чанд китоби ғафсро гирифта, мисли хишт дар ду қатор чид ва курсиро ба боли онҳо гузошт.



https://bikhon.tj/

– Ана дар куҷо ба кор меомадааст китоб, – гуфт вай ба Ғалча. – Мани гаранг ҳамеша меандешидам, ки чаро баъзе одамон ҳаваси китобғундорӣ доранд, пул сарф карда, коғази бекораро мехаранд. Беҳуда набудааст шуғлашон. Ба кор меомадааст китоб ҳам.

Ғалча гӯё ин танзи ӯро нашунид, ба он парвое накард.

Нафари сеюм яқин то ҳанӯз аз зарби мушти ҷавон ба худ наомада буд, ба ин ҳама манзара бефарқ менигарист. Агар ягон кор фармоянд ба ҷо меовард, аммо хомӯш буд. Аз рафтораш чунин ба назар мерасид, ки маҷбур овардаанд ӯро.

– Кино тамошо кардан мехоҳӣ? – ба ангушти ишоратиаш манаҳи ҷавонро бардошт Ғалча.

– Секс, – луқма партофт Шералӣ.

– Нарасед ба вай, – зери лабу дандон ғурунгид ҷавон.

– Вагарна мезанимон? – писханд зад Ғалча.

– Мекушам! – гуфт ҷавон ба овози хирросӣ.

– Аҳмақ будаӣ ту! – гуфт Ғалча. – Даври ту гузашт, навбати мо расид акнун. Дигар ту маро бинӣ, то ҳафт маҳалла дуртар мегурезӣ. Куштан, а!

Ғалча ғайричашмдошти ҷавон чунон муште ба пешонаи ӯ зад, ки аз чашмони ҷавон оташак парид.

– Нияти қасдгирӣ дорӣ! – гуфт Ғалча, аз ғояти ғазаб ларзида. – Ту дигар қудрати ба чашми ман нигоҳ кардан надорӣ. Бас аст дигар ранҷу азоб кашиданҳои ман, поён омад ғаму ғуссаҳоям. Акнун навбати ту. Ман метавонистам ба як тир кори туро тамом кунам. Худат ҳам шояд мехоҳӣ ба ҳамин роҳ зудтар аз ранҷу азоб раҳо ёбӣ. Не! Ту бояд азоб бикашию ман ҳаловат барам.

– Ту мардӣ?



https://bikhon.tj/

– Албатта, марди майдонам! – хитоб кард Ғалча. – Ё то ҳол бовarат намеояд? Ҳозир мебинӣ, ки ман чӣ гуна мардам.

– Пас ба занам кордор нашав, ҳар ҷазоеро ба худам раво бубинӣ, тайёрам. Танҳо ўро раҳо бикун.

– Ҳилагар! – масхараомез ба ангушт таҳдид кард Ғалча ва ба Шералӣ рўй оварда, давом дод. – Чандин сол ин лаҳзаро мунтазир будам, аммо ин мегўяд, раҳо кун. Кадом шикорчӣ чунин оҳуи зеборо ба дом андохта, боз осонакак раҳо мекардааст. Ё ин аблаҳ аст, ё моро масхара мекунад.

– Агар ту мард мебудӣ, дасту пойи маро намебастӣ…

– Бас! – сухани ҷавонро бурид Ғалча. – Ҳозир замони қувваозмоӣ нест, автомат ҳал мекунад ҳама корро. Мададгори ҷавонмардон аст автоматҷон, – замзама кард ў. – Гузашт даврони дар мусобиқаҳо зўрозмоиву қаҳрамонкобиҳо.

– Не, – гуфт ҷавон, – то рўзе, ки як ҷавонмард зинда аст, наметмирад оини ҷавонмардӣ. Баръакс умри номардӣ мисли бод шикастан кўтоҳ аст. Танҳо чанд лаҳза аз худ бўйи нохуш паҳн мекунаду халос.

– Пўш даҳоната! – гуфт Ғалча ва ин дафъа ба як мушт даҳону бинии ҷавонро ғарқоби хун кард. – Сар кардем ба навбат!

Шералии ба ибо маътал ба Озода часпид.

Дигар ҷавон чизеро ёд надорад. Вақте ба худ омад, хона дар қабзи сукути вазнин ва ваҳшатзо қарор дошт.

***

– Ҳеҷ чиз намефаҳмам, – овози Зулол аз гирдоби азиятзойи андешаҳо берун овард ҷавонро.



https://bikhon.tj/

– Ҳозир мефаҳмонам ба ту, – гуфт ҷавон, дар ҷойи нишастааш чорзону зада. – Агар тоқати шунидани ин фоҷиаи нангинро дорӣ, пас гӯш фаро деҳ. Чанд сол қабл мо низ мисли шумо зиндагии орому осуда доштем. Бар замми маоши муаллимӣ дар тӯю мусобиқаҳо гӯштин гирифта, рӯзгорамро таъмин месохтам. Ҳамсарам низ дар мактаб муаллимӣ мекард. Он рӯз бино бар дар мураххасии ҳомиладорӣ буданаш дар хона буд. Мо фарзанди дуввумамонро интизор будем. Рӯзу моҳи занам пур. Ман дар гирдаш чун парвона мегаштам, намегузоштам дасташро ба оби хунук занад. Ба ташхиси пешакии духтурон вай бояд писар таваллуд мекард. Бахти бузург аст соҳиби писар шудани мард. Ту ҳатто тасаввур карда наметавонӣ хушбахтии моро дар он рӯзҳо. Дилҳоямон ғарқи орзуҳо барои тифли навзодамон ном мечустем. Азбаски ман Рустам ном дорам, ҳамсарам мехост Суҳроб ном гузорем. Ҳарчанд ба занам ошкор намекардам, аз ин тасмими ӯ дилам таҳ кашид. Охир, Суҳроб аз дасти Рустам кушта шуд. Хосияти хуб надорад чунин номгузорӣ, мегуфтам ба дил. Аммо боз меандешидам, ки бигузор гуфти вай шавад. Дар дунё лак-лак рустамҳо фарзандашонро Суҳроб ном мегузоранд. Тақдири фоҷиабори Рустаму Суҳроби афсонавӣ дар сарнавишти онҳо такрор намеёбад-ку! – гӯён худро тасалло медодам. Аммо се нафар номард ба сари он рӯзҳои ширини мо об рехтанд, орзуҳоямонро дар қалбамон гӯронида, маро як умр дар оташи ғам андохтанд.

Ҷавон лаб фурӯ баст.

Зулол ҳамоно зонувонашро оғӯш карда, менишаст. Инак андаке ором гирифта буд. Аммо то ҳол нигоҳи умед



https://bikhon.tj/

аз гӯшаи қолин намеканд. Аз он ҷо сар кашидани шавҳарашро интизор буд вай. Лекин шавҳар ба пайдо намеомад. Сукути вазнини хонаро танҳо садои чиқ-чиқи соати девор халалдор месохт.

– Рӯзе аз авҷи баҳорон онҳо бе пӯшт–пӯшт ба хонаи мо даромада, дасту пойи маро бастанд, – идома дод қиссаашро ҷавон, – дар пеши назарам занамро таҷовуз карданд. Ҳозир гуфтам, ки ҳомила буд ҳамсарам, аммо ин ҳолат низ он ҳайвонтабиатонро боз надошт аз аъмоли бадашон. Шояд ту пурсидан хоҳӣ, ки барои кадом гуноҳ онҳо чунин ваҳшониятро раво диданд ба ман. Ҳеҷ бадие накарда будам нисбат ба онҳо. Ҳамсарам низ як инсони беозор буд, ба касе баланд гап намезад. Мисли ман дар мактаб ба фарзандони мардум дарси забону адаб медод. Ба гуфти он номардон, гӯё ман яке аз онҳоро дар гӯштингирӣ мағлуб сохта будаам. Магар зӯру бозу ва ҳунари гӯштингирӣ доштан гуноҳ аст? Агар ҳар нафари мағлубшуда бар қасди ҳарифи дастболояш афтад, дар дунё варзишгар намемонад. Аммо мантиқи онҳо чунин буд. Азбаски дар даст автомат доштанд, гумон мекарданд, соҳиби зиндагӣ танҳо ҳамонҳоянд, ҳар коре хоҳанд, анҷом медиҳанд. Зӯру бозуи онҳо автомат буд, одам дар назарашон мисли пашша наменамуд. Он солҳо чунин афрод майдонро бе шер ёфта, чанд муддат ба тоз омада буданд. Одаму одамгариро тамоман аз ёд бурда, корашон дуздию ғорат ва интиқомгирӣ буд. Гумонашон, зиндагӣ як умр ба ҳамин минвол идома меёбаду пишаки онҳоро касе ҷуръати пишт гуфтан намекунад. Аммо дунё бесоҳиб нест, ҳар амали бад охир бояд ҷазояшро бигирад.

Хулоса, вақте он бебасарон амали пасти худро анҷом дода, рафтанд, рӯзи дигар ҳамсарам дар қубури обгузари



https://bikhon.tj/

таҳхонаи бинои истиқоматиамон худашро овехт. Ба дунё наовард Суҳробашро, ҳамроҳи худ бурд ўро ба дорулбақо. Маро ҳамроҳи духтарчаамон танҳо гузошта, рафт. Он рўз то пешин ўро ҷустуҷў кардам. Қарибиҳои намози аср як мард аз таҳхона пайдо кардааст ҷасади беҷони ҳамсарамро. Сантехник буд он марди солхўрдаи рус. Вақте барои таъмири обкаш ба таҳхона мефарояд, он манзараи даҳшатоварро дида, ба ҳамсояҳо хабар медиҳад. Як ҳафта пас каме ширакайф, чашмонаш пури об ба хонаам омада, гуфт, ки хабар дорад аз рафтори он номусулмонҳо. Сипас аз фоҷиаи модараш, ки вай низ ҳаёти хешро ба худкушӣ анҷом додааст, қисса кард ва дар охир ба надомат гуфт: «Модарам майзада буд ва ин дарди қаттол охир ўро ба зиндагӣ дилсард ва ба ин кўй раҳнамун сохт. Аммо аз дасти ҳамқавми ҳайвонсифати худ ба ин кор даст задан дарди сахт аст. Ҳайронам, то имрўз ба парҳезгорию порсоии мардуми мусулмон, алалхусус тоҷикон, ҳавасам меомад. Чӣ бало зад ин мардумро! Ба ҳамааш ҷанги лаънатӣ гунаҳкор». Сипас каме шармидаю узрхоҳона аз бағалкисааш як шиша арақ бароварда, гуфт: «Медонам, барои мусулмонон дар рўзи мотаму азодорӣ нўшидани шароб манъ аст. Аммо азбаски алҳол ҳардуямон танҳоем, мехоҳам ҳамроҳи ман бинўшӣ, зеро шароб то андозае ғамро аз сар дур мекунад. Одам бояд дар ду ҳолат бинўшад: яке дар рўзи хурсандӣ ва дигар дар ҳолати ғаму андўҳдорӣ». Ҳарчанд нўшиданро хуш надорам, он рўз барои нашикастани сухани меҳмон як-ду қадаҳ ҳамроҳаш гирифтам. Мардро торафт кайфаш баланд шуда, гуфт: «Аслан намефаҳмам, шумо, тоҷикон, чиро байни худ тақсим карда натавониста, гиребони якдигарро гирифтед». «Вазифаро»



https://bikhon.tj/

– посух додам ман. «Ҳокимиятро гӯй, – аз нав қадаҳи холиашро пур кард мард. – Ҳамааш айби муллоҳо, ҳокимиятро ба даст овардан мехостанд онҳо. Ба оташи чанд нафар зиёии аз коммунистҳо ранҷидаю ташнаи қасос ва тӯдаи мансабхоҳу моҷароҷӯй, ки дар оғоз дарун-дарун месӯхт, ҳай ҳезум кашонданд баъзе муллоҳои беимон. То алангаи он ба ҳама ҷо паҳн гашта, тару хушкро насӯхт, қарор нагирифтанд. Диданд, ки зӯрашон намерасад, дума хода карда, гурехтанд ба ҷойҳои бехавф. Халқи бечораю фиребхӯрда монд ба ғаму андӯҳи ҷигарсӯзи хеш. Хушдоманам дар Қӯрғонтеппа мезист он вақт. Дар совхоз ҳисобчӣ буд. Вақте ба хабаргириаш рафтам, ба оби чашм аз талаф ёфтани пахтаи саросар шукуфон ҳасрат кард. Ин чӣ замона шуд, деҳқонон ҳосили ба сад ранҷ парвардаашонро ба ихтиёри чорпоён гузошта, чанд моҳ боз дар майдон нишастаанд, гуфта буд вай. Эҳ, додар, зарари ин ҷанги бемаъниро мардуми бечора солҳо аз китфи худ дур андохта наметавонад. Чӣ хел фиреб доданд мардуми авомро, ба кадом ҳилаю найранг ва росту дурӯғ ба майдон кашиданду ҷанг андохтанд. Андеша накарданд, ки дар ҷанги шаҳрвандӣ ҳеҷ тарафе ғолиб ё мағлуб намешавад. Девонагист чунин ҷанг, оқибаташ фақат пушаймонист, зеро кордро ба ҷисми худ задан аст, ки ба ҷуз дарди ҷонсӯз ҳосиле надорад».

Баъд фаҳмидам, ки вай як сантехники одӣ набуда, то саршавии ҷанг сармуҳандисии як корхонаи бузурги пойтахтро ба уҳда доштааст. Пас аз кор мондани коргоҳаш барои таъмини рӯзгораш ба ин шуғл даст задааст. «Узр, ки туро низ нӯшонидам, – гуфта буд мард он рӯз ҳангоми хайрухуш. – Медонам, ба хотири



https://bikhon.tj/

наранҷонидани мани меҳмон ноилоҷ нӯшидӣ. Зеро иззати меҳмон барои тоҷикон хеле болост. Ба закитабъиятон қойилам. Аммо ба ин фаросати олӣ чӣ хел ба якдигар дарафтодед, ҳеҷ ақлам намегирад. Додарам, медонам, ҳеҷ гуна сухан марҳам намешавад ба дарди ту, бо вуҷуди ин сабур бош. Он лаънатиҳоро оқибат Худо мезанад».

Ҳамин зайл тасаллӣ дода буд маро он рӯз марди рус. Ман ба ҳарфҳои вай гӯш медодаму меандешидам, ки чӣ гуна ин дарди гаронро таҳаммул мекунам. Аммо чӣ тавре мебинӣ, намурдаам то ҳанӯз… танҳо ба хотири қасди Озодаамро аз он номардон ситонидан зиндаам. Мурда-мурда мегардам дар рӯи ин замини пургуноҳ. Аз саркардаашон гирифтам қасдамро, кунун туъмаи кирмҳост ҷисми ифлоси ӯ дар зери замин. Танҳо ду нафарашон мондааст беҷазо, – гуфт ҷавон, ба Зулол чашм дӯхта. – Чаро намепурсӣ, ки кистанд онҳо?

Зулол ҳамоно хомӯш буд.

– Бале, якеаш шавҳари иблиси туст! Вай он рӯз чӣ гуна чусту чолок дар хонаи ман ба парвоз омада буд, мисли ғуломи ҳалқабаргӯш ҳар амри хоҷаашро ба ҷо меовард. Мани дасту поям баста зору ҳақир намедонистам барои башараи хунуки онҳоро надидан чашмонамро ба куҷо гурезонам, аз чанголи нопоки онҳо чӣ гуна ҳамсарамро раҳонам. Дилам пур аз хуну зардоб мешунидам фарёди гунгу имдодталабонаи ҳамсарамро, аммо аз дастам коре намеомад. Он лаҳзаҳо ба маргам розӣ будам, сидқан аз даргоҳи Парвардигор илтиҷо мекардам, ки дар як он амонаташро бигирад. Зеро дигар тавони бардоштани он бори вазнини таҳқиру ҳақоратро надоштам. Баъзан меандешам, ки ҷони одамизод аз санг сахт будааст.



https://bikhon.tj/

Вагарна чӣ гуна ман тавонистам то имрӯз он ҳама дарду аламро тоқат кардан.

Дарро касе зад.

– Ти-и-ш! – ангушти ишоратиашро ба лаб гузошт ҷавон – Касеро интизор будӣ?

– Ҳамсоя барои шакар бояд меомад.

– Ором бишин, каме мунтазир шуда, меравад.

Ду-се маротибаи дигар дарро касе заду пасон шарфаи пои ӯ аз назди дар дур шуд.

– Ҳамсояҳоят одамони хубанд? – пурсид ҷавон.

Зулол ба саволи ӯ посух надод. Гӯё афсун шуда бошад, дигар маҷоли лаб кушодан надошт ӯ.

– Ман бас кардам рафтуомадро бо ҳамсояҳоям, – гуфт ҷавон. – Баъди ҳамон воқиа дилам мисли ях хунук шуд аз онҳо. Эҳ, дар ин ҷанги бемаънии мо чӣ қадар инсонҳои бегуноҳ ба туҳмату бахилӣ ва кинаю кудурати ҳамсояҳои девордармиёни худ нобуд шуданд. Қисми зиёдашон ҳеҷ гуноҳе надоштанд. Ба дупула гап ҷони ширинашонро аз даст доданд одамон: яке аз дигаре доротар буд ва ё чандин сол пеш ба ҳамсояи хеш гапаш гурехта буд ва ё хостгорҳои ҳамсояро ноумед гардонида буд... Алалхусус вақте фаҳмидам, ки ҳамон рӯзи наҳс ба манзили мо зӯран даромадани силоҳдоронро ҳамсояҳо дида будаанд, дилам тамоман монд. Охир, ягон нафар ба кумакамон наомад ё барои аз дасти он нобакорон халосонидан чорае наҷуст. Гӯё ҳеҷ коре нашуда бошад, мисли муш ба козаи хеш фурӯ рафтанд. Албатта, тарсиданд, нахостанд сари бедардашонро ба бало монанд. Он солҳо ҳама дар ғами ҷони хеш, мафҳуми дилсӯзию тарафгириро аз ёд бурда буданд. Аз болои мурда гузашта рафтани одамонро ба чашми худам дида, ҳаёти умрам хушк шуд ва имонам



https://bikhon.tj/

комил гашт, ки бетарафӣ мекушад оқибат моро, тарс ба сарамон об мерезад охири кор. Агар инсон аз азал тарсро ба хонаи дилаш роҳ намедод, зиндагӣ имрӯз тамоман ранги дигар мегирифт, дасти ҷабру зулму тааддии инсонҳо ба якдигар кӯтоҳтар мегардид. Аммо одамон наметавонанд тарсро аз дил берун кунанд. Решаи ҳама бадбахтиҳои мо аз тарс аст. Вагарна Худованд ҳама инсонҳоро як сон офаридааст, касе аз касе ягон камӣ надорад дар аввал. Ҳама лучу гирён ба дунё меоем. Аммо аз тарс чӣ кардем? Яке дасташро ба оби хунук назада, хоҷаву дигарӣ ғулом, тӯдае бою сарватманду боқимонда камбағал, қотил сарбаланду мақтули бегуноҳ сар дар хоки хунук. Ноадолатӣ зиёд аст дар рӯи замин ва ҳамаро тарсу бим мезояд. Хомӯшию сархамии ту низ аз тарс аст, – монологи худро ба поён расонд ҷавон.

Аз андешарониҳои бадарди ҷавон мутаассир Зулол аз ҷой баланд шуд, аммо боз ба кадом андешае аз нав дар ҷояш нишаст. Тадриҷан эҳсоси тарсу ваҳм ӯро тарк мекард, дигар аз ҷавон ҳарос надошт. Бино бар ин бори аввал зеҳн монда, ба ӯ нигарист. Ситорагарм буд ҷавон, пайкари қавию чеҳраи гармаш кадом як актёреро ба ёди Зулол овард. Аммо ҷавонзан ҳарчанд кӯшид, натавонист номи он ҳунарпешаро дар умқи хотироти инак парешонаш пайдо бикунад.

– Ана ҳамин аст қарзи шавҳари ту, – ба гуфтор омад ҷавон. – Чанд муддат боз онҳоро ҷустуҷӯ доштам. Ба навбат корашонро тамом мекунам. Дирӯз шавҳаратро дар кӯча дидам, халос хӯрд. Ту шояд пайхас накардӣ, ба мағозаатон даромадам, аммо ба ту чизе нагуфтам...

Ҷавон хомӯш монд.



https://bikhon.tj/

– Дидӣ, ба кадом ният ба хонаатон омадаму ду соат зиёд дарди дил кардам. Солҳои охир тез-тез бухс мекунад дилам, шояд ин захми носур фишор меорад ба он. Вагарна ман кай дар назди зан дарди дили худро ифшо мекардам.

– Аслан чӣ фарқ дорад дар назди ҷинси латиф дарди дил мекунӣ ё шариф. Чаро мардҳо занонро ба чашми кам мебинанд. Ҳеҷ андеша намекунанд, ки онҳоро маҳз зан ба дунё меорад, нуҳ моҳ дар батни хеш ба меҳр мепарварад. Магар ягон марди майдон ба ин қодир аст? – гуфт ба оҳанги гилаю таъна Зулол.

Аз ин эътирози ногаҳонӣ ҷавон лаҳзае гаранг монд.

– Ҳама бераҳмиҳои дунё аз мардон сар мезанаду ранҷу азобашро занону модарон мекашанд. Хайрият, ки шеваи гиря карданро омӯхтаанд, вагарна кайҳо торс мекафид ё обу адо мегашт дилашон. Нисфи ғаму андӯҳашонро ба ҳамин роҳ берун мекунанд аз қалби худ.

– Рост, – тасдиқ кард ҷавон.

– Номардиҳое, ки аз дасти мардон меояд, занҳо ҳатто ба гӯшаи хаёли хеш роҳ намедиҳанд. Шояд биандешӣ, ки қодир нестанд ба ин кор. Не, бадӣ кардан осонтарин кор аст дар олам. Аз дасти ҳама меояд он. Ё гапам нодуруст?

– Дуруст, – посух дод ҷавон.

Зулол дар назди ҷавон лаҳза ба лаҳза мешукуфт, зеботар мешуд. Аз он тарсу ларзи ҳини ба ин хона ворид шудани ҷавон доштааш осоре намонда буд. Аз оҳанги гуфтораш аён буд, ки дигар аз ҷавон ҳаросе надорад. Ин ҳолати рӯҳии вай ба ҷавон низ асар кард.

– Дуруст мегӯӣ, – аз нав такрор кард ҷавон. – Аммо чӣ чора, мо ҳамин хел сохта шудаем. Бадӣ бадӣ мезояд ва амали бад бояд ҳатман муҷозот бишавад. Ин қонуни



https://bikhon.tj/

нонавиштаи табиати инсонӣ аст. Қонуни давлат низ ҳаминро тақозо мекунад. Ба фикрат, ман шавҳари туро бубахшам?

– Худо ҷазо медиҳад ӯро, – гуфт зан.

– Не, – гуфт ҷавон, – ба умеди Худо намешавам ман. Ин гуна зотҳои касиф ҳуқуқи зиндагӣ кардан надоранд дар рӯи замин. Ифлос мекунанд онро ба ҳузури нопоки хеш. Беҳуда халқ хас каму ҷаҳон пок нагуфтааст.

Ҳарду хомӯш монданд. Соати девор чиқ-чиққунон ҳисоби вақтро шумур мекард. Аз хонаи дарун духтарчаи фатиламӯе берун омад. Шояд нав аз хоб хеста буд, ки ба муштчааш чашмонашро молида-молида то назди модар расид ва худро ба оғӯши ӯ андохта, ҳиққосанон гиря кард.

– Ҳа, чӣ гап? – гуфт модар, сари духтарчаро силакунон. – Одам аз хоб роҳат карда, мехезад. Чаро ту гиря мекунӣ?

Духтарча баргашта ба ҷавон нигаристу боз худро ба оғӯши модар андохт.

– Гиря накун. Ҳозир ба хабаргирии бибият меравем, – иродати хестан кард модар ва ба ҷавон нигариста гуфт. – Ман бояд модарамро хабар бигирам, дар беморхона хоб аст.

– Кадом беморхона? – беихтиёр пурсид ҷавон.

– Қарияи боло.

– Ҳавлии ман дар бари ҳамон беморхона, – гуфт ҷавон, – метавонам бо мошин бубарам.

– Не, – зуд рад кард Зулол, – хӯрокам тайёр нест.

Ҷавон дигар ҳарфе назада, то дами дар рафт ва дасташ дар дастаи он ба ақиб нигариста:



https://bikhon.tj/

– Ба шавҳарат гӯй, ки ман омада будам, – гуфт. – Кафанашро ҳамеша ҳамроҳ гардонад. Боз таъкид кун, ки интизории марг ҳар лаҳзаю ҳар соат бадтар аз марг аст.

Ва бадар рафт.

***

Дақиқаҳо паси ҳам мегузаштанд. Шералӣ дар кунҷи таҳхонаи торику пур аз ҳар гуна лашу луш дар димоғаш бӯи бади пиёзу картошкаи пӯсида менишаст. Дилаш ноором метапид, гунаҳояш гӯё дар оташи таб месӯхт. Шояд аз таъсири намӣ пешобдонаш зуд-зуд ба сӯзиш омада, бисёр мехост қазои ҳоҷат кунад. Дар қайди чунин як ҳолати ногувор хешро маломат мекард, ки эҳтиёт нашуд, ҳузури Рустам-паҳлавонро аз дур пайхас накард. Пас аз дидан набояд ба мағоза медаромад. Агар аз роҳ гузашта, худро байни хонаҳо мезад, шояд халос мехӯрд. Агар он лаънатӣ гапашро ба занак гӯяду равад, дарди бахайр, аммо то шом мунтазир шавад, яқин дар ин заҳхона ба ягон беморӣ мепечам. Аз куҷо омад ба сарам ин лаънатӣ. Айби худам, содагӣ кардам, бепарво шудам. Ана оқибаташ! Акнун ба чӣ роҳ аз чанголи ӯ халос ёбам?

Овози пасти ҳамсараш омехта ба гурс-гурс қадамзании паҳлавон, ки фарши тахтагинро ба ларза меовард, дар гӯшаш Шералӣ аз Худо илтиҷо мекард, ки он меҳмони нохонда аз ҳузури ӯ дар таҳхона хабар наёфта, ҳарчи зудтар манзили ӯро тарк кунад. «Агар даракамро ёбад, аз сад ҷонам якеро саломат намемонад. Ба хунам ташна аст лаънатӣ. Албатта, ҳисобашро ба занам аллакай баробар кардагист. Хеле афтударафту бардорузан карданд. Бало ба пасаш, сари зулфи дигареро мегирам, қаҳтӣ наомадааст ба тухми зан. Шукронаи ҷанг, нисфи занҳо



https://bikhon.tj/

бева монданд, ҷон-ҷон гуфта, мерасанд ба ман. Аммо ҳозир чӣ гуна ҷони ширинамро аз ин барзангӣ халос кунам? Эҳ, агар ҳозир дар дастам автомат ё Шоҳмурод мебуд. Куҷо гуму гўр шуда рафт вай. Худашро марди майдон мегирифт, андаке думашро ҷиқиданд, почаашро тар карда, ғайб зад. Сари маро дар бало монда рафт, занғар! Эй Худоҷон, мадад кун. Агар ҳамин дафъа ҷон ба саломат барам, дигар сиёҳиамро нишон намедиҳам ба ў. Худи пагоҳ ба Русия меравам. Он ҷо замини Худо кушод, дар сад сол ҳам намеёбад маро. Баъд Худо подшо, ягон илоҷамро меёбам. Пулам бисёр шавад, ба ҳар роҳ саришта мекунам ин занғарро. Агар Рустами Дастон бошад ҳам, аз дастам халос намеёбад. Одам агар бою пулдор бошад, як нафарро безарар гардонидан мушкиле надорад. Фақат ҳамин дафъа халос хўрам».

Тақрибан пас аз як соат кунҷи қолин ба ҷунбиш омад. Гўё тарсида-тарсида пораи чоркунҷае аз фарш баланд шуд ва Шералӣ дуздида-дуздида чун каждуми таки бўрё сар берун овард. Чун бовар ҳосил кард, ки дар хона ҷуз Зулол дигар ҷонзоте нест, қомат рост кард. Ҷавонзан дигар ба шавҳар, ки ҳаросон чор ҳадди хонаро назора мекард, эътибор надод.

– Рафт? – пурсид Шералӣ пичирросзанон.

Хомўшӣ.

– Кар шудӣ?!

– Ҳа, рафт.

– Кай?

– Хеле шуд.

– Мемурдӣ, барвақт хабардор мекардӣ! Дар таҳхонаи пурзаҳ дамам гирифт.

Зулол лаб накушод.



https://bikhon.tj/

– Чаро лабу лунҷат овезон. Чӣ гуфт вай?

– Туро пурсид.

– Инро бе ту ҳам медонам. Чӣ кор доштааст ба ман?

– Барои қарзашро бозгирифтан омадааст.

– Чӣ гуна қарз?

– Ту аз ман беҳтар медонӣ, – гуфт ҷавонзан ва ба теғи нигоҳи шавҳар тоб наоварда, сар ба зер афканд.

– Кӣ суроғаи хонаи маро ба вай додаст?

– Напурсидам. Шояд ҷӯраат нишон дода бошад.

– Кадом ҷӯраам?

– Ҳамоне, ки ҳамроҳ ба хонаи ин ҷавон рафта будед.

– Номақул кардӣ! Ҷӯраам зиёда аз як моҳ ин ҷониб бедарак. На мурдааша меёбанд, на зинда буданаш маълум.

Чанд лаҳза ҳарду сокит нишастанд. Ин хомӯшӣ ба дили ҷавонзан торафт тазйиқ меовард.

– Ман бояд модарамро хабар гирам, – гуфт вай, сар бардошта.

– Чӣ?! Намемурад модарат, кайф карда, дар палатаи гармакак хоб аст. Рав, арақа биёр, газакро низ фаромӯш накун.

***

– Э занак, ҳушат куҷо рафт? – овози Сорохола Зулолро аз олами андешаҳои гарон берун овард. – Вақти обед шуд, ҳама ба умеди ту.

– Ҳозир… чоя фаромӯш кардам.

– Кӣ омада буд наздат? Чаро ин қадар хотират парешон?

– Хоҳаршӯям.



https://bikhon.tj/

– Зуҳра?

– Бале.

– Нашинохтамаш, шукуфтааст вақтҳои охир. Албатта, зиндагиаш тинҷ, серу пур аст.

– Бо мир нишаста, шавла намехўрад ҳозир вай. Шавҳараш ба дуздию гургӣ соҳиби мошин, молу манол шуд, кордашон мудом болои равған, бо ману шумо барин камбағалон ҳатто ба нўки даст салом намекунад.

– Тавба, аҷаб замонҳое шуд, дузду ғар бологузару ҷойи одами ба роҳаш рост, дилу нияташ соф дар таги дар.

Зулол ғамгин сар ба зер афканд.

– Тинҷӣ будаст? – пурсид Сорохола.

– Тинҷӣ ҳам гап… – забон хойид Зулол ва лаҳзае дудила шуда, афзуд. – Акааш талоқи маро додаст.

– Чӣ?! – ҳайратзада пурсид Сорохола. – Шавҳарат магар баргашта омад? Рўшантар гап зан.

– Дар хусуси торикӣ магар рўшан гап зада мешавад, хола? – бадард садо дод овози Зулол. – Ба воситаи телефон додаст ҷавобамро.

– Тавба! Тавба! – гиребонашро ба ҳам овард Сорохола. – Ин хелашро бори аввал мешунавам. Магар ба тилфон ҳам талоқ медодаанд. Ин магар кори бозӣ аст? Талоқ, а! Номаш гум бод ин калимаи шумро.

– То инсонҳои бадкеш ҳастанд, гум намешавад ин калима, гаштаю баргашта садо медиҳад ва ҳазорон қалбҳои гармро мисли ях сард мекунад.

– Фаромўш накун, духтарҷон, поёни шаби сиёҳ сафед аст, гуфтаанд. Зиндагӣ пастӣ дорад, баландӣ дорад.

– Дар ин умри кўтаҳам серам аз пастию баландиаш. Ягон роҳи ҳамвору росташро надидам. Фақат пайраҳаи пур аз хор, кўҳу кўталаш будааст насиби ман.



https://bikhon.tj/

– Ҳай, ҳай, чӣ шуд ба ту? Осмон омада ба замин начаспидааст-ку! Дуруст, талоқ додан на ба Худои карим хуш меояду на ба бандагони баимонаш маъқул аст. Онҳо то аз дасташон омадан мекӯшанд онро пешгирӣ кунанд. Аммо чӣ илоҷ, инсони хокӣ хомиҳои зиёд дорад, баъзан ба роҳи хато меравад, чашмонашро абри сиёҳи кинаю кудурат ва ғазабу хашм кӯр мекунад. Рости гап, аз аввал маъқул набуд ба ман шавҳари ту. Аз хурдиаш мешиносам ӯро, дар пеши назарам ба воя расид. Авлодашон ҳама гурусначашму майдагап ва кинагиранд. Шералӣ аввалҳо хаппак, дамдузд буд, аммо баробари сар задани даргириҳо мисли каждуми таки бӯрё сар бардошта, ба неш задан даромад. Шояд хабарат буд, чандин ҳамсояҳо аз дасти ӯ ҷабр диданд. Ҳатто ҳаққи ҳамсоягиро хотир накард нокас. Аз амалҳои дар дигар ҷой ба одамон раводидааш хабар надорем. Ба ким-кадом одамони мисли худаш дасту дилашон нопок ҳамтабақ гашта, хеле йӯрға кард. Аз дасти онҳо ҳар кор, ҳатто одамкушӣ, меомад. Чанд бор дар дасташон яроқ дида будам. Мошинсавор ҳай тохтанд дунёро. Хайрият, ҳукумат барқарор шуду нӯхтаи шавҳари ту барин ҳангиҳоро кашид, яроқашонро аз дасти нопокашон кашида гирифт, вагарна бунёди адлу инсоф ва раҳму шафқатро батамом месӯхтанд.

Сорохола гӯё таъсири суханашро ба ҷавонзан месанҷида бошад, чанд лаҳза ба рӯи вай нигоҳ карду афзуд:

– Агар ҳамин гуна марди сифла талоқатро диҳад, ҳеҷ ҷойи афсӯсу дареғ надорад. Ту як ҷавонзани озода, албатта, рӯзатро меёбӣ, бахту тахт ҳам мебинӣ. Бовар кун ба гапҳои ин холаи пират. Зеро ман ба Худованди яккаву



https://bikhon.tj/

ягона бовар дорам, медонам, ки ӯ ҳаргиз бандагони ба роҳашон ростро танҳо намегузорад.

– Танҳо гузоштанашро зиёд дидем, – гуфт Зулол ба алам.

– Астағфируллоҳ гӯй, духтарҷон, гунаҳкор мешавӣ. Шайтонро ҳай зан, даҳони ғазабро бубанд. Медонам, андаке ором бигирӣ, фикрат дигар мешавад. Худои карим ягона зоти беайбу гуноҳ аст, раҳмонию раҳимиаш нисбат ба мо, махлуқони пурайбу гуноҳ, ҳадду ҳудуд надорад. Эҳе… як қанор аст айбу ҷурмамон дар рӯи ин замини бечора. Танҳо замин тоқати бардоштани гуноҳҳои моро дорад. Аммо мо ношукрем, на тоқати гармӣ дорем, на хунукӣ. Андак зӯрамон ояд, шикваамон гӯши фалакро кар мекунад. Чунин як масале ҳаст: Марде умри дароз дида, вақте паймонааш пур мешавад, ҷон ба ҷонофарин таслим мекунад. Дар он дунё дафтари аъмоли ӯро варақ мезанад, ки дар ин дунёи фонӣ чӣ амалҳои неку баде анҷом додааст, дар мушкилиҳо, дарду машаққатҳо сабур будааст ё на, аз фармудаҳои Парвардигори хеш кадомеро ба ҷо овардаасту кадомеро не. Мард низ ба дафтари аъмоли худ чашм давонда, мебинад, ки дар масири зиндагӣ ҳамеша дар баробари пайи қадами ӯ як ҷуфти дигаре ҳамроҳ будааст. Мегӯянд, ин Худованд аст, ки дар ғаму шодӣ, сахтию бемориҳо ҳаргиз туро танҳо нагузошта. Мард ҳама рӯзҳои дар замин ба сар бурдаашро якояк аз назар гузаронида, дар мушкилтарин лаҳзаи умраш ҷуфти пойи худро танҳо мебинад. Вай дарҳол мепурсад: «Оё Худованди ман дар он лаҳзаи душвортарини умрам, ки воқиан ба дастгирӣ муҳтоҷ будам, маро тарк кардааст?» «Не», – посух медиҳанд ба ӯ. «Пас чаро дар он лаҳзаҳо пайи пойи ӯ



https://bikhon.tj/

нест?» – мепурсад мард. «Иштибоҳ мекунӣ, инсон, он изе, ки мебинӣ, пайи пойи Худованди аззавақал аст, ки туро рӯйи даст бардошта, мебурд», – таъкид мекунанд ба мард.

Сорохола чанд лаҳза лаб фурӯ баста, идома дод:

– Ана ҳамин ранг аст кори дунё, духтарам. Агар мо ҳама вақт ба фармудаи Парвардигори хеш амал мекардем, олам гулистон мешуд, ин замин кайҳо ба биҳишт табдил меёфт. Сад афсӯс, ки фақат вақти дар гирдоби ғаму андӯҳ ва сахтию дармондагӣ танҳо мондан ӯро ёд меорему имдод металабем. Дузд ҳам Худоҷон гӯён мегурезаду соҳиби мол низ дар забонаш исми Аллоҳ аз паси ӯ медавад. Бадбахтии мо, инсонҳост, ки ишқи Худовандро низ ба манфиати худ мутобиқ гардондан мехоҳем. Ҳар кас аз дилу нияташ меёбад, беҳуда бало гӯӣ, кӯҳ низ бало намегӯяд. Аммо ин ҳақиқатро кам касон эътироф мекунанд, бурдашонро аз худ медонанду бохташонро аз дигарон. Назари Худованд ба пастӣ гуфтаанд. Яъне кибру ғурур ва бухлу кинаро аз қалб берун кунӣ, дӯстат медорад Парвардигор. Бархе ҳеҷ моҳияти ҳамин гапҳоро намефаҳманд.

– Фаҳмидан намехоҳанд, – луқма партофт Зулол.

– Бале, духтарам, ҳамеша роҳи осон мекобанд, ҷонашонро дар азоб гузоштан намехоҳанд. Охир, дӯст доштану ба ғами дигаре шарик шудан ё як бурда нонеро ба нафари гурусна қисмат кардан идроки ҳамдардӣ мехоҳад, сӯзиши дилро тақозо мекунад. Ба ин на ҳар инсон қодир аст. Мани худро ба хотири дигаре дар вуҷуди хеш куштан корест басо душвор.

– Э, намехезед, соат аз як гузашт! – баланд шуд овози бригадир аз он сӯи роҳ. – Ин ҷо хонаи очаатон нест!



https://bikhon.tj/

– Овозат дар гӯр, – нигоҳи нафрат дӯхт Сорохола ҷониби бригадир, ки ҳамроҳи марде дар кадом хусус суҳбат дошт. – Дар куҷое ишкамбаашро сер карда, омад.

Бригадир нияти аз роҳ гузаштан дошт, аммо ҳамроҳаш чизе гуфту аз раъяш гашт.

– Хайр, духтарҷон, ин рӯсиёҳ наомада, равем, ки боз ягон гапи хунукашро мезанад. Ту пиёлаву косаҳоро шуста, биё.

Занҳо аз паси кор шуданд.

Зулол танҳо монд. Пиёлаҳоро ба оби новаи сементпӯши қад-қади роҳ ҷорӣ мешусту хаёли парешонашро ҳеҷ наметавонист ҷамъу гир кунад. Ҳарчанд мекӯшид гуфтугӯяшро ба хоҳаршӯй ба ёд наорад, аммо он чун соя аз бараш ҷудо намегашт, ба торҳои асабаш нохун мезад. Бар замми ин зиндагии якҷоябаш бо Шералӣ чун навори кино аз пеши назараш дур намешуд. Ҳарчанд ӯро бо мусоидати тағояш зӯран ба шавҳар дода буданду тӯли ҳамзистӣ кӯшиши зиёде ба харҷ дода, дилаш ба Шералӣ гарм нашуд, аз шунидани хабари талоқ аламаш аланга мегирифт, лаҳза ба лаҳза ғазабаш ҷӯш мезад. Шояд худро таҳқиршуда меҳисобид ва ё ба рӯзҳои бо он нокас барҳадар рафтаи умраш дилаш месӯхт? Аниқ дарк карда наметавонист вай решаи сӯзиши дилашро. Дарвоқеъ ба ҷуз таҳқиру таҳдид ва ҷангу ҷанҷол чӣ дид вай аз ин заношӯӣ? Магар зарур буд бо ӯ тӯли ин қадар солҳо зистан? Чаро волидайн домодро нашинохтаю насанҷида, гул барин духтарашонро ба ӯ доданд? Айби худаш ҳам ҳаст: сустӣ кард, фикрашро рӯирост ба падар нагуфт, ба тақдир тан дод. Эътироз накард, ки магар ӯ мол аст, чаро бе изнаш ӯро ба як нафари ноошно ба шавҳар медиҳанд. Охир, вай дар дил



https://bikhon.tj/

орзуи донишҷӯ шуданро мепарварад, мехоҳад соҳибкасб шавад, то дар тӯли ҳаёт азоб накашад, дастнигари шавҳар нагардад. Таваккал ба раҳми Худо кард, тибқи мақоли меҳр дар чашм сари кор гирифт. Аммо баръакс аз нигоҳи аввал меҳри ӯ костан гирифт аз шавҳар. Шаби нахустини арӯсиро ҳар гоҳе ёд орад, дилаш ба фарёд меояд. Вай онро дар хаёли рангини духтаронааш тамоман ба гунаи дигар тасаввур мекард. Аммо оқибати кор чӣ диду чӣ шунид, худаш медонаду Худованди болои сараш. Домод як поси шаб аз ҳалқаи ошноҳои мисли худаш маст хеста, омад. Арӯс ҳамроҳи холааш дар зери чодар танҳо буданд. Домод баробари вориди хона гаштан ба холаи ӯ, як зани солхӯрдаи фариштахӯ, беътиноёна гуфт: «Чӣ, секаса хоб меравем?!» Аз ин бешармии домод ранги рӯяш парида, занак ба аломати надомат сар ҷунбонду ҳарфе назада, аз ҷой хесту ҷониби дар рафт.  Ва дар дами он баргашта гуфт: «Домод, шаби аввал дағалӣ накунед, ки фариштаҳо аз назди арӯс дур мешаванд». «Ба ман ақл нашуда, дафъ шав тез!» – ғурунгид домод. «Ихтиёратон, даҳони бекор гуфтам-дия». «Эҳтиёт шав, ки зада мешиканам даҳони бекораатро! – гуфт домод ва ба арӯси аз ин муомилаи дурушт ҳайрон дод зад: «Ту чӣ азо гирифтӣ!» Сипас андаке калавида худро ба назди ӯ гирифт. «Ягон каси дигарро интизор будӣ? Ик! – гуфт вай ҳиккакзанон. –  Гап зан, чаро хомӯшӣ! Ман ба ту маъқул не… Фаҳмидам… ик!... чаро ту ин қадар нею нестон кардӣ ба хоҳару апаҳои ман. Ба иззати хостгорҳои мо фиристода нарасидӣ. Дилат то ҳол ба бачаи ҳамсоя кашол, а! Ик! Ту бо вай мегаштӣ, шӯхию бозӣ мекардӣ?». Аз ин туҳмат хун ба сараш зада, арӯс намедонист чӣ бигӯяд. «Чаро хомӯшӣ, гумонат, ман гӯлу гарангам, ҳеҷ чизро намефаҳмам? Барвақт хабар



https://bikhon.tj/

оварда буданд хоҳаронам!» «Донӣ, чаро маро ба занӣ гирифтӣ?» – тоқаташ сар омад арӯсро. «Барои зебоият гирифтам. Ин тарафаш дар дасти худам. Хирс… ик! аз зарби калтак мулло шудааст. Туро ман зада-зада ба худам моил мекунам. Агар аз хати кашидаам як вақаб берун равӣ, мекушамат! Ик! Фаҳмидӣ ё не?! Қалинатро додам, хунбаҳоятро низ медиҳам. Ҳарчанд ягон акаю додар надорӣ, ки аз ман хунбаҳо талабгор шавад. Падарат зӯри як мушти маро бардоштан надорад!» «Ман бесоҳиб нестам», – гуфт малӯлона арӯс. «Шуд, гапро кам зан!» – дод зад домод ва ба қаҳр пиҷакашро аз тан кашида, ҷониби арӯс ҳаво дод. – Тайёр шав, ҳозир ман меоям! Ик!»

Ҳамин гуна талх ва ба зӯрию таадӣ оғоз ёфта буд ҳаёти заношӯии онҳо ва ин лаҳни дурушту гӯшу дилхарош давоми солҳо барои Зулол сӯҳони умр буд, ҷони ширинашро шиканҷа медод. Борҳо аз дасти шавҳар, хушдоману хоҳаршӯйҳояш дод гуфта, ба хонаи падар рафт, аммо волидайн ӯро ҳар дафъа насиҳат мекарданд, ки аз ҷанги зану шӯ остонаи дар хандидааст, баргард, ҳамааш мегузарад. Бахт бахти аввал аст, мегуфтанд онҳо. Дар аввал бештар ҳангоми мастӣ дӯғу даранг мекард Шералӣ, аммо баробари оғози даргириҳо пӯстинашро батамом чаппа пӯшида, раги золимиаш беш аз пеш бедор мешуд. Он ҳама нуҳуфтаҳои бадбӯйи дилаш на танҳо нисбат ба ҳамсар, балки дар муомила ба кулли одаму олам зуҳур карданд, ки таҳаммулашон амри муҳол буд. Ба назари Зулол ҳатто ҷогаҳи хобашон бӯйи кирдору гуфтори бад мекард. Ва ҷавонзани озодманишу некбин аз гирумони шавҳар ҳайрон худ ба худ меандешид: наход инсон нисбат ба ҳамхайлони хеш чунин бадбин буда



https://bikhon.tj/

тавонад. Аз нишасти батадричи лаҳни дурушт дар гӯшу рафтори зишт дар чашм ваҳм лона мемонд дар қалбаш: мабодо вай низ ба ин ҳавои бад хӯ бигирад! Ноаён яъсу ноумедӣ ба ӯ ёр мегардид, рӯзҳояш бештар якранг мегузаштанд. Хайрият, шавҳар ҳамин дуконро боз карду ҷавонзан вақташро бештар дар он ҷо мегузаронд, ҳар рӯз ба гуна-гуна одамон доду гирифт карда, гуфтаю шунида, занги дил мешуст. Аммо шаб чун дар хона қошу қавоқи пур аз барфу борони шавҳарро медид, хуршеди дилаш ғуруб мекард, ҷойи онро чодари зулмот мепӯшонд. Танҳо ташрифи ҷавони паҳлавон хотима бахшид ба ранҷу азобҳои Зулол.

Ёди он ҷавон алҳол низ мисли барқ хотири парешони ҷавонзанро равшан кард, ба қалби озурдааш неру бахшид. «Ҳавлиам дар назди беморхона гуфта буд, – меандешид Зулол, – маҳаллаи начандон калон аст, ҳама якдигарро бояд бишиносанд. Агар пурсуҷӯ кунам, ҳатман меёбам. Зиёда аз як сол гузашт аз мулоқотамон».

Зулол борхалтаашро гирифта, аз ҷой баланд шуд ва дар самти муқобил шитобон роҳро убур намуда, ба пиёдагард дохил гашт. Бригадир ҳамоно гуфтугӯ дошт бо марди ношинос. Гармии офтоби аз паси абрҳо рухнамуда бештар мегашт, кӯча гӯё ҳарорати ҷонбахши онро дар мағз-мағзи ҷисму ҷони хеш эҳсос намуда, равшантару зеботар мешуд. Одамон аз паси кори хеш пиёдаву савора равуо доштанд. Ба назари Зулол ба сад ранг ҷило медод хиёбони шаҳр дар он нимарӯзӣ. Ҳаво тоза, мисли абрешим мулоим, на сарду на гарм. Ҷавонзан қафаси синаашро пур карда, нафас мегирифт аз ин ҳавои ҷонбахш. Вай дигар ба овои бригадири аз ин рафтори



https://bikhon.tj/

худсаронаи ӯ ҳайрон гӯш надода, пеш мерафт ва бовар дошт, ки ҳатман меёбад он ҷавонро.

# МОДАРИ СУФРАДӮЗИ МАН



https://bikhon.tj/



# ҲИКОЯҲО



https://bikhon.tj/

# ЛАХТИ ҶИГАР ДАР БАҒАЛ

Рӯз аз нисф гузашта буд. Ҳаво сард, офтоб гоҳ рух менамуду боз паси туман нопадид мегашт. Димоғи ҳаво гирифта, нам-нами борон меомад. Шамоли хунуки фасли поиз, ки торафт шиддат мегирифт, сару рӯяшро лесида, роҳгардиро барои ҷавони бисту ҳафтсола мушкил мегардонд. Мансур ном дошт ӯ. Дар бағалаш ҷасади кӯдаки парпечшудааш андаруни кампали пашмин. Вай гоҳ ҷасадро сари ду даст мегирифт, баъзан оғӯшкунон ба банди дилаш зер мекарду тобути фарзанд бар дӯш, сараш хам роҳ мепаймуд. Ҳарчанд тифли яксола вазни зиёд надошт, ғами фарзанди дар ғарибиҳо фавтидааш зӯр меовард ба дасту бозуи паҳлавононаи вай. Дилаш хун, ҷигараш пора, бо як ҷаҳон дарду алам ба роҳи номуайяне, ки Худо медонад, дар пеш чӣ ачубае барои ӯ дар камин ниҳодааст, пеш мерафт. Аз қафо зани тақрибан ҳамсоли худаш дилу бедилон қадам мезад ва амсоли оҳуи баррачаашро гумкарда дилкашол тез-тез ба ақиб менигарист. Нохост ҷавонзан рӯи роҳ ба зону заду ба панҷаҳояш заминро беихтиёр харошидан гирифт. Гӯё зар меҷуста бошад, беист ханҷол мезад ва оқибат



https://bikhon.tj/

нохунҳояш дард ёфтанд магар, даст аз замин бардошт ва аз умқи дил фарёди ҷонхароше берун овард: «Во бачаяки ғарибхокам! Ин дарду аламро ба кӣ гўям, ин сари сахтамро ба кадом гўри даҳонво занам!»

Мансур аслан гиряву оби чашм кардани занонро тоқат надошт, агар зани нолонро бубинад, сабраш сар меомад, дар хона бошад, зуд берун мерафт. Ва инак дилаш пур аз ғаму андўҳ, дар гўшаш нолаи ҷонхароши ҳамсар ҳама рагу паяшро таранг кашида, мекўшид ашк аз косаи чашмонаш берун наояд. Пеш мерафт, аз ақиб нигаристан метарсид: мабодо ба ҳоли табоҳи ҳамсараш дилаш ганда шаваду беихтиёр лаҷоми гиряро раҳо кунад. Зеро лаҳза ба лаҳза дилаш пур шуда, нафас дар шушаш гирех мехўрд.

Ҳамин тариқ гоҳе пиёда мерафтанд онҳо, баъзан бахташон хандад, ба мошин ё аробаи раҳгузар савор мешуданд. Оқибат ба як рустои сердолу дарахт, аммо алҳол шохҳояшон орӣ аз баргу мева расиданд. Дар саргаҳи деҳа таваққуф кард Мансур ва расидани ҳамсарашро, ки даҳ-бист қадам аз вай қафо монда буд, мунтазир истод. Аз пас ҳамоно нолаҳои пасти зан ва мангиданаш ба гўш мерасид.

– Роҳ гард, – гуфт Мансур, гарданашро каме ба ақиб тофта. Садояш на фармонро ифода мекарду на хоҳишу илтиҷоро. Ў ин суханҳоро ба ҳамсараш мегўяд ва ё ба худ, аз овозаш фарқ кардан душвор буд.

Зан гўё дубора рўҳи тоза гирифт, ки осемасар омаду аз остини шавҳараш дошта, гуфт:

– Биё ақиб мегардем, дигар тоқатам тоқ шуд. Охир, мо фарзандамонро ба кӣ партофта меравем? Кӣ сари гўри ў фотиҳа мехонаду хасу хошоки рўи қабрашро тоза мекунад? Метарсам, ки қабраш ботил мешавад дар ин мулки бегона ва



https://bikhon.tj/

аз бачаҳаки номуродам ному нишоне наемонад дар ин дунёи бевафо. Мефаҳмӣ ё не?!

Мансур карахт шуда буд, маҷоли даҳон кушодан ва ё аксуламалу эътино кардан надошт. Ин фоҷиа ўро ончунон гарангу пакар карда буд, ки мағзаш гўё аз кор монда буд. Ҳоло дар сари вай танҳо як андеша мечархид: ҳарчи зудтар аз дарё гузаштан!

– Ту дил дорӣ ё не? – ҳамоно остини пиҷаки шавҳарро раҳо намекард зан.

– ...

– Ихтиёрат, ман бармегардам, – рӯ ба қафо овард зан.

Мансур филфавр ба худ омад ва аз дасти ҳамсараш дошта, танг ўро ба оғўш кашид ва ашк гўё мисли вулқон аз чашмонаш берун ҷаста, рухсорашро мисли лахчаи оташ сўзонд. Вай анголаки худро ба фарқи сари ҳамсараш гузошта, борони ашкро раҳо кард. Зан бо ду даст камари шавҳарро дар ҳалқа гирифта, сар ба сандуқи синаи ў гузошту низ зор-зор гирист. Дар саргаҳи рустои бомҳои гилинаш пасту баланд ин ду муҳоҷир аз тақдири талху номард безабон шикваҳо карданду гиристанд.

– Бояд биравем, – гуфт Мансур, сари занро сила карда. – Пешонаамон шўр будааст, дар кўдакӣ синаи модарро сахт газида будаем. Дигар чора надорем, тири аз камон ҷастаро баргардонида намешавад. Ҷуз тоқат дигар роҳе нест. Ё ту мехоҳӣ, ки ин писарамонро низ ин ҷо ба хок супорему як умр аз дарди фироқ бисўзем?

– Мехоҳам дар бари Фаромўз бихобам, то ў азоби танҳоӣ накашад. Куш маро дар сари қабри ў.

– Дунё ба умед гуфтаанд, Худованд раҳим аст, боз фарзанд меёбем. Худатро обу адо накун, кори нашуданӣ шуд.



https://bikhon.tj/

– Не, ман дигар рӯ ба раҳми Худои бераҳм нестам! – дод зад зан.

– Андеша кун, гапҳои бенур нагӯй, қаҳри Парвардигорро наор, ки гунаҳгор мешавӣ, – гуфт аз суханони зан ларзида Мансур.

– Дигар зиндагӣ кардан намехоҳам, мефаҳмӣ ё не? Шум шудааст дар назарам ҳама чиз. Дигар аз фарзанд ёфтан ва аз доғи ҷудоӣ сӯхтан метарсам.

Зан аз ҳол рафта, дар ҷояш нишаст. Мансур низ дар бари ӯ ҷой гирифта, дасти росташ дар гардани зан гуфт:

– Майитро маътал кардан хуб не, занак. Мо бояд ҳарчи зудтар ҷойи тунукоби дарёро ёфта, ба ватан бирасем. Он тарафаш мулки худамон, одамони савобҷӯй ёфт мешаванд, то Даштак рафтан ёрӣ медиҳанд. То ҳол касе дар ватани худ раҳгум назадааст.

– Мо задем-ку раҳгум дар ватани худамон, – гуфт зан бо остини куртааш ашки чашмонашро поккунон, – аз тарси ҳамсояву ҳамқавмони хеш ҷилои ватан карда, дар мулки мардум дарбадару овораи ду дунё шуда, ду тифли маъсумамонро бой дода, якеашро ғарибхоку тобути дигараш бар дӯш сарсону саргардон гаштем-ку…

Мансур ба дарди дили зани аламзадааш чӣ посух доданашро намедонист. Зеро ӯ низ дар дил чунин аламҳо дошт. Ба худ суол медоду ҷавоб намеёфт. Ӯ тӯли ду моҳи гуреза шуда, ба Афғонистон омаданаш дар хусуси ҷанги бародаркуш зиёд меандешид: аз куҷо сар зад ин бало, кӯтоҳақлӣ аз кӣ гузашт, чаро мардуми серу пур, соҳиби дару хона, боғҳои меваҳояш шаҳдбор гумроҳу фирефта шуда, гиребони якдигарро гирифт?

– Ҳоло ҷойи ин гапҳо нест, – гуфт байни лабу даҳон Мансур. – Тоқат бояд кард.



https://bikhon.tj/

– Албатта, – гуфт зан киноямез, – ба ҷуз мурда-мурда тоқат кардан дигар чора нест. Чанд бор ба ту гуфтам, ки мо гуноҳ надорем, ҷойи гармамонро бечо накунем, гӯш накардӣ. Ана оқибати кор.

– Рост мегӯӣ, хато кардем, бояд намегурехтем... аммо вақте дар ҷангал оташ меафтад, тару хушк баробар месӯзад. Ҷон ширин.

– Ҷони ду тифли маъсумамон магар ширин набуд? – гуфт зан ба овози гиряомез. – Ҷони худамон ширину аз онҳо сабил?

Мансурро аз ин гапҳои заҳрдори зан тоқаташ сар омада, гуфт:

– Бас будагист, агар одам пешомадашро медонист, ҳаргиз хато намерафт. Агар омадани ин мусибатро медонистам, қадамамро аз остона берун наемондам. Бигузор мекуштанд, якбора халос мешудам. Акнун фаҳмидам, ки дар хоки ватан мурдан низ бахт будааст. Боре автобуссавор аз Душанбе меомадем, ки дар деҳаи сари роҳ одамон тобут сари китф аз ҳавлие баромада, ҷониби қабристон равон шуданд. Пирамарди ҳамроҳамон даст ба рӯй кашида, гуфт: «Худованд моро низ чунин насиба диҳад». Ману ошноям Мурод хандида, гуфтем: «Мӯйсафед, саросема нашав, ҳатман хоҳад дод». «Э писарам, ман дигар чизро дар назар дорам, – гуфт пирмард, – дар ҷогаҳи гарму нарми хеш ҷон ба ҷонофарин таслим кардану тобутро рӯи даст бардошта ба мазор овардани мардум на ба ҳар кас муяссар мегардад». Он замони тинҷу осуда, рости гап, ба умқи гуфтаҳои мӯйсафед сарфаҳм нарафтам, зеро аз рӯзе ки ақламро шинохтам, майитро ҳама дастҷамъона гӯру чӯб мекарданд. Аммо баъд… вақте дар ин ҷанги бародаркушамон бо чашми сар ҷасади одамро хӯрдани саг, бо либоси тан, бе кафан, мисли



https://bikhon.tj/

халтаи пору зери хок кардани ҷасади ҷавононро дидам, ҳамон суханони мӯйсафеди нуронӣ ёдам омад… Тақдири Мурод ба худат маълум, кафан набурд бечора, тани захминашро аз об кашида натавониста, фурӯ рафт ба қаъри он. Кӣ медонад, дар кадом хафол аст алҳол ҷасади варамидааш. Ё шояд дар поёноб дарё ба соҳил бароварда мурдаашро…

Ҳамин тариқ зану шавҳар дар саргаҳи Чилчароғ ном деҳаи сернуфус ба ҳамдигар рози дил карданд, гуфтанду шунидандуу гиристанд. Баъд, вақте ки зан андаке ором гирифту аламаш паст шуд, онҳо ба деҳа ворид шуданд. Ошхонаи сари роҳ камодам, манзараи гирду атрофаш ҳузнангез, дару деворааш шояд кайҳо боз рӯи таъмирро надида буд. Ҷиҳозаш низ фақирона буд. Аз ин манзара табъаш хира шуда, лоилоҷ рӯи кат гузошт ҷасадро Мансур. Хонсолор, пири айнакӣ, ба писарбачаи тахминан даҳ-дувоздаҳсола ишора кард, ки ба навомадагон хидмат бикунад. Дере нагузашта писарбача як чойник чой, ду нон ва дар тақсимчае ширинӣ оварда, рӯи дастархон гузошт.

– Чӣ мефармоед? – пурсид писарбача даст пеши бар ва посухи Мансурро мунтазир нашуда, дар лаб табассуми малеҳ, ба ҷасад ишоракунон пурсид:

– Хобаш бурд?

Зану шавҳар лаҳзае гаранг шуданд, зеро ин савол барояшон ногаҳонӣ ва посух гуфтан ба он гарон буд. Мансур акнун лаб ҷуфт кардан мехост, ки ногоҳ зан мӯякунон ҷасадро ба оғӯш гирифт. Мизоҷони чойхона ба зану шавҳар мутаваҷҷеҳ шуданд. Писарбача ҳайрон қафо гашт. Хонсолор аз кат поин шуда, назди онҳо омаду аз Мансур пурсид:

– Чӣ мушкилоте дорӣ, бародар? Мариз аст фарзандат?

– Фавтид, – гуфт Мансур ба овози хаста.



https://bikhon.tj/

Зан аз нав овоз баланд кард.

Марди афғон даст ба рӯй кашида, гуфт:

– Чӣ кумак бикунам?

– Ҳеҷ. Мо гурезаем, мехоҳем ҳарчи зуд аз сарҳад гузашта, фарзандамонро дар ватан ба хок супорем.

– Бародари азиз, ҳама ҷо замини Худост, ҳоҷати тифлро ба ин роҳи дароз бурдан нест. Дар қарибӣ қабристон ҳаст, биё, бубарем он ҷо ба хок супорем.

– Якеашро гӯр кардем ин ҷо, инашро бояд дар ватан дафн кунем. Ҳар вақт дард зӯр оварад, сари қабраш рафта, алами дилро паст мекунем.

Мард сар ҷунбонду чанд лаҳза хомӯш дар бари Мансур нишаст ва баъд бо ҳамдардӣ даст ба китфи ӯ гузошта, гуфт:

– Ҳама кор дар дасти Худост, мо бандаҳояш дасткӯтаҳем. Ғусса махӯр, хости Худо ҳамин будааст. Акнун дер шуд, шаб дар масҷид бимон, субҳ роҳатро идома медиҳӣ.

Хонсолор ҷониби матбах рафт ва дере нагузашта писарбача дар як табақ оши палав оварда, болои дастархон гузошт ва ба нигоҳи ҳайрони Мансур рамуз гирифта:

– Коком фиристод, бахшиш… пайса лозим не, – гуфту аз онҳо дур шуд.

***

Онҳо шабро дар масҷид гузаронидаанд.

Ҳанӯз чашми рӯз накафида Мансур бедор шуд. Одамон як-як барои гузоридани намози бомдод меомаданд. Имом, ки шаб барои онҳо аз хонааш ғизо оварда буд, низ расид ва барои роҳбаладӣ ҷавонеро ба онҳо ҳамроҳ карду секаса ба роҳ даромаданд. Тақрибан ду фарсах роҳро паймуда, ба лаби дарё расиданду каме пойин-боло рафта, ҷойи тунукобро пайдо намуданд. Об сард буд, суръати шамоли



https://bikhon.tj/

фасли пойиз меафзуд ва дар рӯйи оби ором ҷорӣ ҳар гуна нақшҳо мекашид. Мансур ба ҷавони роҳбалад сипосгузорӣ намуд, аммо бо вуҷуди ин ӯ чанд дақиқа мунтазир истод ва чун дид, ки меҳмонон дар тараддуди рафтананд, гуфт:

– Пайсам наметӣ?

Мансур аз ин саволи ногаҳонӣ гаранг шуд, зеро ҳузури роҳбаладро аз дилсӯзии имоми масҷид ангошта буд. То вай ба худ омад, ки:

– Надорем, – гуфт зан бо оҳанги маъюсона.

– Вақти ман сарф шуд, – изҳори нохушӣ кард ҷавон, – мулло гуфт, то лаби дарё бубар, бароят пайса медиҳанд. Ман вақти бекор надорум…

– Бародарҷон, ҳама пуламон ба роҳкирою ғизо сарф шуд, – илтиҷоомез гуфт зан. – Кори савоб кардӣ, дуо мекунем бароят аз даргоҳи Худованд, баракат меёбӣ.

– Ман ба дуои шумо зор нестум, – шӯрид ҷавон, – шумо барои худатон дуо кунед, ки зинда то он соҳил бирасед. Ҳоло пайсаи маро бите.

– Инсоф кун, бародар, – ба забон омад Мансур.

– Наметӣ?! Хуб, агар не, ҳозир пулиса ба сарут меорум, – бо таҳдид омодаи рафтан шуд ҷавон.

– Ист, – аз дасти ҷавон дошт Мансур ва ба занаш рӯ оварда, гуфт. – Либосҳои Фаромӯзро бидеҳ… барои бачаҳояш барад.

Занро гӯё қувваи барқ зада бошад, ларзида аз ҷой хеста:

– Намедиҳам! – гӯён дод зад ва анбони дасташро, гӯё аз дасти дарозе ҳифз мекарда бошад, ба қафаси синааш пахш кард. – Ягона ёдгор аз бачаҳакам ҳамин либосҳояшанд. Намедиҳам, бикушӣ ҳам, намедиҳам! Шабҳо бӯ кашида хоб меравам, – инони гиряро сар дод зан.

Мансур аз зӯри дарду ғазаб меларзид.



https://bikhon.tj/

– Бидеҳ! Агар пулисро биёрад, як дунё ғавғо мехезад.

– Намедиҳам, бигзор биёрад!

Ҷавони афғон аз муҷодалаи зану шавҳар тоқаташ тоқ шуда, Мансурро сари нанг овардан хост:

– Ту чӣ рақам мард ҳастӣ?.. Меравум.

– Бирав, дафъи муъминон шав! – бехудона дод зад зан. – Магар шумо мусулмонед... дар рӯзи сиёҳи як муъмин пул кор кардан мехоҳед... Маҳ! – бо дастони ларзон ангуштари никоҳиашро аз ангушти беномаш кашида, ҷониби ҷавон ҳаво дод. – Саратро хӯрад пайса, заҳру зақуми фарзандонат шавад. Мисли ман занат аз доғи фарзанд як умр биноладу асло оби чашмонаш хушк нашавад…

– Девона аст магар? – ғур-ғуркунон ҷониби мошинаш рафт ҷавони афғон.

То дер зан менолиду Мансур намедонист, бо кадом роҳ ӯро ором кунад. Дили худаш низ пур аз зардоб буд, ба дард меомад, сӯзиш мекард: аз сарсонию саргардонӣ, аз пеши касу нокас сарҳаму мулзам шудан, миннати номардеро кашидан, аз аҳволи хоҳаронашу падари пири дар он дашти бекарон андаруни хаймаи сард танҳомондааш, ки ҳангоми гусел кардан бо дастони ларзон оби чашмони камнуращро поккунон гуфта буд: Бачам, дигар умеди ба ватан баргаштан надорам, медонам, рӯзам башумор мондааст, шабҳо сих мезанад дилам. Бигузор ман дар ин замини бегона хок шавам, дидагиамро дидам, хӯрдагиамро хӯрдам. Аммо ту ин фарзандатро низ ғарибхок накун, ба ҳар азоб бошад ҳам, ақаллан ба ватани бобоиамон, ки ором аст, бурда дафн бикун, вагарна рӯзе ба ватан бармегардию ними дили тую келин ин сӯи дарё мемонад. Тасаввур мекунам, душвор аст бо ин дард зистан. Бирав, бачам, ҳарчи дар пешониат навишта бошад, ҳамонро мебинӣ. Агар замона тинҷ шаваду



https://bikhon.tj/

мардум ба сулҳу салоҳ оянд, чор-панҷ мӯйсафеди шиносро ҷамъ оварда, ба арвоҳи мани ғарибхок низ оши худоӣ бидеҳ. Паноҳат ба Худо!

– Ором шав, – гуфт Мансур, даст ба китфи ҳамсараш гузошта. – Ин кишвари бегона… капитализм. Бе пул як қадам намегузоранд ин ҷо, ҳатто ба саломи худоият бепул ҷавоб намедиҳанд. Қадри одамро ба андозаи ҳамёнаш бармекашанд. Мо, ки дар ҷамъияти дигар тарбия ёфтаем, ин гуна рафтори инҳо сахтамон мерасад.

– Мардум барои ҳамин гуна ҷамъият майдоншинӣ карданд? – бо оҳанги маломат пурсид зан. – Мехоҳанд ҳама чиз ба пул андоза карда шавад? Ҳамон зинадагии серу пурамон чӣ бадӣ дошт? Чанд бор гуфтам, ки оқибати ин корҳо вой аст, бовар накардӣ.

– Худат нағз медонӣ, ки қисми зиёди мардум агар ба майдон намерафтанд, радди маърака мешуданд, – гуфт Мансур. – Хоҳӣ, ки нашавӣ расво, ҳамроҳи ҷамоат бош, гуфтаанд.

– Магар расвоӣ аз ин зиёд мешавад?

– Инсон шири хомхӯрда, баъзан хато рафта, суду зиёни худашро намефаҳмидааст.

Ҳарду хомӯш монданд. Дарё дар ин мавзеъ ором ҷорӣ буд. Дар он тарафи соҳил мошини боркаше, ки болояш чанд нафар сиёҳӣ мекарданд, базӯр кӯталро боло шуда, дар гардиш нопадид гашт. Ҳама атроф дар ҳукми сардӣ, зардию хазонрезӣ буд. Вақте ки андаке заҳри об шикасту ба тани ҷонзоту табиат нармӣ давид, аз дарё гузаштанд онҳо. Мансур по ба соҳил гузошту чуқур нафас кашид ва дар дил ҳазорон бор шукр гуфту рӯҳаш болида гашт. Ӯ мисли қаноти уқоб ҳангоми парвоз ду дасташро кушода, қафаси синаашро дамонд. Дигар ташвише, ки дар он сӯи об дар дил дошт, гум



https://bikhon.tj/

шуд. Аз чизе хавотир набуд, аз манзараҳои шинос, талу кӯҳпуштаҳо дилаш боғ-боғ кушода мешуд. Каме дуртар аз соҳил дар сояи харсанге либосҳояшонро аз об ҷафида, дар тараддуди ба роҳ афтидан буданд, ки ду нафар марзбон болои сарашон пайдо шуд: яке миёнақад, қазоқнажод, дар танаш фуфайка ва дар сараш панамаи паҳнлапар дошт. Ҳамроҳи ӯ қадбаланд буд, дар танаш шинели нимдошт, дар дасташ дурбин буд. Ҳарду бо автомат мусаллаҳ буданд.

– Сафарҳо бахайр! – хитобид қадбаланд ба забони тоҷикӣ. – Аз куҷо пурсем?

– Аз он тараф, – ором посух дод Мансур. – Гурезаем, додар, кӯдакамон фавтид, барои гӯрондан овардем.

– Аз куҷоӣ, ака?

– Аз Қӯрғонтеппа.

– Дар ин ҷо чӣ гум кардӣ?

– Вазъияти Қӯрғонтеппа ба худат маълум, додарҷон, – ба гап ҳамроҳ шуд зан, – ҷанг он ҷо. Асли мо аз ҳамин Даштак, бобоҳоямонро муҳоҷир кардаанд солҳои шастум. Мехоҳем дар қабристони бобоиямон ба хок супорем.

– Мурод, ба застава мебарем, – гуфт ҳамроҳи ӯ, ки аз гуфтугӯи онҳо торафт бетоқат мешуд, ба забони русӣ.

– Додарҷон, мо чӣ гуноҳ кардем? – гуфт зан ба забони шикастаи русӣ.

– Чӣ гуноҳ кардем, мегӯӣ? – тамасхур кард марзбон. – Сарҳад шикастан гуноҳ нест магар? Ҷиноят аст, барои ин кор чор-панҷ сол дар маҳбас мешинӣ. Пеш даро!

– Муродҷон, – зора кард зан тоҷикписарро, – мурдаро дар роҳ мондан убол. Бе ин ҳам қариб ду рӯз дар роҳ будем.

– Апа, пеш даро! – овоз баланд кард марзбони миёнақад.

Пеш-пеш тоҷикписар, дар байн зану шавҳар ва марзбони дигар аз ақиб ба роҳ даромаданд.



https://bikhon.tj/

Дар застава зану шавҳарро ба назди капитани рус бурданд. Одами қавоқию ҷиддӣ менамуд вай. Пас аз арзи марзбонон капитан чанд лаҳза чашм аз Мансур наканда, гуфт:

– Дар куҷо фавтид кӯдакатон?

– Дар Афғонистон.

– Чаро ҳамон ҷо нагӯрондед?

– Як нафарашро ба хок супоридем… диламон нашуд, ба ҳар ҳол хоки бегона.

Капитан хеле аз вазъи гурезагони тоҷик дар Афғонистон пурсида, вазнин аз ҷой хест ва сигор даргиронда, назди тиреза рафт. Дар рӯйи ҳавлӣ манзараи аҷиберо дид магар, маҳин табассум карду аз тиреза чашм набардошта гуфт:

– Аҷиб мардумед шумо, фаҳмидан душвор.

Ва баъд шишаи тирезаро пушти нохун зада, аз берун касеро имо кард. Дере нагузашта ҳамон сарҳадбони тоҷик ҳозир шуд. Капитан ба вай фармуд, ки меҳмононро то роҳи калон гуселонад. Вақте ки Мансур берун баромад, чашмаш ба чанд нафар марзбон афтид, ки давра гирифта, бозии сагу гурбаеро тамошо доштанд. Гурба бо нозу карашма ба гардани овчаркаи бузургҷуссаи немисӣ савор шудан мехост, аммо саг бо фуки дарози хеш ӯро аз худ дур мекард. Гурба ду-се раҳ ғел хӯрда, аз нав ба саг дармеафтод ва ин дафъа вафодор навозишкорона бо пойи росташ ӯро ба замин хобонд. Марзбонон аз ин манзара ба ваҷд меомаданд.

Мансур ҳамроҳи занаш рост ба қабристон рафтанд ва аз нафаре пурсида, посбонро пайдо намуданд. Зан то дарвозаи қабристон тифл дар бағал мӯя мекашид. Мансур бо як азоб ҷасади фарзандро аз дасти ӯ гирифта, ҳамроҳи посбон дохили қабристон шуд. Посбон, марди тахминан шастсолаи қоматбаланд, ки дар зери чашми росташ холи сиёҳе ба



https://bikhon.tj/

андозаи танга дошт,  аз хонае, ки дар дами дарвоза буд, бел, зоғнӯлу мисрон гирифт ва онҳо дуртар аз дарвоза қабр канданд. Вақте майитро дохили қабр гузоштанд, аввал Мансур чанд бел хок партофт, баъд посбон шояд ба ҳоли ӯ раҳмаш омад, ки «белро ба замин гузор» гуфт. Сипас онро аз замин бардошта, тез-тез хок партофтан гирифт ва вақте пуштачае пайдо шуд, хоки ҷо-ҷо мондаро аз гирду атроф ҷамъ оварда, болои қабр партофт ва ҳар замон бо остини ҷома ашки чашмонашро сутурда, зери лаб пичиррос мезад: Бубахш моро, тифли бегуноҳ, бубахш…



https://bikhon.tj/

# МОДАРИ СУФРАДЎЗИ МАН

Хоб мебинам, ки модарам дар айвони хонаамон нишаста, суфра медўзад. Дар хобам ў ба ҳамон суратест, ки бори охир, ҳангоми барҳаёт буданаш, дида будам: пешониву рўяш пурожанг, чашмони мешиаш андешаманд, мўйҳои чакааш мошубиринҷ, қоматаш андаке хамида, лоғарандом, аммо чаққону серҳаракат. Дар танаш куртаи чити гулҳои олучадор, дар сараш пешонабанди сафед ва аз болои он рўймоли калони заминаш пур аз гули садбарг, дар пояш калўш. Ба ҳамин сурат як умр мондааст дар ёди ман модари ҷонпарвару заҳматкашам. Субҳ, чашми рўз накафида, аз ҳама пеш падарам бедор мешуд. Гўё бо сулфаи сохтаи хеш ба гўши ҳавлиамон табли бедорӣ мезад ва баъди чанде садои ў ба овозҳои гуногун омехта, саропои русторо фаро мегирифт. Баъд модарам хеста, агар замистон бошад, аввал ба бухории чўяниамон алав дармегиронд. Пешдаргиронаш ҳамеша чанд щохча арчаи хушк буд, ки баъди чанде чарсчурсу гулдурросзанон дармегирифт. То ҳол агар садои якнавохту гўшнавози алавро ба гулўи худ кашидани



https://bikhon.tj/

карнайи бухориамонро ба ёд орам, тану ҷонам гӯё аз гармии он роҳат мекунад. То тасфидани бухорӣ модарам бекор наменишаст, аз пахтаҳое, ки замистон ҳамеша дар назди бухорӣ мегузошт, қабзае гирифта, пундона мекард. Сипас ба бухорӣ ангишт меандохту ҷомаашро ба бар карда, ба ҳавлӣ мебаромад, дар берун дасту рӯй мешуст, гов медӯшид ва говамонро ба пода ҳамроҳ карда меомад. Баъд ман, сонӣ акаю апаам бедор мешудем. Модарам барои мо аз шир наҳорӣ омода мекард. Аввал падарам ба кор, баъд акаю апаҳоям мактаб мерафтанд. Азбаски ман дар навбати дуюм мехондам, ҳамроҳи модарам танҳо мемондам. Вай зуд таҳтӯл мекард ва баъд даричаи катакро боз карда, мурғҳоро ба ҳавлӣ сар медод. Агар падарам дар хона бошад, асло ин амалро ба ҷо намеовард, зеро падарам мурғро чашми дидан надошт, ки аз дасти вай дар ҳаёт чизе корида намешавад. Хулоса, пас аз анҷоми ин гуна корҳои майда-чуйдаи рӯзгор ба суфрадӯзӣ меоғозид модарам. Ин шуғли ҳаррӯзааш буд, зеро дар рустоямон ягона суфрадӯз буд ӯ. Баъзан аз рустоҳои дигар низ омада, суфра мефармуданд. Бештар онҳо ҳамроҳи худ пӯсти ошдодашуда меоварданд. Модарам ҳаргиз аз касе барои хидматаш маблағи аниқ талаб намекард, ба ҳар чизе ки медоданд, қонеъ мешуд. Гӯё ин корро барои савоб анҷом медод, баъзан шукр мегуфт ва ба худ менозид, ки мардум аз суфраҳои дӯхтаи ӯ нон мехӯранд.

Замистон ҳавлиамон дар канори деҳа мемонд, зеро дар рустои мо аксари мардум ду ҳавлӣ доранд: яке барои замистонгузаронӣ, ки онро қишлоқ мегӯянд ва дигаре барои зист дар айёми тобистон, яъне ҳаёт. Нимаи фасли баҳор, пас аз пасанда шудани боронгариҳо мардум оҳиста-оҳиста ба ҳаёт мекӯчанд ва то ҳосилбардорӣ аз анору



https://bikhon.tj/

чормағз, анҷиру санҷид, хурмову себи тирамоҳӣ ва дигар меваҳо он ҷо мемонанд. Азбаски мо як ҳавлӣ доштем, вақти ба қишлоқ кӯч бастани ҳамсояҳо ҳавлиамон дар канори деҳа танҳо мемонд. Акаю апаҳоям дар басти якум дарс мехонданд ва ман басти дуюм ба дарс мерафтам. Бино бар ин овони кӯдакию наврасиам то нисфирӯзӣ аз қафои модарам кашола шуда, мегаштам ва ҳар амалу гирумонашро гӯё азёд карда будам. Хусусан суфрадӯзиашро. Вақте ки вай корҳои хонаро анҷом дода, ба суфрадӯзӣ мепардохт, ман дар наздаш дароз кашида, ба ҳаракатҳояш зеҳн мемондам. Модарам аввал пӯсти ошдодашудаи меш, яъне чармро бо дастони коромӯхтааш ба чор тараф ҳамвор намуда, маҳин-маҳин масҳ мекард онро мисли пушти фарзанди хеш. Чарм гӯё аз дасти нарми ӯ маҳин-маҳин нафас кашида, роҳат мекард, ба ғанаб мерафт, суст мешуд. Сипас модарам қайчӣ дар даст аввал ҷойҳои ҳангоми пӯст кандани меш аз беэҳтиётӣ буридаву сӯрохкардаи қассобро қайчӣ мезад ва ду-се пӯстро буридаву рост карда, ба шакли давра паҳлуи ҳам мегузошту сипас онҳоро ба ҳам мепайваст ва дар охир шерозаи онро медӯхт. Вақте ки дар сари нарангушташ ангуштпона пӯшонида, як лаби суфраро сари зонувонаш мегирифту теванаро ба пӯст мезад, пӯст аз захми сӯзан ноаён садои кунде дардода, гӯё аз қисмати хеш менолид. Охир то ба ин ҳол расидан онро аз тани меш канда, намак мезананд, яъне ош медиҳанд ва чанд рӯз печонида дар гӯшае мегузоранд. Пас аз даббоғӣ аз он бӯйи тезу димоғсӯзе бармехезад ва онро кушода, қилашро ҷудо мекунанд ва пас аз шуста хушконидан он барои суфра дӯхтан тайёр мешавад, ки ин ҳама заҳмати зиёд металабад. Модари суфрадӯзам ин ҳама корҳоро танҳою хомӯш худ



https://bikhon.tj/

анҷом медод ва ҳангоми дӯхтан гӯё аз нӯги сӯзан ҳамроҳи нолаи пӯст овози маҳини ӯ, яъне суруди ҳазинаш низ метаровид. Азбаски овони тифлию ҷавонӣ зиёд азоб кашидаю аз волидайну хоҳараконаи ҷониаш барвақт ҷудо шуда, ҳамроҳи ягона акааш дарду алами ятимиро фаровон чашидааст, ҳамеша дар лабаш суруди ҳазин буд. Пир шуда буд, аммо то ҳол хоҳаракони ғӯрамаргашу волидайни пурармон рафтаашро ёд карда, ашк мерехт, дарун-дарун мӯя мекашид. Намедонам, барои чӣ то ҳол агар чашмам ба суфрае афтад, ба гӯшам садои ҳазини модарам мерасад. Хулоса, пас аз заҳмати зиёд кашидани модарам суфраи мисли шир сап-сафед тайёр мешуду аз суфраи нав бӯйи начандон тези чарм ба машом мерасид, аммо баъди чанде он мавриди истифода қарор мегирифту роиҳаи орду хамири турш мехест аз суфраҳои дӯхтаи модарам. Баъд аз он суфраи пурбаракат нони гарми хушбӯю ҷонбахш меҷӯид, ки аз он ҷонҳо роҳат мекарданду чеҳраҳо сурх мешуданд…

Дар идомаи хобам модарам суфраро як сӯ гузошту аз ҷой хест ва чашмаш ба писари акаам Заршед афтид: вай дар лаби ҷӯйи обаш зулолу ширин, ки аз байни боғамон гузашта, то охири деҳа боғоти мардумро шодоб мекунад, нишаста, дар даст химчае ҳар замон ба об туф меандохт. Модарам садо баланд кард: «Бачем, чанд бор ба ту гуфтам, ки ба об туф накун, макруҳ мешавад, уболаш мегирад. Дигар кор надорӣ магар, рав, говро мехгардон бикун, дар ун қоқдон аз ташнагиву гушнагӣ аз ҳол рафт. Бихез, набошад бегоҳ ба падарат шикоят мекунам». Аммо Заршед эътибор намедиҳад, ҳамоно химчаро ба об мезанад ва аз чарахсаҳои ба рӯяш нишаста ҳаловат мебарад. Вақте ки модарам таҳдидомез аз зинаҳои сангини



https://bikhon.tj/

айвон поин мешавад, Заршед аз тарс ҷониби ҳаёт мегурезад. Ва ин дам чашми модарам ба ман меафтад, ки дар даст ҷомадон аз дарвозахона ин манзараро тамошо дорам. Чеҳраи модарам гул мекунад ва ҳамзамон ашки чашмонаш медурахшад ва қадаме сӯям гузошта, лаб ҷуфт мекунад, аммо садояш набаромада, ман… бедор мешавам. Чанд лаҳза чашм намекушоям, мехоҳам дар як сония аз нав хобам бибарад ва давоми онро бубинам, аммо ҳайҳот, пойи хаёл кушода мешаваду мисли аспи бодпо чорхез мезанад. Дар димоғам насими сапедадам, гӯшам ба навои субҳу садои ҷунбуҷӯли ҳамсояҳои тор хоб аз чашмонам мепарад ва дар лабам афсӯсу вовайло лоилоҷ чашм мекушоям. Субҳ дамида, рӯшании он хонаи хоби маро ширгун кардааст. Дарҳол чашмам ба портрети модари фариштахисолам меафтад, ки аз баландии ҷевон ҷониби дар менигарад. Дилам таҳ мекашад, зардоб мешавад ва мисли ҳамеша борони шарму надомат рӯямро мешӯяд. Хиҷолатзада ба портрети модарам менигарам ва он рӯз пеши назарам ҳувайдо мегардад.

Як рӯзи пур аз нуру сафои тобистон буд. Мани донишҷӯ таътилро бо дили пур аз орзую ҳавас дар деҳа мегузаронидам. Рӯзе аз дарвозаамон як марди рус дар даст дастгоҳи аккосию анбоне дар китф ворид шуд. Мардуми деҳамон ба ин аккос ошно буданд: ӯ марди миёнақади лоғарандоми чашмкабуд ва мӯйҳои хурмоиаш тунук, ҳар тобистон аз шаҳр меомад ва аккосӣ мекарду баъди чанд рӯз бо портретҳои зебо бармегашт. Шояд имрӯз дар ҳар хонадони зодгоҳам акси зиёде аз дастранҷи ӯ боқӣ монда бошад. Он солҳо дар деҳа аккос набуд ва мардум ҳар сол омадани ин марди хоксору ҳунарманди русро, ки шикаста-шикаста ба забони тоҷикӣ низ ҳарф мезад,



https://bikhon.tj/

интизорӣ мекашиданд. Он рӯз низ модарам дар зери воиҷамон, ки сари ангурҳои ҳусайниаш саросар пухта, мисли пистони говон кашол буданду дар зери шуои хуршеди тобон ҷило медоданд, машғули суфрадӯзӣ буд. Аккоси дидадарову дилёб, ки худро дар ҳар ҳавлии рустоямон одами худӣ мепиндошт, аз дарвоза ворид шудан замон гулӯ рӯшан кард: «Саломалейк, апажан, партрет лазим нист?» Модарам рӯймолашро, ки ҳангоми кор сари китфонаш афтида буд, зуд ба сар андохта, аз ҷой баланд шуд ва маънидор ба ман, ки каме дуртар аз ӯ рӯи суфа дароз кашида будам, нигоҳ кард. Ман ба истиқболи аккос рафтам ва ӯро ба сари суфа ҳидоят намудам. Вай шояд хеле пиёда роҳ паймуда буд, ки амонат дар лаби суфа рӯи кӯрпача нишасту дарҳол як коса об хост. Тозон аз ҷӯйи обаш равон як коса об овардам. Модарам шояд барои дастархон ҷониби ошхона рафтанӣ буд, ки ӯро аз роҳаш боздошта, гуфтам, ки ҳамроҳ акс бигирем. Аккос, ки оби хунукро нӯши ҷон карда, ҳаловат бурдаву табъаш чоқ буд, зуд ба по шуду асбобашро омода кард. Модарам, ки як зани фариштахисолу маъсума буд, ба ин гуна корҳои дунё ҳавас надошт ва ҳамеша дурӣ меҷуст. Аммо он рӯз таклифи маро ба замин нагузошт ва аввал пешонабандашро кушода, аз нав баст ва аз болои он рӯймоли калонашро ба сар кард. Чеҳраи нурониш дар байни гулҳои садбарги дар замини рӯймоли сараш нақшбаста боз хушрӯйтар шуд. Аккоси зирак ҷойи суратгириро дар манзараи ду бутта гули садбарг, ки дар назди суфаамон қад кашида шукуфта буд, интихоб намуд. Ӯ мисли ҳама аккосон, ки дар интихоби манзараю тарзи исти миҷозон майдакоранд, хеле заҳмат кашид. Ин вақт аз дами дарвоза чанд нафар ҳамсинфон маро садо карданд.



https://bikhon.tj/

Ба умеди зуд баргаштан ҷониби онҳо рафтам, аммо дар бозгашт диранг кардам. Аккосро ҳамсояҳо ҷеғ задаанд ва ӯ акси модарамро танҳо дар ҳолате ки ду чашм сӯи дарвоза роҳи маро мепоидааст, акс кунонида, ба хонаи ҳамсоя рафтааст… ва ҳамин тавр аз ҳаёт ба ҳаёт гузашта, канори дигари деҳа расидааст.

Аз рафтани аккос пушаймон хӯрдаму дижан шудам ва борони маломат бар сараш рехтам, аммо модарам, ки дар умраш касеро, ҳатто дар ғайбаш, накӯҳишу ғийбат намекард, дарҳол пеши даҳанамро гирифта, тасаллиям дод, ки ҳеҷ гап не, боз меояд ӯ ва фурсати расмгирӣ мешавад. Сад афсӯс, дигар фурсат даст надод, миқрози аҷал риштаи умри модарамро ҳамон сол бурид. Ва ҳамин акс ба ёдгор монд ба ман ва инак чандин сол боз ҳар субҳ аз хоб чашм кушода, чашмам ба акси модарам меафтад ва ба рӯҳи покаш дуо мефиристаму шаб бо ёди ӯ ба хоб меравам. Ҳар бор, ки чашмам ба нигоҳи интизори ӯ меафтад, дилам фишор мехӯрад, теғи надомат қалбамро хуншор месозад.

Ва ҳоло сарамро ба кӯрпаи абрааш бахмалу астараш сатини гулгун мепечаму чашмонамро мисли овони кӯдакӣ сахт мепӯшам, мехоҳам асло аз чизе фикр накунам, то хобам дубора барад ва идомаи он хоби рангинро бубинам. Зеро модарамро пазмон шудам, мехоҳам як лаҳза овози фораму гӯшнавозашро шунавам, дастамро ба гарданаш ҳалқа бикунаму аз бӯяш, ки аз овони тифлӣ дар мағз-мағзи ҷонам нишастааст, сер шавам. Накҳати шири гарму нони гандумӣ ва замини сабз мекард оғӯши модарам. Маҳз бо ҳамин накҳати ҷонбахш ман ба замин пайванд гирифтам, онро чун модарам дӯст доштам, меҳр варзидам. Аммо ҳайҳот, хоб чун барраи маст аз чашмонам



https://bikhon.tj/

мегурезад, хаёлам мисли шишаи бишкаста бо чор тараф пош мехўрад, сарам гичу дилам танг мешавад. Худоро зораю тавалло мекунам, то хобам бибарад, аммо Парвардигор низ ба додам намерасад. Аз шиддати дарду алам, аз нотавонию дасткўтаҳиам хориам меояду хомўш ашк мерезам.

Пас аз чанде сар аз кўрпа берун мекунаму чашмам ба акси модари чашмони интизораш сўйи дарвозаамон, дар айни замон ҷониби дари балкони хонаам, мефтад. Аз байн сӣ сол сипарӣ шуд, аммо дар нигоҳаш хастагиро намебинам. Ҳамон нигоҳи гарму ҷаззоб, андаке андешаманд ва ҳамеша дида ба роҳ. Агар нигоҳи интизорашро пайванд диҳам, шояд то он сўи дунё бирасад…

Дар сарам чунин андешаҳо боз сар ба даруни кўрпа мегирам, то хобам бубарад. Аммо дигар он оҳуи рамида ба хонаи чашмонам намеояд. Ҳамин вақт аз хонаи ҳамсоя гиряи кўдак баланд мешавад. Вай хеле ғаш мекунад, модараш ўро ором кардан мехоҳад, аммо чӣ мегўяд, аниқ дарк намекунам. Баъд маҳин-маҳин аллаҳои ҳамсоязан ба гўшам мерасад. Айнан мисли аллагўиҳои модарам ҳангоми ҷунбонидани гаҳвораю хобондани хоҳаракам. Аммо овози модарам… дигар буд, ширинтар буд. Гўшу ҳуш медиҳам ба аллагўиҳои ҳамсоязан.

Нури чашмонам, алла!

Бахти тобонам, алла!

Рўҳи равонам, алла!

Дардат ба ҷонам, аллаё, алла!...

Аммо… ҳайҳот, ин суруди хобовару гўшнавоз баръакс хобамро мепаронад, хаёламро парешону диламро пурхун мекунад. Дигар ба ман он субҳ насиб намегардад як лаҳза



https://bikhon.tj/

дар хоб дидани модарам ва шунидани овози гўшнавозаш. Ин андўҳи гарону ҷигарсўз дар қалбу оҳи ҳасрат дар лабонам то дер паҳлу ба паҳлу мегардам ва оқибат ба қавле, бо гардани баста, саргарону дилхун аз бистари гарму нарм мехезам ва аз паси ташвишҳои зиндагӣ мешавам…



https://bikhon.tj/

# СУДУ ЗИЁН

Ҷавон пас аз саргардонии зиёд раҳкӯфтаю шалпар ба трамвай нишаст. Аслан нияти нишастан надошт, аммо аз дур пулисеро рӯ ба истгоҳ диду аз тарси ба даст афтодан саросема худро дохили трамвай гирифт. Дар ин шаҳри бегона вай аз ҳар нигоҳ, алалхусус аз пулис, ки чандин бор ӯро боздошта, аз ғалбер гузаронида буд, чун оҳубара мерамид. Воқиан ҷавон ҳанӯз оҳубараеро мемонд, ки аз домани гарму нарми як деҳаяки кӯҳистони хушбоду ҳаво ба оғуши ин шаҳри азими пур аз дуду ғубор ва моломоли гуна-гуна бӯю садоҳои ноошно афтода буд. Ба ин гуна муҳити пурғавғо ва одамони ҳамеша ба куҷое шитобон ҳеҷ наметавонист одат бикунад. Охир, вай тамоми умр дар ҳалқаи пайвандон орому осуда зиста, ҳеҷ дар гӯшаи хаёл намеовард, ки домани дунё ин қадар кушод асту дар рӯи замин лак-лак одамони гуногунзабону ҳархелаанажод ҳаёт ба сар мебаранд. Базӯр ба забони русӣ ҳарф мезад ва вақте наметавонист матлабашро равшан баён кунад, сараш ба дард меомад, нафас дар гулӯяш мепечиду мехост ба тамоми овоз дод занад: Фаҳмидӣ! Аммо тарс намегузошт ин садо берун ояд. Дили чун ойина поки ӯ аз фиребу найранг, кинаю



https://bikhon.tj/

кудурат ва заҳри забону лаҳни дурушту дағал ва нафаси сарди ҳамдеҳагону бегонагон, ки дар ин шаҳри қадимаи пур аз биноҳои хуштарҳи ғарқа дар нақшу нигор ва қуббаҳои тиллоӣ ба ҳар гуна забон садо медод, ба сӯзиш меомад, ноаён меларзид. Зеро дили чун оби чашмаи кӯҳистон зулоли ӯ ҳанӯз ба макру риё ва бухлу кина одат накарда буд. Ҳатто ҳамдеҳагонаш дар ин шаҳр тағйир ёфта буданд, сари ҳар қадам ба вай дурӯғ мезаданд, ҳангоми ҳисоб равшан кардан фиребаш медоданд. Вай қадам ба қадам дарк мекард, ки зиндагӣ чӣ шебу фарозу пайраҳаҳояш хорҳо дорад. Дар ғурбат ба ду чашми сар медид, ки то кадом андоза фарзанди одам ба одам бераҳм мешавад, аз барои молу манол ва манфиати хеш ба кадом пастиҳо меравад.

Боре ду пулис дар назди бозор ҳуҷҷат пурсиданду ӯ рӯ ба гурез ниҳод. Ба зудӣ дастгир карданд. Яке аз онҳо – пулиси солхӯрда ҳуҷҷатҳои ӯро аз назар гузаронида, гуфт: «Ҳама ҳуҷҷатҳоят дуруст, чаро гурехтӣ?». Ҷавон сархам ҷавоб надод. «Ё дар ҷайбат ягон чиз дорӣ? Маводи мухаддир ҳаст?». Онҳо сартопои ӯро кофта, чизе наёфтанд. «Аҷиб! – гуфт тааҷҷубомез пулис ва баъд ҳуҷҷатҳоро баргардонида, амр кард: – Бирав, аз паси корат шав!»

Ҳама нишастгоҳҳо банд буданд дар трамвай. Яке сараш хам китоб мехонд, дигаре ба ҳампаҳлуяш дар суҳбат буд, сеюмӣ ғарқи андеша кӯчаро тамошо дошт. Се-чор нафар рост меистоданд. Дар истгоҳи навбатӣ баъзе мусофирон фуромаданду ҷавон яке аз курсиҳоро соҳибӣ карда, нишаст. Гарм буд дохили трамвай. Пойҳои ҷавон аз гаштани зиёд монда шуда буданд ва инак каме ором гирифта, гӯё соҳибашонро зора мекарданд, ки рост нашавад. Ҷавонро, аз гашти вазнини нақлиёти ним ба қатораю ним ба троллейбус монанд, тамоми ҷисму ҷонаш меларзид. Трамвай ангор



https://bikhon.tj/

куҳна буд, ки ҳангоми ҳаракат бадани оҳанинаш меларзиду ҳар гуна садо дармедод. Чарҳҳояш гўё ба хати роҳи оҳан меҷангида бошад, гурс-гурскунон вазнин пеш мерафт. Дар гардишҳо аз камонаки трамвай шарораҳо мепариданд. Дере нагузашта ҷисми ҷавон ба гашти вазнину садои дурушти ин маркаби оҳанин одат кард магар, ки хобаш бурд. Хоб медид, ки вай савори маркаби аз ду паҳлуаш ду бидон овезон аз чашма об меорад. Ин шуғли дӯстдоштаи ӯ буд. Ҳар рӯз ду раҳ аз якуним километр масофа аз чашма об мекашонд. Худо мегуфт, оби бидонҳо тезтар масраф шаванду ӯ баҳри об биравад, зеро дар сари чашма буд хонаи духтари дӯстдоштаи ӯ. Айвони хонаашон баръало менамуд аз лаби чашма. Алалхус ҳангоми таътили тобистона ҳар рӯз шоду масрур барои об мерафт. Раҳораҳ савори хар сатилро чун таблак навохта, суруд мехонд. Баъзан аз шавқи дил дар сари маркаб рост шуда, аз сари девор ба ҳавлии ҳамдеҳагон назар меандохту шӯхиҳо мекард. Дилаш пур аз орзую ҳавас буд он айём. Агар суҳбат кардан муяссар нагардад ҳам, як нигоҳи духтари дӯстдоштааш кофӣ буд, ки ҷавон тамоми рӯз ба табъи болидаю чеҳраи кушода бигардад. Аммо… марги бармаҳали падар барбод дод орзую ҳавасҳои ӯро. Падари заҳматкашаш дар зодрӯзи хеш ногаҳон дар сари дастархон аз дарди дил фавтиду ғам хона гузошт дар ҳавлии онҳо. Дере нагузашта ба дарду алам ва фироқи падар тангдастию камбағалӣ бор шуд. Қиблагоҳаш якумр, ба қавле ,ба нӯки бел онҳоро мехӯронду мепӯшонд ва пасандози киреӣ низ надошт. Маъракаи чили падарро доданду боре модар дар сари дастархон даҳони шиква кушод: «Бачем, буду набудамонро ба маъракаҳои падарат сарф кардем. Қарздор ҳам шудем. Акнун тӯйи апаатро чӣ кор мекунем? Шаш моҳ боз дар фотиҳа аст. Пасандози ба нияти ҷиҳози ӯ кардаамон



https://bikhon.tj/

низ тамом шуд. Бечора падарат якумр роҳ поргӣ кард, умре бел дар кифт ба таъмири роҳ машғул буд. Баъзан аз сарам мегузарад, ки ташвиши тӯйи апаат кушт падаратро. Гӯр тунукдастӣ шавад, шабҳо вақте маблағи барои гуселонидани апаат лозимаро ёдовар мешудам, воҳима мегирифт ӯро. То аз бори ор мурдана дар кор мурам, гуфт падарат ва фориғ аз шуғли роҳсозӣ дар дари мардум мардикорӣ низ мекард: девор мебардошт, бомҳояшонро меандовид, замин побел мекард, то ду-се танга ба даст орад. Баъд аз гуселонидани апаат нияти туро хондану хонадор кардан дошт. Барвақт оиладор шавад, бачаҳояш зудтар дастёр мешаванд, мегуфт. Азбас худаш дер оиладор шуда, азоби бедастёрӣ мекашид, мехост ту зуд издивоҷ бикунию бачаҳоят ҳавлиамонро пур кунанд. Хонаҳои сербачаро дида, ҳавасаш меомад».

Вақте модар ин гапҳоро мегуфт ҷавон ҳанӯз мактабхон буд. Аз ҳасратҳои модар дилаш фишор мехӯрду хориаш меомад. Он лаҳзаҳо бори ғами падар дучанд мегашт, дили ғамзадаи ӯ ба изтироб тапида, мехост аз хонааш берун ҷаҳад. Ба алам меандешид, ки чаро падар барвақт рафту ӯву модарашро ба гирдоби ғам афканд. Барои чӣ онҳо доро нестанд? Оё намешавад апаашро бе ҳамон кӯрпаю кӯрпача, косаю табақи зиёд, қолину ҷевону роҳаткурсӣ ва ҳоказо гуселонид?

Ин рақам дарду ғам дар дил мактабро хатм кард ҷавон ва ишқи донишҷӯ шудан, ба висоли духтари дӯстдоштааш расиданро дар таҳхонаи дилаш гӯронида, ба тараддуди ба Русия рафтан афтод. Зеро дар деҳаашон аксар ҷавонон пас аз хатми мактаб ба ин кишвар мардикорӣ мерафтанд. Вақте оғози фасли поиз аз Русия бармегаштанд, аз рӯзгори хеш росту дурӯғ қиссаҳои ширин мекарданд ва ҷавонро низ ҳаваси муҳоҷират ба сар мезад. Як нафар ҳамсояашон



https://bikhon.tj/

тавассути телефон ваъда дод, ки барояш ҷойи хобу кор пайдо мекунад. Ба умеди вай ҷавон модару апа ва хоҳаракони хурдсолашро дар хона танҳо гузошта, озими Маскав шуд. Дар аввал кораш нағз буд, ҳамроҳи ҳамсоябачаҳо дар сохтмон кор мекарданд, камубеш маблағ ҳам меёфт. Аммо чанд рӯз қабл воқиае рух доду онҳо маҷбур ба Петербург омаданд. Дар дили ҷангал барои сарватманде бӯстонсаро сохтанд. Вақте гаражро аз даст баровардand, соҳибхона аз шаҳр омада, ваъда дод, ки пагоҳ ба онҳо ҳисобӣ мекунад. Бегоҳ мошини бузургҳаҷми хориҷиашро ба гаражи навсохт гузошта, ба шабнишинии дӯсташ рафт. Аммо… коргарон субҳ хабар ёфтанд, ки девори рости гараж чаппа шуда, тахтаи шифти бетонии он мошинро пачақ кардааст. Аз чунин ноомадии кор ба ҳарос афтода, онҳо, чор нафар, рӯ ба гурез ниҳоданд ва дар истгоҳ ба қатораи аввалин нишаста, ба Петербург омаданд.

Инак чандин рӯз боз ҷавон гоҳо танҳову баъзан ҳамроҳи ҳамсоябачаҳо дар ин шаҳри азим аз тарси мабодо ба дасти пулис афтад, тарсону ҳаросон кор мекофт. Ин субҳ низ барвақт аз хонаи иҷора баромад ва ба чанд бозору мағоза ва корхонаҳо сар халонда, ноумед шуду ба ин қисмати шаҳр расид.

Трамвай охирин мусофиронро ба манзил расонида, ба роҳаш идома дод. Дар қарибии дарвозаи парки трамвайҳо чашми ронанда, зани тахминан чилсолаи дар танаш нимтанаи зард, ногаҳ дар оинаи пештоқи кабина ба курсии ақиб афтид. Ҷавон дастонаш ошиқипечон сарашро ба оинаи сард такя дода, хобида буд. «Ҷин занад, ин кӣ бошад… хобаш бурдааст ё маст аст? Кош майхора набошад, ки дарди сар мешавад».



https://bikhon.tj/

Ронанда мошинро боздошт ва аз кабина берун шуда, назди ҷавон омад.

– Ҳой, ҷавон, – китфи ӯро ду-се бор силтав дод зан. – Хез, расидем. Парк меравам ман, соати кориам буд шуд.

Ҷавон бедор шуда, ба рӯи зан нигоҳи суол дӯхт.

– Ёфтӣ ҷойи хобата, фуро тез! Ман парк меравам.

Ҷавон нимхобу нимбедор ба забони шикастаи русӣ пурсид:

– Чӣ гап? Мо дар куҷоем?

– Дар куҷоем, дар куҷоем, – норозиёна ғурунгид зан, – дар Қарағанда. Мӯру малах барин меоянд. Куҷо мерафтӣ… ба ҳамон ҷо расидӣ. Фуро тез!

Ҷавон ҳарфе назада, аз трамвай фуромад. То ҳол хобаш напарида буд ва дар ин мавзеи бегона куҷо рафтанашро намедонист. Гаранг- гаранг аз байни хати зиёди роҳи оҳан, ки ҷониби парки трамвайҳо мебурд, қадам зада, ба ақиб, ҷониби истгоҳ рафт. Холӣ буд истгоҳ. Дар шафати он тӯзсор ва як ғӯшаи қабристон ба чашм мерасид. «Сабил монад, хобам бурдааст. Аз афти кор, ба канори шаҳр расидаам. Акнун ба кадом самт бояд равам? Аз ягон нафар роҳи бозори Садоваяро пурсидан лозим. Дар онҷо бачаҳои шиносро пайдо мекунам».

Ба ҳамин андешаҳо ҷавон ҷониби дукони гул рафт. Зану марди фохирлибос гул интихоб мекарданд.

– То бозори Садовая кадом рақам автобус меравад? – пурсид ҷавон аз гулфурӯш.

– Ба метро рав, – кӯтоҳ посух дод гулфурӯш.

– Метро… дар куҷост?

– Аз роҳ гузашта, ба трамвай савор шаву дар истгоҳи оянда бифуро.



https://bikhon.tj/

Нигоҳи мард, ки озмоишкорона ҷониби ҷавон дӯхта шуда буд, ӯро бесаранҷом кард. Вай шитобон ба роҳ даромад. Мард ба гулфурӯш ҳисобӣ карда, ҷавонро, ки инак аз роҳ мегузашт, садо кард:

– Ҳамшаҳр!

Ҷавон ҳаросон ба ақиб нигарист.

– Ин ҷо биё!

Ҷавон омад.

– Пул кор кардан мехоҳӣ? – пурсид мард, барои салом даст дароз карда.

– Ҳа, кор мекобам… чӣ кардан лозим?

– Кори сабук, пули нағз медиҳам. Биё, рафтем.

– Куҷо? – пурсид ҷавон хавотиромез.

– Дур намеравем, — ҷониби қабристони шафат ишора кард мард.

– Қабр кандан даркор?

– Худо нигаҳ дорад аз гӯрковӣ. Сари манзилеро ба тартиб меорӣ.

Ҷавон ба мошин нишаст. Ронанда мошинро аз гардиши якум гардонида, ҷониби баландӣ рафт ва дере нагузашта, дар назди дарвозаи боҳашамати қабристон қарор гирифт.

Фуромаданд.

Мард аз бордони мошин сумкаи калони рангбохта ва сатили пластикӣ гирифта, ба дасти ҷавон дод. Онҳо аз дарвозаи оҳанини рангсиёҳи ба ҳар гуна нақшу нигори қадимии русӣ ороддодашуда вориди водии хамӯшон гаштанд. Зебо буд қабристон, саросар боғи сарсабзеро мемонд. Дар канори роҳравҳои мумфарш дарахтони тӯсу санавбар, арчаю булут батартиб саф кашида буданд. Яке аз дигаре баландтару зебо ва сабз. Ҷо-ҷо гулҳои садбаргу ёсу бобунаю довудӣ ва қитъаҳои саросар сабз ба чашм



https://bikhon.tj/

мерасиданд. Қабрҳои ба сангҳои гуногуну панҷараҳои сиёҳу сафед ва зарҳалӣ ороддодашуда тозаю озода. Дар сари аксар мазорҳо дастагул ва дар канорашон харакҳо гузошта буданд.

– Корҳо чӣ хел, ҳамшаҳр? – гуфт мард, хайрхоҳона дасташро ба китфи ҷавон гузошта.

– Бад не, – посух дод ҷавон малӯлона.

– Озарӣ?

– Не, тоҷик.

– Дар Тоҷикистон кор нест?

– Ҳаст… аммо маош кам.

– Аммо пул даркор.

– Бале.

– Дар як рӯз чанд рубл меёбӣ?

– Ҳар хел…

– Ин қадар ба ин бечора чақидӣ, – эътироз кард зан. – Мон ба ҳолаш.

– Кордор нашав, ба инҳо суҳбат кардан шавқовар.

– Пули бисёра чӣ кор мекунӣ… зан мегирӣ?

Ҷавон нигоҳи шармзадаашро гурезонида, гуфт:

– Аввал маъракаи соли падарамро мегузаронем, баъд апаамро, ки дар фотиҳа аст, мегуселонем. Барои ҷиҳози ӯро тайёр кардан пули зиёд даркор.

– Чанд пул? – ба суҳбат ҳамроҳ шуд зан.

Ҷавон лаҳзае ба андеша рафта, ҷавоб дод:

– Тақрибан панҷ ҳазор доллар.

– О-о-о! – нидо дардод зан, ҷониби мард нигариста. – Ба ҳамон маоши паст? Рӯзашон сахт будаст.

– Ба маъракаи соли падарат чанд пул сарф мешавад? – пурсид мард.

– Панҷсад-шашсад доллар.

– Сарфи беҳуда мекунанд, – гуфт зан ба мард.



https://bikhon.tj/

– Таомулашон ҳаминро тақозо мекунад.

– Хок бар сари чунин таомул. Кӯрпаашона дида, пой дароз кунанд.

Чанд лаҳза хомӯш қадам заданд.

– Дар оила чанд нафаред? – пурсид зан аз ҷавон.

– Ҳашт нафар.

Зан аз нав ҳайратзада ҷониби шавҳараш нигарист.

– Як писару ҳафт духтар, – эзоҳ дод ҷавон.

– Умри модари бечораат ба ҷиҳозомодакунии духтаронаш мегузарад гӯй, — гуфт зан. – То ҳафт духтара гусел кардан мӯяш сафед мешавад. Пас барои худ кай зиндагӣ мекунад, чӣ гуна орзуҳои дилашро мешиканад?

– Фарзанд ба дунё оварда, онро тарбият кардан аст орзуи ягонаи занҳои ин мардум, – гуфт мард. – Шумо бояд аз онҳо ибрат гиред.

– Ҳо-о-зир, – гуфт зан ба киноя, ҷониби шавҳар таъзим карда. – Фарзанд ба гӯри кас намедарояд. Як-ду нафараш кифоя. Гул мехӯранд, гул мепӯшанд. Мисли гурба ҳар сол зоида, хору зор кардан чӣ лозим? Ҳашт нафарро чӣ тавр як зани муштипар уҳда мекунад, ҳатто тасаввур кардан душвор.

– Оилаи инҳо истисност… падараш барвақт фавтидааст.

– Лак-лак аст чунин оилаҳо.

– Фарзанд бисёр бошад, хуб, – гуфт мард ба оҳанги ҳавас.

– Орзу кардан зарар надорад, – гуфт зан истеҳзоомез ва баъд аз дасти мард гирифта, афзуд: – Мехоҳӣ, ман ҳам ба ту ҳашт фарзанд бизоям? Дуто-дуто дугоник таваллуд мекунам.

Зан қоҳ-қоҳзанон хандид

– Дар қабристон баланд намехандand, – гуфт мард.

– Бубахш.

– Мехоҳӣ, як латифа нақл кунам.

– Марҳамат.



https://bikhon.tj/

– Се нафар – марди русу франсуз ва озарӣ – дар хусуси машғулияти дӯстдоштаашон суҳбат доранд. «Шуғли дӯстдоштаи ман моҳидорист», – мегӯяд марди рус. «Мағозаю тарабхонаҳо пур аз моҳӣ, шарт аст магар, вақт сарф намуда, онро қапидан?» – мегӯяд франсуз. «Ба ман моҳӣ даркор нест, ҷараёни моҳидорӣ маъқул», – шарҳ медиҳад рус. «Ман майи дастӣ тайёр карданро дӯст медорам» – мегӯяд дар навбати хеш франсуз. Ин навбат марди рус эътироз мекунад: «Мағозаю дуконҳо аз ҳар гуна майи аълосифат лаболаб ва ҳоҷати заҳмат кашида, май тайёр кардан нест. «Ман низ ҳангоми омода кардани май як ҷаҳон лаззат мебардорам», – мегӯяд франсуз. «Ту ҳам ягон шуғли дӯстдошта дорӣ?» – мепурсанд онҳо аз марди озарӣ. «Аз кучо, – менолад вай, – вақти сархорӣ надорам. Даҳ нафар фарзандро хӯронидан, пӯшонидан…». «О ба ту ин қадар фарзанд чӣ лозим», – ҳайрон мешаванд он ду нафар. «Рости гап, шумораашон муҳим нест, аммо ба ман ҳам мисли шумо ҷараёни ба дунё овардани онҳо мақбул аст», – посух медиҳад марди озарӣ…

Онҳо ҳамин тавр суҳбаткунон ба сари қабре расиданд. Дар санги сари мазор акси марди айнакие ҳаккокӣ шуда буд.

– Ин ҷо падари ман хоб аст, – гуфт мард. – Мо се сол дар хориҷа будем, касе нигоҳубин накардааст. Вазифаи ту атрофи онро аз алаф тоза ва панҷарараро ранг кардан. Ана рангу чӯтка ва латтаю ҷорӯб, – ба сумкаи дасти ҷавон ишора кард мард. – Мо дар ҳамин наздикиҳо мешавем.

Марду зан ҷониби дарвоза рафтанд.

Ҷавон дар сари қабр танҳо монд. Вай, ки то имрӯз ба зиндаҳои ин мардум сари кор гирифта, гоҳо аз дасти эшон азобу уқубат медиду дар мавриди дигар аз зиндадилию содагӣ ва хайрхоҳиашон ба ваҷд меомад, инак дар сари мурдаи онҳо танҳо истода, меандешид, ки воқиан



https://bikhon.tj/

мурдаашонро ҳам азиз медоранд ин мардум. Ва мавзеи ноободу пур аз хасу хошок ва мазорҳои фурӯрафтаю ботилгаштаи гӯристони деҳаашонро пеши назар оварда, дилаш ба ҳоли мурдаҳо сӯхт. Ҷойи чарои чорпоён буд он макони муқаддас. Чанд сол қабл ҳамсояшон хост ба сари падараш санги ёдгорӣ гузорад. Аммо муллои деҳа дар як маърака аз ин нияти ӯ огоҳӣ ёфта, зинҳор таъкид кард, ки ин корро накунад, рӯҳи қиблагоҳашро безобита нагардонад. Ҳатто чанд ҳадис оварда, собит кардан мехост, ки қабр ҳарчӣ зуд ботил гардад, хайр аст. Аммо ҷавон он рӯз нафаҳмид, ки чаро қабр бояд зудтар нест шавад? Мулло низ равшан шарҳ дода натавонист онро. «Аз ин сабаб қабристонҳои мо саросар хушкидаю валангор, теппачаҳои бетартибро мемонад. Аммо ин ҷо сарсабз, тозаю озода, қубур дар сояравҳо. Дар чунин мавзеъ зери хок шудан роҳати ҷону рӯҳ. Кас агар донад, ки пас аз марг дар чунин мавзеъ оромгоҳ меёбад, яқин аз мурдан наметарсад».

Дар сар чунин андешаҳо ҷавон ба кор пардохт. Аввал ба белча гирду атрофи қаброро аз хасу алаф тоза намуд. Сипас аз дохили сатил латтапораеро гирифта, рӯи сангро пок намуд. Ҷилои акси марди айнакдор бештар гашт ва ҷавон ба навиштаҷоти зери акс зеҳн монд. «Ермаков Сергей Петрович, – ҳаккокӣ шуда буд ному насаби марҳум. – 12.03.1948 – 09.05.1992».

Чашмони ҷавон чанд лаҳза ба ин рақамҳо дӯхта шуданд ва нохост барқсон ёдаш расид, ки имрӯз зодрӯз ва фавти падараш аст. Нағз дар хотир дорад, падар ҳамеша дар мавлудаш мегуфт, ки вай дар рӯзи Ғалаба ба дунё омадааст волидайн ба ӯ Зафар ном додаанд. Дар ҳузури меҳмонон ва аҳли байт аз санаи зодрӯзи хеш меболид ва таъкид мекард,



https://bikhon.tj/

ки онро фаромӯш сохтан душвор ва ҳеҷ кас наметавонад ба узри «аз ёдаш рафтааст» баҳри табрикаш наояд.

Дили ҷавон ба ёди падар реш шуд ва аз алами он, ки зодрӯзи ӯро аз ёд бурдаву наметавонад ба зиёрати қабраш биравад, хориаш омад. Деҳа, модари дардманду хоҳаракони маъсумаашро ёд кард. Лаҳза ба лаҳза ҳисси эътироз нисбат ба хатти сиёҳи тақдир дар дилаш ҷӯш мезад. Ҳарчанд кӯшид худро аз гиря боздорад, беихтиёр донаҳои сиришк сари мижгонаш пайдо шуданд ва ларзон-ларзон ба ҳаракат омаданд. Ҷавон латтаи дасташро канори қабр гузошту аз ҷой баланд шуд. Вай бори аввал дар худ ҳисси ноошноеро эҳсос кард, ки ба ҷисму ҷонаш сабукӣ ва зӯри тоза бахшида, ӯро ба амал кардан водор менамуд. Бояд биравам! Аз ин қарори хеш рӯҳан болида, ба дилаш гармии ҷонбахше пайдо шуд. Устухонҳояш гӯё дар як лаҳза ба тамом сабук гашта, тарсу ҳарос билкул дар замираш гум гашт.

Зану мард дар дохили мошини пур аз мусиқӣ қаҳва менӯшиданд.

– Тамом? – ба оҳанги тааҷҷуб пурсид мард, аз мошин берун шуда.

Ҷавон ба аломати инкор сар ҷунбонд.

– Нафаҳмидам. Тоза кардӣ сари қабра?

– Не, – тунд посух дод ҷавон.

– Пас куҷо меравӣ?

– Хона.

– Барои чӣ? Охир, худат ҳозир гуфтӣ, ки кор мекобӣ… пул даркор аст.

Ҷавон ин саволи мардро бе посух гузошта, аз назди ӯ дур шуд.



https://bikhon.tj/

– Ҳеҷ намефаҳмам ҳамин мардуми мусулмонро, — ба занаш рӯ овард мард. – На фоидаашонро медонанд, на зарарашонро.

– Азизам, – аз мошин берун шуд зан низ, — агар ин мардум суду зиёнашонро медонистанд, магар дар шаҳри бегона сарсону саргардон кор кофта мегаштанд. Биё, рафтем, худамон як бало мекунем.

Ва онҳо, марду зани сарватманду ғофил аз каму кости зиндагӣ, аз рафтори ҷавон ҳайратзада дохили қабристон шуданд.



https://bikhon.tj/

# ҲИДОЯТ

Ҳавлӣ дар домани тали баланд ғариб афтода буд. Ҳавлиҳои дигар шукӯҳу шаҳомат, иморатҳои барҳаво, роҳравҳои симонпӯш, долу дарахти бисёр доштанд, кӯдакони зиёд чувваскунон ба он манзил гӯё ҷон мебахшиданд, нуру сафо меовардand, аммо ин ҳавлии иборат аз як дар ҳуҷраю як гӯшагардони беайвон ба назар сарду бечора менамуд. Ду дар хона аз нафаси сарди барфу борон ранг бохта, таҳкурсии пешсуфаи он, ки ба ҷойи айвон буд, бечо шуда, рӯ ба харобӣ оварда буд. Сари девори пасту баланди атрофи ҳавлӣ дандонаҳои аррараро мемонд. Ҷое аз бориши зиёд фурӯ рафта, таҳкурсии ҷониби офтоббаро парчини замин шуда буд. Чандест, ки дар ин макон касе зиндагӣ намекард, пойи одам ва дасте ба таъмири он намерасид. Ҳангоми вазидани боди сарду тунд нола мекард ҳавлӣ, мисли гурги танҳо бадард уллос мекашид. Тобистон саҳни ҳавлиро саросар хори турнӣ зер мекард. Ин хори беор дар ин макони бесоҳиб саросар сар мекашиду гул мекард, аз вазиши бод мисли чуғз дар вайрона пар-пар мезад. Аз назди дарвозаи ҳавлӣ роҳи



https://bikhon.tj/

мошин мегузашт. Ҳар дафъа одамон аз болои мошини боркаш ба ҳавлӣ  дида дӯхта, бо нишони афсӯс сар меҷунбонанд. Хулоса, ин манзара дар дили бинанда эҳсосоти нохушеро рӯ мезанонд, аз бевафоии дунёи гузарону бебақоии умри одамӣ ангушти ишорат менамуд.

Ин ҳавлии аз овони кӯдакӣ ба ман ошно замоне мисли дигар ҳавлиҳо бӯйи зиндагӣ мекард. Хусусан вақте ки Ҳидоят аз аскарӣ омад, он тӯйхонаро мемонд, пур аз хандаю сурур буд. Модар аз бозгашти писари дилбандаш, аз қомати болою китфони рустамона ва либоси ҳарбии дар танаш басо зебанда, ба қавле на танҳо дар куртааш, балки дар олам намеғунҷид...

Аз рӯзе ки худамро мешиносам, Ҳидоят бо модараш танҳо мезист дар ин ҳавлӣ. Падар надошт ӯ, бе никоҳ ба дунё омада буд, кӣ будани падари ӯро касе намедонист. Дар ин хусус мардум ҳазорон ҳадс мезаданд, аммо модарам доим мегуфт, ки гумон касро аз имон ҷудо мекунад ва мо ба ҳар гуна гапу калочаҳо бовар накунем. Ҳамин тариқ қиссаи ба дунё омадани Ҳидоят замоне дар байни мардуми деҳаи мо афсона гашта буд. Аммо модараш Гулдастахола  сир бой намедод. Вай, мудири китобхонаи русто, зани камгап, хоксору заҳматӣ, умрашро дар китобхона гузаронд. Он солҳо кам занон ҷуръати қатори мардон дар идора кор кардан доштанд, зеро мардум идоранишинии занонро кори айб медонистанд. Китобхона бо мактаб, идораи колхозу беморхона, мағозаю почта ва анбор дар як мавзеъ ҷойгир шуда буд, ки онро мардум Сари бозор мегуфтанд. Ҳамон вақт, ба қавли мардум,  китобдорзанро бо кадом марди юфе[1] гапашон

[1] Он замон мансабдоронро мардум чунин меномиданд



https://bikhon.tj/

мепечаду ҳосилаш Ҳидоят ба дунё меояд. Аммо Гулдастахола то охири умр гирехи ин сирро накушод, ки накушод. Гўё ба хотири нарехтани обрўи он марду хонавайрон нашудани вай ҳама гапу калоча, таънаю тамасхури мардуми кунҷкову баддаҳонро мардона фурў бурд, ҷомаи бевагиро ба тан карду аз гуноҳи он дилдодааш қойил нашуд. Писарро танҳо ба воя расонд. Баъдҳо ҳавсалаи мардум аз ин қиссабофию ҳадсзаниҳо пир шуд магар, дигар гаҳу гоҳ, агар ҷавонҳо аз танҳоии Ҳидояту модараш бипурсанд, нўки забон мегуфтанд қиссаи танҳоии онҳорою халос.

Ҳамроҳи мо, бачаҳои ҳамсолаш, калон мешуд Ҳидоят. Ҳарчанд аз хурдӣ модар ўро чун мурғи курк то метавонист зери қаноташ гирифта, метарсид, ки мабодо ба нури чашмаш чашми баде бирасад, вай мудом чашми модарро хато карда, баъзан ба «нараву нагир»-ҳои ў аҳамият надода, ба мо ҳамроҳ мешуд, чилликбозию рустшавакону тўббозӣ мекард, баъзан ба боғи ҳамдеҳагон чашм ало мекарду аз полезҳо сабчаву тарбуз мерабуд. Вақте ки модар аз ин корҳои Ҳидоят хабар меёфт, химча дар даст дар кўчаҳои пур аз хоку чанги деҳа ўро пешандоз карда, хона мебурд. Аммо… бо вуҷуди дўстдории модар Ҳидоят ҳар қадар калонтар мешуд, эҳсоси бепадарӣ дар вуҷудаш бештар рў мезад, ҷони ҷавонашро ба қабзаи дард мегирифт. Ёд дорам, боре ҳангоми мактабхонӣ ба мо, хонандагон, муаллим анкетае дод барои хонапурӣ кардан. Азбаски ман бо Ҳидоят ҳампарта будам, дидам, ки ҳангоми пур кардани хоначаи «ному насаб ва ҷойи кори падар» ранги рўи вай канд, нафас дар гулўяш печид ва қалам дар дасташ ларзид. Сари болояш хам, чашмони хандонаш хаста ва лаби пур аз табассумаш ба гиря моил



https://bikhon.tj/

шуданд. Гумонам, он лаҳза аз сар бардошта, ба атрофиён назар кардан метарсид вай: мабодо касе аз ин ҳоли зори ӯ огоҳ шавад. Ман низ худро ба нодонӣ зада, сар аз анкета набардоштам. Вақте ки муаллим дар тори сарамон рост истодаву анкетаи пуркардаи ҳар яки моро аз назар гузаронида, қабул мекард ва ё агар саҳве рафта бошад, ба ислоҳ карданаш амр медод, коре шуд, ки муаллим дар назарам шум гашт. Шояд муаллим айбе надошт, нохост аз даҳонаш баромад, аммо… Хулласи калом, муаллим анкетаҳоро ба ҷамъ намудан шурӯъ кард ва вақте навбати Ҳидоят расид, ба навиштаи ӯ назар давонда, гуфт: ном ва ҷойи кори падар… Зуд хатои хешро фаҳмид магар, лаб фурӯ баст, аммо тир аз камон ҷаста буд. Дарҳол бисту шаш ҷуфт чашм ба Ҳидоят дӯхта шуданд. Гумонам, ин бисту шаш ҷуфт чашм набуд барои ҳампартаи ман, бал ҳамин андоза тире буд, ки аз ҷавшани ҷонаш гузашт. Ҳидоят муддате карахт шуд, сурху сафед шуд, сипас тирвор аз ҷой хеста, аз синфхона бадар рафт. Ман низ филҳол аз паяш давидам. Ӯ аз синф баромаду майдончаи варзиширо убур карда, аз дарвозаи мактаб берун шуд ва рост ба лаби дарё рафт. Дар газзор ба ӯ расидам. Хомӯш ашк мерехт. То дер дар бараш нишастам. Ҳидоят шояд аз заъфи асаб беист сангчаҳои пеши пояшро чида, ба дарё меандохт. Намедонистам чӣ бигӯям ба хотири тасаллиаш. Баъди чанд муддат хомӯш нишастан гуфтам:

– Ба дил магир, муаллим аллакай аз гуфтааш пушаймон шуд.

– Ман аз муаллим хафа нестам, – овозаш ларзида гуфт Ҳидоят, – аз тақдири бадам аламам меояд. Охир…

Фикрашро то охир нагуфта, аз ҷой хест Ҳидоят ва ҷониби хонаашон рафт. Мумкин, гиря роҳи нафасашро



https://bikhon.tj/

гирифт ё дар назди ҳамсолаш дарди дил кардан нахост. Намедонам.

Баъд аз ин воқиа Ҳидоят дамдуздтар шуд, дигар Ҳидояти пешина набуд: аз дарсҳо худро дур мегирифт, ба бозӣ ҳамроҳ намешуд, аз мактаб рост ба хона мерафт. Аммо, ба қавле, вақт ҳама дардҳоро малҳам мешавад. Ҳидоят оҳиста-оҳиста ба худ меомад, аммо… Рӯзе се нафар барои ҳезум ба дара рафтем: ману Ҳидоят ва ҳамсинфамон Хурсанд. Аз бозе ки худамро медонам, падари Хурсанд дар колхоз сармуҳосиб буд ва дасти дароз дошт. Ҳезуму алафро ба мошин меовард. Аммо Хурсанд аз рӯи ҳавову ҳавас ба мо ҳамроҳ ба саргинчинию алафдаравӣ ва ҳезумчинӣ мерафт. Ба гуфти ӯ, падараш аз ин кори ӯ мамнун будааст писари эркаашро ба меҳнат ташвиқ менамудааст. Вақте ки ба макони ҳезумгирӣ расидем, офтоб қадди як ресмон баланд шуда буд. Зуд аз пайи ҳезумғундорӣ шудем ва дере нагузашта, аз дарахтони хушкидаи арчаву бурс ва заранги шохҳояшон шикаста се хар ҳезум ҷамъ овардем ва барои таҳтӯл кардан дар зери арчаи баланде нишастем. Хурсанд будем аз омади кори хеш ва нақшаи баргаштан мекашидем.

– Падарам шод мешаванд, – гуфт Хурсанд, ба се банд ҳезуми ҷамъкардааш мамнун назар афканда. – Дина шаб хеле гап шунидам аз он кас. Ваъдаашон – харидани велосипедро – ба ёдашон овардаму мисли хас даргирифтанд, ки дастатро ба оби хунук намезанию дилат велосипед мекашад.

Ман низ нияти дучарха хариданамро ба забон овардам.

– Ту чӣ? – ба Ҳидоят рӯй овард Хурсанд ногаҳон ва баъди чанд лаҳза тамасхуромез илова кард. – О ту падар надорӣ-ку…



https://bikhon.tj/

Дара гўё ҳарфҳои Хурсанди баддаҳонро шунида, дам ба дарун зад. Лаҳзае гумон кардам, ки дар ин дараи хушбоду ҳаво нафастанг мешавам. Шояд гўши ман қуфл зада буд ва ё воқиан ҳам, садои ҳаррангаи дара – фарёди рўди кўҳӣ, хониши мурғони хушадо, чир-чири малахҳо, маоси меше аз қуллаи шах – ях бастанд. Ба ҷуз ҷарангоси гўши хеш ҳеҷ садо ба самъам намерасид. Офтоб баланд хеста буд. Аммо ҷое ки мо ҳезум мечидем, соярў буду тали шафат ғарқи анвори офтоб. Ба ин минвол чанд вақт гузашт, дар хотир надорам. Ҳидоят оҳиста аз ҷой хест ва баъд барқвор муште ба даҳану бинии Хурсанд зада, онро ғарқоби хун карду байнашон занозанӣ сар шуд. Ба азоб онҳоро аз ҳам ҷудо кардам. Ҳидоят ба итоб харашро савор шуда, аз нишебӣ поин шуд. Се банд ҳезуми чидааш зору ҳайрон монд…

Ин гуна лаҳзаҳо бисёр мехостам, ки ошноям Ҳидоят мисли мо падар дошта бошад ва аз ин боис дар назди ҳар касу нокас забонкўтаҳу сархам, сурху сафед нашавад. Ба ҳамон ақлам ғоибан ба он марди буздиле, ки мўҷиби ба дунё омадани Ҳидоят гашта, инак рў тофтааст, дар набард мешудам, мехостам ба рўяш туф кунаму муште ба сараш бизанам. Баъди рафтани Ҳидоят бо Хурсанд гапамон пасту баланд рафту дар ниҳоят вай аз кардааш пушаймон гашт, мо ҳезуми Ҳидоятро ду тақсим карда, ба харҳоямон бор намудему ба ҳавлии Гулдастахола фаровардем ва ба чуну чарои ў посухе надода, бадар рафтем. Дар хона ба модарам дарди дил кардам. Шояд аз адолатхоҳиям болида, он рўз модарам сарамро сила кардаву аз пешониям бўсида, гуфта буд: Ту ҳоло хурдӣ, ба бисёр гапу корҳои дунё сарфаҳм намеравӣ…

Солҳо мегузаштанд якранг, давраи мактабхонӣ поён ёфт, мо ҳар яке аз пайи ҷустуҷўи бахти хеш ба ҳар сў



https://bikhon.tj/

паррончак шудем. Яке донишҷӯ, дигаре коргар, сеюмӣ аскар. Баъд ҳамсолон оила барпо карда, соҳиби фаразандон мегаштанд, аммо Ҳидоят ҳамоно ҳамроҳи модараш танҳо буд. Ҳамагон гумон доштанд, ки пас аз хатми мактаб модар зуд сари ӯро ҷуфт мекунад ва ба пайи қадами арӯс ба ҳавлии онҳо нуру сафо меборад. Аммо баръакс солҳо мегузаштанду Ҳидоят хонадор намешуд, модараш, ба қавли занҳои деҳа, ба саволҳои ҳамрустоён дар ин боб бо имрӯзу фардо ҷонашро халос мекард. Ҳатто баъзе нафарони донотарош ҳадс мезаданд, ки азбаски модар ба Ҳидояти ягонааш меҳри беандоза дорад, намехоҳад бо зани дигаре ӯро бахшу қисмат кунад. Ҳидоят низ ба саволи мо дар ин маврид гапро мегурезонд. Баъзе мардуми кунҷков мегуфтанд, ки гӯё Гулдастахола ба духтари Салимпаҳлавон хостгорӣ рафтааст, паҳлавон ҷавоби рад дода, баъд дар маъракае гуфтааст, ки «Ҳидоят аввал падарашро ёбад, баъд дар фикри зангирӣ афтад»...

Ҳидоят пас аз адои хидмати аскарӣ устои гулдасте шуд. Аз панҷаҳояш ҳунар мерезад, мисли вай устои чӯбкорррро дар атрофу акноф ёфтан амри муҳол аст, таъриф мекарданд ҳамдеҳагон ӯро. Ҳар гоҳе ки ба деҳа мерафтам, ҳамеша  хабар мегирифтам ӯро. Вай, устои чирадаст, ба қавле, даст ба даст намерасид, ҳамеша банди кор, аммо ҳамоно муҷаррад буд. Ҳарчанд кӯшидам, ягон бор дар хусуси танҳоияш гап кушода натавонистам. Метарсидам, мабодо боиси ранҷиши хотираш гардам, зеро медонистам, ки ӯ аз хурдӣ дили зудранҷ дошт, аз танҳоии худ азоб мекашиду аз ин боб гуфтан намехост. Вожаи танҳоиро чашми дидан надошт ӯ ва агар касе аз ин боб гап мекушод, гумон мекардам, мисли мӯйи дар оташ афтода ба худ мепечид, нороҳат мегашт, то метавонист



https://bikhon.tj/

мачрои гуфторро зуд дигар мекард ва ё чизеро баҳона карда, аз давра берун мерафт. Гулдастахола пир шуда буд, бо қомати хамида, дар даст асо роҳ мегашт. Дигар дар кӯча намедидам ӯро, танҳо ҳангоми дидорбинӣ рафтан дар ҳавлӣ медидамаш. Ҳамоно барои ӯ Ҳидоят тифл боқӣ монда буд. Вақте ки сари дастархон менишастем, ҳатман Ҳидоятро огоҳ мекард, ки шароб нанӯшад. Ва ё вақти таом овардан косаи ӯро дароз карда, мегуфт, ки равғанашро кам кашидааст ва ё нахӯд наандохтааст ва ҳоказо. Ҳидоят ҳамеша аз ин рафтори модар меранҷид, аммо изҳор намекард.

Чунин иттифоқ афтод, ки ҳангоми дар деҳа буданам Гулдастахола аз дунё гузашт. Барвақт рафта, дар бари Ҳидоят, ки ҷомаю тоқӣ пӯшида, тибқи урфи мардуми деҳа асо ба даст гирифта буд, рост истодам. Дилам ба ҳолаш сӯхт. Охир, вай акнун дар ин дунё танҳо худаш монду сари қоқаш. Ягона роздону парастораш рафт бебозгашт. Шояд дигар ҳамрустоён низ чунин андешаҳо дар сар доштанд, ки гардани Ҳидоятро оғӯш карда, бадард мегиристанд. Ҳидоят хомӯш буд, оби чашмаш дар рухсорааш сарозер, аз гулӯяш хирросе ба гӯш мерасид, аммо наметавонист овозашро сар диҳад. Дарду алами сахт ӯро карахт карда, забонашро лол кардаву роҳи нафасашро баста буд.

Пеш аз бозгашт ба шаҳр ба дидорбиниаш рафтам. Рӯз бегоҳ мешуд. Танҳо буд вай дар хона. Хеле нишастем, суҳбатамон аз ҳар дар буд. Вақте ки торикӣ фаромад, Ҳидоят аз ҷой хеста, чароғи карасиниро, ки дар пештахтаи тиреза меистод, даргиронд. Хона равшан шуд. Ҳидоят чанд муддат ба забонаҳои оташи фурӯзони пилта чашм наканда, гуфт, ки ҳангоми гузаронидани маъракаҳои модараш, бино бар расиши кӯтоҳ дар қабати девор ноқил



https://bikhon.tj/

сўхтаасту чанд рӯз боз аз чароғи бобоӣ истифода мекунад, зеро иваз кардани ноқил дар мағзи девор ташвиши бисёр дораду ба ин кор дасти устои ягонаи барқ дар деҳа намерасад. Баъд табассуми ҳазин дар лаб илова кард: баъд аз сари модарам одат кардам ба чароғи бобоӣ. Давраи беғамию бесарии кӯдакиро ба ёд меорад он. Маъқул аст ба ман танҳоию торикӣ.

Чароғ ришта-ришта дуди борик сар дода, пилта якмаром месӯхт ва дастархони моро равшан мекард.

– Ба торикию танҳоӣ одат кардан хосияти хуб надорад, ошно, – гуфтам ба оҳанги нарму маслиҳатомез. – Акнун муҷаррадӣ бас, танҳоӣ танҳо хоси Худованди бузург аст, бандаро сараш ҷуфт беҳ. Баъд… мард бе маҳрами тан азоб мекашад, бе дасти зан хона ҳусн надорад.

Ҳидоят бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд, аммо сухане ба забон наовард ва дарҳол риштаи суҳбатро ба дигар тараф тофт. То ҳол худамро мехӯрам, ки чаро он рӯз истодагарӣ накардам, ӯро ба гап наандохтам. Охир, ман аз куҷо медонистам, ки рӯзу моҳҳои ӯ ба шумор мондаасту дигар рӯйи гармашро намебинам ва дидорҳо ба қиёмат мемонад.

Баъди як моҳ аз бандагиро ба ҷо овардани Ҳидоят хабар ёфтам. Дар сафари хидматӣ будам ва вақте ки ба деҳа омадам, маъракаҳояш гузашта буданд ва аз ин ҷиҳат хешро дар назди рӯҳи ӯ шарманда мепиндоштам. Аз автобус пиёда шуда, сари роҳ ба ҳавлиашон даромадам. Вақти говгум буд, шаб ба тадриҷ чодари сиёҳи хеш ба сари русто паҳн мекард. Ҳавлӣ дар ҳукми хомӯшию сардӣ буд. Оҳиста дарвозаи шалакро тела додам, кушода шуд. Филҳол аз мағзам мақоли «мӯзадӯзи бемӯза» гузашт. Дасти Ҳидоят садҳо дару дарвоза хонаю кӯшки мардумро



https://bikhon.tj/

гул кунониду ба дарвозаи худаш дасташ нарасид ва ё мурғи дилаш мурда буду инро кори беҳуда медонист. Намедонам, барои чӣ ӯ ба таъмири дару девори ҳавлии хеш ҳеҷ рағбат надошт, дасташ намерафт. Ин ҳам барои мардуми деҳ муаммо монд. Бо дили зардоб қадам ба дарун ниҳодам. Диламро чизе тазйиқ медод, ноаён ваҳм хона мекард дар он. Охир, дар умрам бори аввал ба чунин ҳавлии бекасу бесоҳиб қадам мегузоштам. Бо вуҷуди ин, ҷуръат карда, ҷониби ҳуҷрае ки бори охир ҳамроҳи Ҳидоят нишаста будем, гом бардоштам. Вақте ки аз назди тиреза мегузаштам, чашмам ба собиқ сармуҳосиби колхозамон Қурбон Аваз афтид. Вай дар назди миз ба чароғ андармон буд: аввал шишаи онро гирифта, як сӯ гузошт, баъд гӯшаки чароғро тофта, пилтаи онро бардошту даст ба ҷайбаш андохта, чизеро кофт. Ҳама кисаҳоящро такурӯ карду ниҳоят шишаро боз ба ҷояш гузошт ва ба сукут рафт.

Яқин гӯгирдро фаромӯш карда буд ӯ.



https://bikhon.tj/

# ДУ ДИДОР

Корманди гумрук Фаррухи Саъдоншоҳ ин мулоқотро ҳаргиз чашмдор набуд, зеро аз дидори аввалини ӯ бо ин марди қариб ҳаштодсола солҳои зиёде паси сар шуданд ва агар чашм ба шиносномаи пирамард намедӯхту ному насабашро – Шуҳрати Ҳисорӣ – намехонд, гумон буд, ки ӯро бишиносад. Ба сурати як марди афғон, дар сар саллаю дар тан қабои пашмин ва дар пой калӯш ӯро то ҳол дар ёд дошт, аммо чеҳраашро равшан пеши назар оварда наметавонист. Мард он қабои дарвешонаи хешро ба куртаи сафеди бегиребон, шиму костюми бунафшранг иваз карда, ришашро кӯтоҳ қайчӣ зада буд. Дар пояш туфлии сиёҳи ялаққосӣ дошт.

– Мақсади сафар? – анҷоми ҷомадони пирамардро аз назар гузаронида, пурсид Фаррухи Саъдоншоҳ.

– Сайру саёҳат, – кӯтоҳ посух дод пирамард.

– Ғараз аз сайру саёҳат ҳаваси дидор аст, – гуфт Фаррухи Саъдоншоҳ, табассум дар лаб, аз пирамард чашм наканда.



https://bikhon.tj/

– Ҳақ асту рост.

– Маро шинохтӣ?

Аз ин саволи ногаҳонӣ пирамард ҳайрон ба чеҳраи Фаррух зеҳн монда, ба аломати инкор сар ҷунбонд:

– Бубахш, ҳамватан, нашинохтам.

– Мо ҳамватанем?

– Бале, мо ҳарду ватандорем, тоҷикем.

– Аз Ҳисорем?

– Бале, аз Ҳисорем, – такрор кард пирамард, бештар ҳайрataш афзуда.

– Сарбозро ёд надорӣ? – пурсид Фаррух

– Кадом сарбозро?

– Тоҷикписарро аз қисми ҳарбии шӯравӣ дар Фарох… манам ҳамон сарбоз.

Пирамард моту мабҳут чанд лаҳза аз Фаррух чашм наканда истод. Баъд базӯр ғалаёни дилашро фурӯ нишонда, қадаме пеш гузошту ӯро ба оғӯш кашида, такрор ба такрор гуфт:

– Ваҳ, ваҳ, чӣ дидоре, чӣ дидоре… ҳаргиз чашмдор набудам… Кӯҳ ба қӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад. Хуб ҳастӣ, ҷонат ҷӯр аст. Охир, он рӯз ба мо имкони серӣ суҳбат кардан надоданд. Пасон гоҳ-гоҳ дар бозор аскарони шӯравиро медидам, аммо ту пайдо нашудӣ.

– Рӯзи дигар ман дар амалиёт аз дасти ашрор ҷароҳат бардошта, се моҳ дар бемористон хобидам. Сипас ба ватан баргаштам. Аз дасти шумо, афғонҳо, қариб буд ба он дунё равам, – гуфт ба оҳанги шӯхӣ Фаррухи Саъдоншоҳ.

– Бурида бод дасти ман, ки ба ҷони тоҷики худам қасд кунад. Худ шоҳид будӣ, ки ман ба бечорагиам овора будам.



https://bikhon.tj/

– Медонам, рӯз ба бечорагиатон овора будеду шаб ба сари мо метохтед.

– Худо нигоҳ дорад!

– Худо нигоҳ дошт ё надошт, намедонам, аммо шӯравӣ понздаҳ ҳазор ҷони ҷавонро қурбонӣ дод дар он ҷанг.

– Айби роҳбарҳо буд… Замон дигар шуд, Шӯравӣ аз байн рафт, алҳол мо бо Тоҷикистон муносибати хубу ҳасана дорем. Ба гузашта салавот бигӯй, бародар…

***

Нахустин дидори онҳо бист сол қабл дар Фарохрӯд ном як деҳаи хурдакаки Афғонистон ба вуқӯъ пайваста буд. Фаррухи ҷавон он вақт дар ҳайати Аскарони Шӯравӣ дар ин кишвар хизмати аскариро ба ҷо меовард. Онҳо як меҳмонхонаи замоне дар лаби дарёи Фарохрӯд ободу зеборо, ки инак тӯли ҷангу ҷидол ба ҷуз ҳуҷраҳои холию дару тирезаҳои шикаста дигар чизе аз он боқӣ намонда буд, пас аз тамизу тоза кардан катхобҳои аскарӣ гузоштанду онро бо хобгоҳ табдил доданд. Ҳавзи калони оббозии меҳмонхона фасли тобистон ягона ҷойи дӯстдоштаи афсарону аскарони шӯравӣ буд. Рӯзе Фаррух дар лаби ҳавз танашро офтоб медод, ки командири ротаашон фавран ӯро ба ҳуҷраи кориаш даъват кард. Вақте Фаррух ҳозир шуд, дар назди афсари рус як марди тахминан шастсолаи афғонро дид.

– Бипурс, ки ин чӣ мехоҳад, – гуфт афсар ба забони русӣ.

Пас аз пурсупос аён гашт, ки дишаб яке аз сарбозон ба ин мард ба ҷои консерви говӣ гӯшти моҳиро фурӯхтааст ӯ ба назди афсар барои арз омадааст. Афсар аз ин хабар сахт



https://bikhon.tj/

ба ғазаб омад ва дарҳол ҳама ҳайати ротаро дар майдон саф орост ва марди афғон дар симои онҳо он сарбози «савдогар»-ро нашинохт.

– Инро, – ба марди афғон ишора карда, ба Фаррух рӯй овард афсар, – то КПП[1] гуселону гӯй, ки дигар ба қисми мо наздик нашавад.

Аз ҳучраи кории афсар то КПП роҳ дароз буд.

– Ту, бародар, забони моро аз қуҷо омӯхтӣ? – пурсид мард, дар китф халта ба робари Фаррух қадам зада.

– Ин забони модариам аст. Ман тоҷикам.

– Тоҷикӣ? Пас мо ҳамватанем, бобоёни мо низ аз Тоҷикистонанд. Ҳисорро дидай? – гӯё тилло ёфта бошад, чашмонаш дурахшида, Фаррухро саволборон кард мард.

– Албатта, дидаам, понздаҳ километр аз Душанбе дуртар аст.

– Мо аслан ҳисорием, – роҳравон қисса оғоз кард мард, – исмам Шуҳрати Ҳисорӣ. Ба хотири он ки ватани бобоиямро аз ёд набарам, падарам ба ман ин ному насабро додааст. Мефаҳмӣ?

– Мефаҳмам, – гуфт Фаррух бепарвоёна. – Аз Ҳисор бошӣ, дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

– Вақте дар Бухоро инқилоб шуд, падару бобоёни мо аз тарси кофир шудан гурехта, ба Афғонистон омадаанд. Падарам ҳикоя мекард, ки он вақт ман яксола будаам.Ҳангоми

---

[1]Нуқтаи назорату тафтишоти қисми ҳарбӣ

убури дарё модарам ғарқ шудааст ва падарам ба як азоб маро то соҳил мерасонад. Баъд ба хотири зинда мондани



https://bikhon.tj/

ман бо як муҳоҷирзан издивоҷ мекунад. Ёд дорам, падарам то охирин рӯзи ҳаёташ ба ёди ватану модарам нола мекард, ҳар субҳу шом ба баҳонаи об лаби дарё мерафту дуру дароз ба оби дарёву он сӯи соҳил менигарист. Рӯзе хеле ҳаял кард ва модарандарам маро аз дастам кашолакунону падарамро дуои бад карда, то лаби дарё бурд. Либосҳои падарам дар соҳил буду аз худаш нишоне набуд. То ҳол аниқ намедонам, падарам аз дарду доғи модарам худро ба дарё андохт ва ё мехост мурдааш бошад ҳам об то он соҳил бибараду дар хоки аҷдодияш фурӯ барканад ва ӯро ночор дар онҷо аскарон зери хок бикунанд. Зеро падарам то охири умр дил аз ишқи ватан барканда натавонист. Қисса мекард, ки хонаашон дар Ҳисор, лаби рӯди шӯхобе ҷойгир будааст. Ҳар гоҳ касе аз оби хунуки ташнагишикан ҳарф мезад, падарам дарҳол суханашро мебурид ва мегуфт: «Ту аз дарёи зодгоҳи ман як чумча об нанӯшидӣ, бино бар ин оби гандидаро сифат мекунӣ». Ва оби чашм мерехту ҳасрат мекард, ки агар боре дар суфаи зери чанору лаби рӯди шӯхоби ҳавлиашон як лаҳзае бишинаду аз рӯди обаш софу мусаффо як ҷуръа бинӯшад, беармон хоҳад мурд. Аммо сад афсӯс, ин ҳама орзуҳояшро бо худ бурд…

Аз чеҳраи мард гӯё ғаму андӯҳ меруҳид, гарданаш каҷ лаб фурӯ баст.

– Гурехтан даркор набуд. – гуфт Фаррух, – ҳозир зиндагӣ он ҷо мисли биҳишт. Дар ин дӯзахистони шумо тобистон аз гармӣ нафасат мегираду сардии зимистон бебарф сару рӯятро мисли теғи алмос мелесад.

– Инсон шири хомхӯрда аст, ҳаргиз пешомадашро намедонад. Афсӯс, ки ман низ ғарибхок мешавам. Кош



https://bikhon.tj/

падарам аз зодгоҳаш ҳикоят намекарду меҳри он дар дилам хона намекард.

– Бирав ба ватан, касе ба ту кордор намешавад.

– Кордор намешавад? Ин ба гуфтан осон, чандин нафар баргаштанду чун хоини ватан дар зиндонҳои шӯравӣ ҷон ба ҷонофарин супурданд. Ватан аз шумост, чаро онҳо зулм мекунанд?

– Мо як ҷузъи ватани паҳновари шӯроҳоем. Марзамон ягона аст. Ту ба ватани русҳо не, ба Тоҷикистони худат меравӣ. Натарс!

– Мегӯянд, дар он тарафи дарё русҳо ҳукмфармоянд, гап гапи онҳост.

– Дурӯғ, бовар накун.

– Қалъаи Ҳисорро дидай?

– Дидаам.

– Тоҷикистон чӣ гуна ватанест?

– Мисли биҳишт сарзамини обҳои мусаффою боғоти сарсабз, макони ангурҳои шаҳдбору себҳои шаккарин… Макони одамони озоду озода. Саросар кӯҳсор аст, боду ҳавояш роҳати ҷон

– Вах, вах! Русҳо шуморо азият намедиҳанд?

– Мо ҳама бародару баробарем, аҳлона зиндагӣ дорем.

– Аммо моро иҷозат намедиҳанд, мо як умр аз он биҳиште, ки ту васф мекунӣ, бебаҳра мемонем. Дар ин даштҳои сӯзону тафсон ба ёди ватани бобиямон ҷон ба ҷонофарин таслим мекунем. Меваҳои ғарибӣ талх, нонаш сахт, обаш шӯр… Ғариб агар ба сад умед гул бикорад, ҳатман хор меруяд.

Ҳамин лаҳза дар КПП афсаре пайдо шуду ба сари навбатдор дод зад:

– Ин афғон чӣ кор мекунад ин ҷо?



https://bikhon.tj/

– Рафиқ капитан, – даст ба чакааш бурд навбатдор, – сержант Саъдоншоев ҳамшаҳриашро ёфт.

– Чӣ хел ҳамшаҳрӣ?! – бештар ҷӯшид ғазаби капитан, – ин душман аст. Шумо қисми ҳарбиро ба макони мулоқот табдил додед? Саъдоншоев, трибунал мехоҳӣ?! Дигар на танҳо ҳамшаҳриат, балки падару модаратро мисли гӯшҳоят намебинӣ. Дар маҳбас мепусӣ!

– Рафиқ капитан, командири рота фармуд, ки арзу доди ин афғонро шунавам.

– Ту магар судяӣ? Арзу дод мешунидааст.

– Чӣ мегӯяд ин падарсаг? – пурсид мард бо овози ларзон.

– Бирав, мегӯяд.

– Худо ҳофиз, ҳамватан. Дукони ман дар растаи дувуми бозори шафат. Агар вақт даст дод, биё, ёди ватан мекунем.

– Саъдоншоев! – дод зад капитан. – Нафаҳмидӣ? Кругом! Шагом марш!

Мард ҳаросон рафт. Фаррух низ дигар ба ақиб нанигариста, ҷониби хобгоҳи аскарон роҳ пеш гирифт.

***

– Ҳисор меравӣ? – пурсид Фаррух Саъдоншоҳ, шиносномаи пирамардро баргардонида.

– Ҳисор меравам, Панҷакату Хуҷанд, Кӯлобу Дарвоз меравам, – табассум кард пирамард. – Шукри истиқлоли мову шумо. Дар сафоратхона гуфтанд, ки нақбҳо кандааанду ба чор тараф роҳҳо ҳамворанд. Дилам ҳар ҷо хост, меравам, охир ин ватани ман аст.

Қомати пирамард гӯё болотар шуд ва вай сабук-сабук гом ниҳода, ҷониби баромадгоҳ рафт.



https://bikhon.tj/

https://bikhon.tj/

# САДАҚА

Марди тахминан шастсолаи бузургҷуссаю хушлибос ва тоссар такя, балки ба пушт зада, дар нишастгоҳи мошини сиёҳранги калонҳаҷму хуштарҳ менишаст. Аз магнитофон мусиқии шӯхе садо медод ва мард дар ҳавои оҳанги он туфлии ҷигарирангу ялаққосии пойи чапашро, ки аз мошин берун буд, беист пойину боло мекард. Гарданбанди сурхи оҳараш напаридаи ӯ аз болои шиками ғафсаш ба тарафи чап лағжида, дар зери шуоъи офтоб чашм мерабуд. Либоси фохиронаю мошини олиҷаноб аз шахси доро будани соҳибаш далолат мекард. Азбаски мошин дар қарибии дарвозаи бозор меистод, аз назди он мардуми зиёд дар равуо буданд: яке дар даст борхалтаи пурбор аз бозор мебаромаду дигаре шитобон дохил мешуд. Аз дарвоза берун чанд нафар занону духтаракон лагану сатил ва халтаҳои пур аз себ, помидору ангурро дар канори роҳрав қатор гузошта, чашм ба роҳи харидор буданд. Каме дуртар аз онҳо, дар зери дарахти сада, писарбачае дар зарфи пластмасӣ донаи офтобпараст мефурӯхт.

Мард яқин касеро аз бозор интизор буд.



https://bikhon.tj/

Аз байн чанд дақиқа гузашт ва шояд мусиқӣ ба дилаш зад, ки мард ҷуссаи захими хешро аз такягоҳи нарму васеъ бардошт. Мардум ҳамоно мисли мӯрчагон дар равуо буданд. Нигоҳи мард ба нафари наҳифҷуссае афтод, ки понздаҳ-бист қадам дуртар аз дарвоза рӯи аробачаи маъюбон сараш хам менишаст. Тахминан чилсола менамуд вай. Дар танаш нимтанаи варзишӣ, чаккаҳои мӯйи сараш сап-сафед буданд. Пой надошт, аз зону поён ҳарду пояш мисли калтут бурида буд. Наҳифҷусса ноҷунбон ба як нуқта дида дӯхта, менишаст. Нигоҳаш гӯё муми роҳравро сӯрох кардан мехост. Ба ҳеҷ чиз таваҷҷуҳ намекард, ба тамом дар худ фурӯ рафта буд. Ба чашмаш танҳо туфлию соқи пойи раҳгузарон менамуду халос.

«Шояд бори аввал ба ин ҷо оварда бошандаш, – аз дил гузаронд марди тоссар, наҳифҷуссаро талбанда гумонида. – Ҳеҷ гап не, бародар, одат мекунӣ. Пули сабил ширин, дар ду-се рӯз ишқаш пардаи рӯятро дарида, шармро чунон мешӯяд, ки мегӯӣ аз модар танҳо барои ҳамин кор зода шудай. Оҳанрабо аст пул, ба ҳама кор қодир аст вай. Вақте ки муфт ба кисаат даромад, шавқат бедору ҷуръатат дучанд мешавад. Баъд агар одамон садақа надиҳанд, аз остину доманашон дошта, маҷбур мегирӣ. Онҷунон сарроф мешавӣ, ки ҳатто нигоҳат мисли мор ҷайби одамонро сеҳр карда, пулашро берун меорад».

Марди наҳифҷусса сар бардошта, ба соати дасташ нигарист ва боз сар ба зер афканд. Ду нафар роҳгузар ба ӯ наздик шуда, чанд дақиқа чизе раду бадал карда, ба роҳи хеш рафтанд.

«Шояд ба доми гурӯҳи қаллобон афтода бошад. Ҳозир бачаҳои корчаллон ҳамин маъюбони бечораро низ ба як воситаи пулёбӣ табдил додаанд. Бадбахтҳоро аз ҳар ҷо



https://bikhon.tj/

ҷамъ намуда, ба ҷойҳои серодам оварда мемонанду бегоҳӣ пулҳои садақа гирифтаашонро ба ҷайби худ мезананд. Аз як ҷиҳат қандашона зананд, ҳар касе роҳи пулёбиро донад, ошаш шавад. Ҳам шиками ин камбағалҳо сер мешаваду ҳам кисаи бачаҳои чашмкушода – пур. Магар ин бад аст? Албатта, не!»

Тоссар ҳамин минвол чанд муддат, ба қавли худаш, фалсафафурӯшӣ карду бордонаки дар паҳлуи рости чанбари фармон бударо кушод. Як бандча пул мехобид он ҷо. Аз байни онҳо як коғази бистсомониро гирифта, ба кисаи пеши пиҷакаш гузошт. Пеш аз бозор омадан як нафар корафтода ришва дода буд он бандчаи пулро.

«Дасти ҳамин пулҳоро ҳалол кунам, – зери лаб табассум кард тоссар, – то аз гулӯям бемалол гузаранду ба тани бачаҳо ош шаванд. Аз як ҷиҳат муфтакак ҳам ба даст наомадаанд онҳо. Охир, ман обрӯй, мансаб ва ҷони ширинамро ба гарав монда, пора мегирам. Мабодо Худо накарда ба даст афтам, хонаам ба пуштам мешавад… Ба ҳар ҳол, аз нӯги хамир фатир, бист сомониашро ба ҳамун бечора диҳам, дуо мекунад. Дуо сипари ҳама гуна балоҳо, гуфтаанд машоих. Шояд дар умри сараш ба вай ягон кас чунин пули калон надода бошад. Хурсанд мешавад, дастамро мебӯсад. Аз қафоям дуру дароз ҳама дуоҳои азёд медонистагиашро мехонад».

Тоссар чанд лаҳза манзараи дастбӯсии наҳифҷуссаро пеши назар оварда, Худоро шукри бепоён гуфт, ки дасти иноят аз сари ӯ нагирифтааст: дар оилаи падари сарватманд серу пур ба воя расид, ба пули падар донишҷӯи донишгоҳ шуд, чор варақ китобро сиҳҳат нахонда, соҳиби диплом гашту дарҳол ба воситаи хусураш ҷойи кори хуб ёфт. Дар оиладорӣ низ толеаш баландӣ



https://bikhon.tj/

кард: занаш зебо, рамузфаҳм, кадбонуи хуб, додарарӯсҳояш ҳама сарватманд, хусураш прокурор. Худо диҳад, ҳамин қадар медиҳад! Аз ин зиёд талаб кардан ношукрист. Ба як инсон дигар чӣ лозим? Хӯр, кайфу сафо кун! Мегӯянд, Парвардигор ба ҳар инсон як бор дасти сахояшро дароз мекунад, агар уҳда карда тавонӣ, бурдат, вагарна мисли ин маслуқ рӯзи дароз дар канори роҳрав дасти гадоӣ сӯи одамон дароз карда, мешинӣ».

Мард мамнун аз тахту бахти хеш чанд лаҳза дар олами ширину гуворои хаёлот ғӯтавар шуда, беихтиёр панҷаҳои ҳарду дасташро дар паси сараш қуфл андохту дуру дароз хамёза кашид. Ҳамин асно ҷавонзане ҳамроҳи духтарчааш аз назди марди наҳифҷусса гузарон сӯи ӯ чизе дароз карданд. Мард чанд сония ба дасти дарозшуда дида дӯхта, асабиёна онро рад кард. Зану духтарча ҳайрон ба роҳашон рафтанд.

«Аз афти кор, пул надоданд, ки ҷанобашон рад карданд. Гир-гир, аз халқ ҳарчӣ муфт мерасад, хуш аст. Мардум пулро аз кӯча рӯфта намегиранд. Аслан ба ҳаминҳо садақа додан хатост, – хулоса кард мард. – Бигузор азоби гуруснагӣ кашанд, шояд мағзашон андаке ба кор дарояду ягон роҳи пул кор карданро ёбанд. Муфтхӯр шудаанд, мехоҳанд дасташонро ба оби хунук назада, нони даҳонашонро ёбанд. Номаъқул кардаанд! Дуои ин тоифа мардум мустаҷоб намешавад. Агар дуояшон кора мекарду ба гӯши Худованд мерасид, ҳаргиз гадою талбанда намешуданд. Рафту тақдири инҳоро ба дасти ман медоданд, ҳамаашонро дар як корхона ҷамъ оварда, мисли хар кор мефармудаму баъд як бурда нонашон медодам. Ана баъд ба қадри пул мерасиданд».



https://bikhon.tj/

Дар сар чунин андешаҳо тоссар аз нав бормонакро кушода, ба бандчаи пул як нигоҳи гарм афканду сипас шишачаи атрро гирифта, ба гардани ғафсаш пошид. Дохили мошинро бӯйи хуш фаро гирифт. Мард паиҳам чанд бор ҳарисона ҳавои атрогинро ба димоғ кашида, шишачаро баргашта ба ҷояш гузошт ва «Куҷо шуд ин занаки беақл» гӯён аз мошин берун омад. Чор-панҷ қадам дуртар аз мошин дар зери дарахти пир писарбачае донаи офтобпараст савдо мекард. Тоссар ба ӯ наздик шуда, қабзаашро пур карда, донаи офтобпараст гирифт ва як-як ба даҳон андохта, ба шикастан оғозид.

– Мактаб намехонӣ? – пурсид вай, пӯсти донаи офтобпарастро пеши пояш туф карда.

– Мехонам, – аз мард чашм наканда, ҷавоб дод писарбача.

– Пас дар ин ҷо чӣ номаъқулӣ мекунӣ?

– Имрӯз рӯзи истироҳат, амак, – ҷавоб дод писарбача.

Мард дигар ба ӯ аҳамият надода, рӯй гардонду ҷониби мошинаш рафт.

– Амак, пулаша кӣ медиҳад? – садо кард писарбача аз қафо.

Мард нимрӯя ба қафо гашта, хост чизе бигӯяд, аммо чашмаш ба ҳамсараш афтид, ки дар даст ду борхалта ҳамроҳи як зани ношинос аз дарвозаи бозор берун шуданд. Вақте занҳо ба назди ҳамон марди маъюб расиданд, наҳифҷусса ба зани ношинос асабиёна чизе гуфту зан зуд дастаи аробаро ба даст гирифта, сари аробаро ба тарафи рост гардонд.

– Э вой ҷонаме! – норозиёна хитобид ҳамсари марди тоссар, бори дасташро ба замин гузошта. – Агар ҳамроҳам



https://bikhon.tj/

мерафтед, магар туфлиатон гард мегирифт? Мисли ҷӯгӣ доим тӯрба дар китфам.

– Бисёр нанол! – хитобид мард, борҳоро ба бордони қафои мошин ҷобаҷокунон. – Ҳам пул ёбам, ҳам аз қафои ту бор кашам, а? Хестӣ, ки дар хобат дидай. Ҳамин намерасид, аз қафои ту дар ин бозори бӯгину пурғавғо кашола шуда гардам.

– Чӣ, шумо магар шох доред?

– Пӯш даҳонатро! – гуфт мард ба зарда.

– Ана он марди маъюбро дидед? – пурсид зан, ба ҷониби марду ароба, ки инак зан онро дар роҳрав оҳиста-оҳиста аз байни одамон гузаронида, ҷониби офтобшинам мерафт, ишора карда.

– Ҳа, дидам, – норозиёна сарпӯши бормони мошинро пӯшид мард. – Талбандаро мегӯй?

– Ёфтед талбандаатонро, – заҳрханда кард зан. – Вай роҳбари як ширкати калон. Ҳозир ба занаш хеле суҳбат кардем. Чанд сол пеш дар ҷанги Афғонистон аз ду пояш ҷудо гашта бошад ҳам, ҳаргиз ноумед нашудааст. Ба ҳамин занак оила барпо карда, соҳиби гул барин писаракону духтаракон гаштааст. Аввал дар бозор ҳар гуна гулу гиёҳ ва алафҳои табобатӣ мефурӯхтааст. Баъд аз роиҷ гаштани низоми бозоргонӣ як дорухона кушодааст. Ҳозир соҳиби як ширкати доруфурӯшӣ, ҳавлиаш дар қафои ана он бинои нуҳқабата. Медонед, ҳозир зану шӯ барои чӣ бозор омадаанд?

– Аз куҷо донам… барои харид омадагистанд.

– Мехостааст ба директори бозор гапзанон карда, барои хонаи ятимон як сентер маҳсулоти қаннодию панҷоҳ халта орд садақа барад. Охир, дар пеш иди Рамазон.



https://bikhon.tj/

– А! – ҳайрон мад кашид мард, яқин аз марди маҷрӯҳро талбанда пиндоштани хеш шармаш омада.

– Мо ҳам барои дастархони идона тайёрӣ диданамон даркор, мардак, – гуфт бо оҳанги ишва зан. – Ҳамсояҳо, хешу табор мебиёянд, мабодо шарманда шавем.

– Дастархони ҳарсолаат аз ягон кас кам буд? Ба фикрам, фақат шири мурғ намерасид.

– Медонам, мардакҷон, шумо якта. Ин хел шӯи ёбанда ҳеҷ кас надорад! – гуфт зан, гурбавор худро ба шавҳар ҷафс карда. – Мегӯм, ки имсол аз порсола зӯртар шавад. Баъзе ҳасудон сӯхта-сӯхта муранд.

– Шуд, шуд, – гуфт мард, дасташро аз дасти зан раҳо карда. – Ба ин майда-чуйда сари маро гаранг накун. Дастархон пур кардан ҳам гап шуду… Хоҳам, як маҳалларо ба дастархони пурнозу неъмат табдил медиҳам.

Вақте онҳо ба мошин нишастанд, мард моторро ба кор дароварда, ба роҳи калон дохил шуд. Чун аз чорсӯ ба тарафи рост гаштанд, чашми тоссар ба марди наҳифҷусса афтод, ки ҳамоно сараш хам рӯи аробача менишаст. Зан андаке ҷуссаашро ба пеш хамонда, аробачаро тела медод.

– Ман ӯро талбанда пиндошта, мехостам бист сомонӣ садақа диҳам, – гуфт мард, ҷониби ароба ишоракунон. – Хайрият, ки надодам.

Тоссар аз марду аробача рӯй гардонда, суръати мошинро афзуд. Мошин аз якбора баланд шудани суръат нолаи ҷонхароше баровард, такон хӯрд ва ба пеш давид. Зан нафаҳмид, ки шавҳараш барои муфт нарафтани бист сомониаш изҳори хурсандӣ мекунад ва ё ба он марди дарёдил чун талбанда пул дароз накарда, шарманда нашуданаш.



https://bikhon.tj/

# ИШҚИ ЗИСТАН

Сермошин буд кӯчаи марказии шаҳр он рӯзи охири тобистон. Дарёи пур аз киштиро мемонд он. Мошинҳои гуногунрангу тамғаашон ҳархела дар се қатор сангпуштвор оҳиста-оҳиста пеш мерафтанд. Яке баланд сигнал медод, дигаре аз дудбарояш дуди ғализ ихроҷ намуда, мекӯшид мотораш аз кор намонад. Баъзе ронандагон аз тиреза сар кашида, ба якдигар чизе мегуфтанду мешуниданд. Ҳамин гуна оҳангҳои гуногун дошт кӯча дар он нимарӯз. Ногоҳ ғурриши бурғуи мошини ёрии таъҷилӣ атрофу акнофро пур кард. Вай кӯчаро ба сар бардошта, мехост ба худ роҳ кушояд, аммо мошинҳо роҳ намедоданд. Шояд онҳо низ куҷое шитоб доштанд. Ба ҷуз ронандаи миёнаумри фатиламӯй дар дохили мошин духтури солхӯрда ва ҳамшираи шафқат менишастанд. Ронанда аз тасмаи қиргуни роҳ чашм наканда, зери лаб баъзе ҳамкасбони саросемаи хешро, ки қоидаи ҳаракатро вайрон мекарданд, дашном медод.



https://bikhon.tj/

– Э ҳайвон, аз тори кадом кӯҳ хамбидӣ! Куҷо, куҷо тамба шуда, меоӣ. Намебинӣ, роҳ баста…

Дар чорсӯи навбатӣ низ ба ӯ роҳ надоданд. Вақте чароғак сурх шуд, мошинҳо аз ҷониби чап ба ҳаракат омаданд ва мошини ёрии таъҷилӣ лоилоҷ истод.

– Бемор чӣ дард доштааст? – пурсид ронанда аз духтур.

– Дил, – кӯтоҳ посух дод ӯ.

– Чандсола?

– Ҳаштоду шаш.

– Ви-ис, – зери лабу дандон ҳуштак кашид ронанда. – Ба ҷойи духтуронро безобита кардан кайҳо бояд сафар мекард. Ҳаштоду шашро ба даҳон гуфтан осон. Эҳа, ин қадар сол дар ин дунёи пур аз дуну данӣ зистан азоби алим.

– Аз ҷони набаромада умед, гуфтаанд, – норозиёна ҷониби ронанда нигарист духтур. – Ҷон барои ҳама, чи пиру чи ҷавон, ширин аст. Баръакс, ҳар қадар умр равад, ҷон ширинтар мешудааст. Худат борҳо шоҳид будӣ, ки чӣ гуна кампиракону мӯйсафедон дар дохили ҳамин мошин аз охирин ришгаи зиндагӣ дошта, ба сад забон аз мо имдод металабиданд.

– Гапат дуруст, духтур, аммо ҳарисӣ ҳам ба эбаш. Чунин одамон бояд ба хотири ҷамъ ба оғӯши марг раванду аз Худо биталабанд, то давоми умри онҳоро ба фарзандону наберагонашон диҳад.

– Аз азал умри ҳар инсон дар хати тақдири ҷабинаш рақам зада мешавад. Беҳуда нагуфтаанд: рӯзат, ки пур шуд, ба умри кӣ мезийӣ.

– Барои ман шаст сол басу басанда аст, – гуфт ронанда.

– Ту ҳозир чандсола?

– Баъди як моҳ чилу нуҳро пур мекунам..



https://bikhon.tj/

– Агар ҳар кас ба хости хеш умр медид, замин кайҳо аз одам пур мешуд. – гуфт духтур андешаманд. – Афсӯс, ки дарозию кӯтоҳии умри мо дар ихтиёри усто Карим аст. Ҳар қадар хоҳад, ба ҳамон андоза муайян мекунад. Эҳе… набошад кӣ мурдан мехоҳад… ҳеҷ кас! Ҳарчанд зиндагӣ пастию баландӣ, талхию машаққатҳои зиёд дораду танҳо марг метавонад дар як лаҳза моро аз ин ҳама гирудорҳо бираҳонад, инсон дудаста аз домани зиндагӣ медораду маргро чашми дидан надорад. Чӣ сирре ин ҷо нуҳуфтааст, касе намедонад ва ба гумон аст, рӯзе гирехи ин асрор кушуда шавад.

– Ин ҷо ягон сир-пир нест, – гуфт ронанда, мушт ба сари чанбари фармон зада. – Инсон медонад, ки як бор ба дунё меояд ва бояд то метавонад аз зиндагӣ коми дил бардорад, айшу ишрат кунад.

– Нафаҳмидӣ, – сухани ронандаро бурид духтур. – Авомона аст мулоҳизарониҳоят.

– Чӣ хел авомона?! – ранҷид ронанда.

– Рости гап, худам ҳам сарфаҳм намеравам, аммо мағзи гап дар ин нест.

– Пас дар чист?

– О намедонам гуфтам-ку, роҳа нигаҳ бикун, – хандид духтур.

Ҳамин тавр онҳо байни ҳам суҳбаткунон ба манзили бемор расиданд. Духтур ва ҳамшираи шафқат ба бинои нуҳқабата дохил шуда, ҷониби лифт рафтанд. Хомӯш буд он. Каме мунтазир истоданд. Зане аз қабати якум гуфт, ки кор намекунад лифт.

– Тӯй дорем ғӯй… чӣ кор мекунем? – пурсид духтур мутаҳаййир ва худ зуд қарор дод. – Мебароем!



https://bikhon.tj/

Ва ҷониби поғундаҳои сангин рафт. Ҳамшираи шафқат низ лоилоҷ аз дунболи ӯ ба роҳ даромад.

– Ошёнаи чандум буд? – пурсид ҳамшираи шафқат.

– Ҳаштум.

– Аз шаб боз дар поям рост. Ҳамин ҳозир меафтам. Ин чӣ навбатдорӣ буд, қариб ба даҳ дар рафтем.

– Вазифаамон, – гуфт духтур, ба қафо тоб хӯрда. – Агар ба ту вазнинӣ кунад, ба ман деҳ.

Сипас аз дасти ҳамшираи шафқат ҷомадончаро гирифта, аз нав рӯболо рафт.

Бемор – пирамарди ҳаштоду шашсола – дар ҳуҷраи хурдакак рӯи се қабат кӯрпача ба пушт мехобид. Ҳавои хона вазнин буд. Омехта ба бӯи турб равғани сӯхта ба машом мерасид.

– Тирезаро кушоед, – гуфт духтур ба ҳамшираи шафқат.

– Ҳозир, – зуд ба по шуд марди тахминан чилсола ва пардаи тӯриро яктарафа карду шақарросзанон як паллаи тирезаро кушод.

– Пашша медарояд, – норозиёна ғурунгид кампир.

– Пашша дарди бахайр, – гуфт духтур тонометр дар даст, – ҳавои хонаро мудом тоза нигаҳ доштан лозим.

Духтур пас аз фишори хуни пирамардро санҷидан аз кампир, ки инак дар сари болини бемор сукут меварзид, пурсид:

– Лифт умуман кор намекунад?

– Не. Чанд моҳ шуд, овозаша нашунидем.

– Рӯзатон сахт будаст.

– Нагӯед, духтурҷон… зиндагӣ… чӣ кор кунем. Ману мӯйсафед дар бадали моҳҳо поён намефароем. Мисли уқоб аз ин баландӣ танҳо тамошо мекунем замина.



https://bikhon.tj/

– О ин уқоба  чаро эҳтиёт накардед? – танзомез гуфт духтур, беморро нишон дода.

– Гӯр пирӣ шавад. Мӯйсафед дар вақташ як йигити чор кас медидагӣ буданд. Ба ҳар тори мӯяшон як духтар овезон буд.

– Лекин шумо пешдастӣ кардед.

– Насиб будаст… Мӯйсафед ҳозир ҳам аноӣ не, агар ҳамин дили сабил ғам надиҳад, як табақ оша бозӣ ба бозӣ мехӯранд.

– Мӯйсафед, дард камтар шуд? – ба бемор рӯй овард духтур.

– Нафасгириам анча осон гашт, аммо…

– Хӯрока истиҳола карда, хӯред, –  нарм табассум намуд духтур. – Як табақ ош ба шумо зӯрӣ мекунад.

– Аз гушангӣ мурам?

– Худо нигоҳ дорад, аммо синну солро низ ба инобат гирифтан даркор.

– Гап дар ғизо не, – гуфт пирамард маслиҳатомез, – чанд сол боз табобати кироӣ нагирифтаам. Ҳамин ки дард хурӯҷ кард, мисли ту духтурон омада, сӯзандору мегузаронанду мераванд. Ба дилам зад чунин тарзи табобат. Намешавад, ки маро чанд рӯз дар беморхона хобонда, дуруст табобат бикунӣ.

– Кори намешудагӣ нест, аммо ба ин аҳвол…

– Албатта, ба мошин омадӣ?

– Ҳа, мошин дар поён.

– Илоҳӣ барака ёбӣ, не нагӯй, дуо мекунам.

Духтур ба кампиру писари пирамард, ки ором гуфтугӯи онҳоро гӯш мекарданд, назар афканд.

– Ягон хатар нест? – ба овози паст пурсид писари пирамард аз духтур.



https://bikhon.tj/

– Дар ин синну сол хатар аз мӯйи сар ҳам зиёд, – пичиррос зад духтур. – Дили инсон ҳам мисоли таҷҳизотест. Аз задани зиёд вай низ корношоям мегардад.

– Дили мӯйсафед нозук, ака, суханаша нашиканед, хафа мешавад. Чанд рӯз боз гапаш фақат ҳамин: ба бемористон баред, мегӯяд. Дар дилаш ормон намонад.

– Ба бурдан мебарем, аммо…

– Духтур, аз пичир-пичир чӣ фойида. Охир, ман орзуи ширн мурғ накардам-ку! – арозид пирамард, яқин аз сарбаста гуфтанҳои писарашу духтур дилаш танг омада. – Солҳои пеш ба як укол дарди дилам моҳҳо аз худ дарак намедод. Аммо ҳозир не. Доим маз-маз дард мекунад. Аз афти кор, дигар шифо намеёбам. Гоҳо аз дард ҷонам ба лабам омада, ба қафаси синаам ду-се мушт зада, мегӯям: чаро ин қадар менолӣ, устухонама сафед кардӣ-ку, падарлаънат! Чӣ дард дорӣ?!

– Чӣ ҷавоб медиҳад? – пурсид духтур.

– Хомӯш аст, чизе намегӯяд.

– Не, мӯйсафед, хомӯш нест. Худо накунад, ки вай хомӯш шавад. Гап мезанад, аммо шумо забонашро намефаҳмед.

– Шояд, – гуфт пирамард андешаманд. – Давраи бачагию наврасии мо ба солҳои ҷанг рост омад. Аввал босмачиҳо ғам медоданд, баъд немиси хонасӯхта ҳуҷум кард. Нони серия намедидем, доим нимгуруснаю нимбараҳна мегаштем. Бо вуҷуди ин шабу рӯз кор мекардем дар саҳро. Кори сиёҳ одама маъюб мекардааст, духтур. Азбаски он солҳо қонуну қоида сахт буд, аз кор гурехта намешуд. Ҷона сабил дониста, хеле дар азоб мондем… Хайр, баъдҳо ақлам даромада, худама эҳтиёт кардам.

Лаҳзае дар хона оромӣ соя андохт.



https://bikhon.tj/

– Аз ҳамон хӯрокат ба духтур як коса биёр, – гуфт пирамард ба келинаш, ки барои кадом коре ба хона даромада буд. – Бисёр бомазза буд, барои ман низ як коса биёр. Косаи духтура сергӯшт кун, шояд меҳраш тофта, беморхона барад.

– Ташаккур, лозим нест. Мо хӯроки пешин хӯрда омадем, – қатъӣ рад намуд духтур ва баъд ба писари пирамард амр кард:

– Рав, аз мошин занбарро биёр.

Ба азоб пирамардро аз қабати ҳаштум фуровардand.

Инак мошини ёрии таъҷилӣ аз хонаи пирамард торафт дур гашта, аз роҳи ноҳамвор ва ҷо-ҷо фурӯрафтаи байни хонаҳои канори шаҳр лангар хӯрда, ҷониби роҳи калон мерафт. Дар назди бемор писараш ва ҳамшираи шафқат менишастand. Ҷисми лоғари ӯ аз бардорузани мошин озор медид ва пирамард паст-паст менолид.

Вақте ки ба роҳи калони мумфарш дохил шуданд, мошин лаҳза ба лаҳза суръаташро меафзуд. Ногоҳ ҳамшираи шафқат тирезаи байнро кӯфта, духтурро, ки дар бари ронанда менишаст, ба ёрӣ хонд:

– Аҳволи мӯйсафед бад, нафасаш мегирад!

Духтур мошинро боздоронду зуд аз кабина худро ба салон гирифт. Мисли одами дар талвосаи ҷон бетоқат буд пирамард. Нафасаш ноҳамвор, ранги рӯяш мисли пахта сафед шуда буд. Нигоҳи имдодталабонааш ба рӯи духтур мепилелид. Духтур зуд аз ҷомадонча сӯзандору гирифта, аз банди дасти пирамард гузаронид.

– Зудтар! – амр кард ӯ ба ронанда. – Хобат бурд магар? Гашти ин сангпуштро тезонида намешавад?

– Роҳ банд бошад, айби ман чӣ! Қанот надорад, ки бипарад.



https://bikhon.tj/

– Бояд роҳ диҳанд.

– Дуруст, бояд роҳ диҳанд… феъли мардумамон ба худат маълум. Дар бисёр кишварҳо як хати роҳ махсус барои мошини ёрии таъҷилӣ ва сӯхторнишонӣ ҷудо шудааст ва касе ҳақ надорад онро банд кунад. Аммо дар мо касе парво надорад, ки дар куҷое нафаре дар дами марг чашм ба роҳи мост ва ё дар куҷое хонае ба коми оташ меравад. Туро газад, маро чӣ ғам аст шиори зиндагии мо имрӯз.

Ронанда асабиёна суръатбардорро ба қафо ва баъд ба дасти рост тоб дода, суръатро афзуд. Мошин аз ҷояш такон хӯрда, ғурриши бурғу кӯчаро пур кард. Чанд мошине ки пеш-пеш мерафтанд, ноаён худро канор гирифтанд. Вақте ки троллейбус низ дар истгоҳ андаке канор рафт, ронандаи мошини ёрии таъҷилӣ аз хати якуми роҳ, ки инак каммошин буд, суръатро афзуд. Серодам буд кӯчаҳои шаҳр он рӯз. Шитоб доштанд одамон ба ҳар тараф. Нохост дар чорроҳаи назди мактаб писарбачае дар дасташ портфел тозон роҳро убур карду… чархҳои мошини ёрии таъҷилӣ муми роҳро лесида, садои ғӯшхарош дардод. Бо вуҷуди ин ронанда натавонист фалокатро пешгирӣ кунад. Аз зарбаи мошин писарбача мисли тӯб ба ҳаво хеста, рӯи роҳ афтид. Китобу дафтари анбони дасташ аз худаш пештар рӯи раҳ паҳну парешон гашт.

Ин фалокат дар як он низоми кӯчаро барҳам зад. Ба назму тартиби қатори мошинҳо рахна ворид гашта, ҳаракат номураттаб гашт. Зуд ҳангомачӯён ҷойи ҳодисаро гирд карданд. Духтур тозон писарбачаро аз рӯи роҳ бардошта, ҷониби мошин омад:

– Зуд ба мошин! – дод зад ӯ ба ронандаи моту мабҳут, ки чӣ кор карданашро надониста, дар назди мошин рост меистод. – Маторро ба кор дарор!



https://bikhon.tj/

– Кормандони БДА… гап мешавад.

– Акнун дар таги ҳафт қабат замин бошӣ ҳам, онҳо туро меёбанд. Ҳозир писарбачаро наҷот додан даркор.

Аз нав садои бурғу баланд шуд. Ронанда аз балои ногаҳон аз таги по хеста то ҳол ба худ наомада буд. Ҳангоми ҳаракат қариб ба мошини дигар бармехӯрд. Бо вуҷуди ин вай мекӯшид сару сомонашро ба даст гирифта, зудтар ба бемористон бирасад. Дар салони мошин духтур писарбачаи тахминан шаш-ҳафтсоларо ба бағали ҳамшираи шафқат андохта, чанд лаҳза ҳайрон монд. Ҳамшираи шафқат ҷисми лоғари писарбачаро сари зонувонаш уреб гузошта, аз чеҳраи зебои ӯ чашм намеканд. «Шояд аз тарс дар ҳолати шок бошад, – аз дил гузаронд ҳамшира. – Сару рӯяш тоза, дасту пояш ҳам осеб надидагӣ барин» . Духтур пиҷаки сиёҳу гарданбанд ва  куртаи сафеди писарбачаро кашида дид, ки тахтапушт ва паси сари кӯдак ранги нофармон гирифта буд. Писарбача раг намезад ва ба ҷуз набзи нимшунавояш ҳеҷ нишоне аз зиндагӣ зоҳир намесохт.

– Зудтар! – аз тиреза сар халонда, ронандаро ҳадаҳа мекард духтур. – Бачаро бой медиҳем!

Пирамард дигар нолиш намекард. Нигоҳи чашмони хастааш ба ҳамшираи шафқату писарбача андармон буд.

– Ба таги сарам ягон чиз гузор, –  пичиррос зад ӯ ба писараш. – Дилам беҳузур… сарам чарх мезанад.

Писар сари падарро ба кафи дасти росташ андаке боло бардошта, болиштчаро дуқат карда, аз нав ба таги сари бемор гузошт. Пирамард як оҳи чуқур кашида, паст «Тавба» гуфт. Дар ҳамин ҳол писарбача гӯё хоби даҳшатноке дида бошад, ларзид ва дастони лоғару нозуки хешро андаке боло бардошта, аз гиребони ҳамшираи шафқат дошт ва дар ҳамин ҳолат гӯё ях баст. Духтур инак бори чандум набзи



https://bikhon.tj/

писарбачаро месанҷид ва ҳар дафъа ба изтироб ронандаро саросема карда, худ ба худ мегуфт: Метарсам, ки бачаро бой медиҳем.

Мошин ба пеш метохт. Дохили салон сокит буд. Садои бурғу ғурриши моторҳои гуногун ва сигнали мошинҳоро пахш мекард. Ронанда чароғакҳои роҳнаморо сарфи назар карда, то метавонист суръатро меафзуд.

– Аҳволам бад, гӯй, боз як укол кунад, – гуфт пирамард ба писараш. – Таъсири сӯзандоруяш суст шуд, аз нав дамам мегирад. Инҳо ба кӯдак андармон шуда, маро фаромӯш карданд. Аздусар одам намешавад вай, осон аст магар зарбаи мошина бардоштани кӯдаки навниҳол. Ғами одами зиндая хӯред гӯй.

– Каме тоқат кунед, ҳозир мерасем, – гуфт писар асабинамо. – Об диҳам?

– Лозим не, аздусар мегардонам.

– Беҳуда ҷойи гарматонро хунук кардед, дар хона аҳволатон беҳ буд.

– Ту асло ғами маро нахӯрдӣ… фарзанди мардум барои падарашон чӣ корҳо мекунанд.

– Доим ҳаваси фарзанди мардумро хӯрдед.

– Сад бор гуфтам, ки бояд дандон монам, гӯшатро ба карӣ андохтӣ.

Писарбача аз нав ноаён ларзид ва дар баробари ӯ ҳамшираи шафқат низ як қад парид.

– Одаму як дам, гуфтаанд, – гарданашро ҷониби духтур гардонд пирамард.

Духтур ҳарчанд ба писарбача андармон буд, ба қираи гӯш гуфтугӯи падару писарро мешунид ва аз ин хунсардии пирамард ҳаёти умраш хушк шуда, лаҳза ба лаҳза ғазабаш ҷӯш мезад.



https://bikhon.tj/

«Аҷабо! – аз дил гузаронд духтур ба кароҳат, аз пирамард чашм наканда, – гардани гандумгинаш ҳатто як рах ожанг надорад».

Ва ногаҳ дар дилаш хоҳише рӯ зад, то аз пирамард дар тӯли ин умри дароз чӣ шуғл ва касбу кор доштанашро бипурсад . Аммо ҷуръат накарда, дарҳол нигоҳашро ба писарбача кӯчонд, ки ҳамоно дасти нозуку мисли шир сап-сафедаш дар гиребони ҳамшираи шафқат ноҷунбон мехобид.

«Шояд падару модараш аз ҳаял кардани фарзандашон аз мактаб дар ташвиш шуда бошанд. Онҳо аз куҷо медонанд, ки ҷони ҷигарбандашон дар сари мӯй бозӣ дорад».

Дар сар чунин андешаҳо духтур аз нав нигоҳашро ба пирамард кӯчонид. Ҳамоно гарданаш кач аз ӯ чашм намеканд пирамард. Нигоҳаш имдодталабона буд ё бефарқ, аниқ идрок карда натавонист духтур ва аз чӣ бошад, симои падарашро пеши назар овард, ки мисли ҳамин пирамард умри дароз дида, порсол аз дунё гузашт. Як умр чӯпонӣ мекард падараш, рӯю ҷабин ва гарданаш пур аз ожанг буданд. Баъзан духтур ба чеҳраи ӯ дида дӯхта, аз гулкориҳои табиати афсункор дар чеҳраи инсон дар банди ҳайрат мемонд. Гӯё устои гулдасте дар даст теша ожангҳои падарашро кандакорӣ карда бошад. Зеро ҳеҷ яке аз ҷабинҳо на дар дарозию кӯтаҳӣ, на дар качу килебӣ ба якдигар шабоҳат надоштанд. Аммо зебо, хоно ва шунаво буданд онҳо ҳар яке сари худ. Сатрҳо аз китоби умри инсон, мегуфт духтур ожангҳои ҷабин ва дасту рӯи одамонро. Ҳар касе дили равшан дорад, метавонад ба осонӣ онҳоро бихонад. Падари духтур дар тӯли ҳаёти бардавомаш боре ҳам аз деҳа берун нарафта буд. Умре дар кӯҳу пушта мегашт ӯ аз паси моли мардум. Вақте ки духтур ба Донишгоҳи тиббӣ дохил



https://bikhon.tj/

шуда, шоду бод охири фасли тобистон ин хабарро ба авули домани кӯҳи баланд бурд, падар базӯр ғалаёни дилашро фурӯ нишонда, гоҳ ба риққат омадаву гоҳ чашмони намгирифтаашро ба пушти даст ноаён пок карда, гуфта буд: «Нағз, бачем, хон, хонданат мемонад. Раҳмат, ки сари мани бесаводро ба фарқи осмонҳо расондӣ. Касби интихобкардаат ҳам нағз, мардумро табобат мекунӣ. Ҳарчанд Худованди карим дардро, ки дод, шифояшро низ медиҳад, дорую дармон ва ҷаҳду талоши ту баҳонаю сабаб мешавад. Бигузор орзуҳои ман дар ту гул кунад. Агар хоҳӣ, баъди хатми институт дар шаҳр кор биёбу ҳамон ҷо муқимӣ шав. Ё кӯҳи баланд, ё шаҳри азим, гуфтаанд».

Мошин «доду войкунон» ба ҳавлии бемористони ёрии таъҷилӣ ворид шуда, дар назди даромадгоҳи шуъбаи қабули беморон қарор гирифт. Духтур дасти писарбачаро, ки тамоми роҳ набзи онро месанҷид, раҳо карда, оҳанги дареғ аз дил берун кард: «Афсӯс… дер кардем».

Ҳамшираи шафқат писарбача сари дастон аз мошин фуромада, тозон ҷониби даромадгоҳ рафт. Ронанда, хотираш парешон, дари қафои мошинро боз намуд ва ба ёриии писараш пирамардро ба болои аробачае ки аллакай кормандони бемористон омода карда буданд, гузошт.

Ду нафар санитар саросема аробаро тела дода, ҷониби даромадгоҳ рафтанд.

Ронанда то дер аз қафои онҳо чашм наканда, дарро оҳиста пӯшид ва худ ба худ гуфт:

– Ҳай дареғ, ҳай дареғ, ачаб кори бенуре шуд, ачаб кори бенуре шуд!



https://bikhon.tj/

# ХОСТГОРӣ

Бори аввад ҳамдеҳагон Ҳайдар Акрамзодаро дар кӯча сархаму димоғсӯхта ва ғарқи андеша диданд. Сӯи касе нимнигоҳе намекард, хиратабъ қадам мезад ҷониби осиёб. Ӯ, ки марди сара, ҳақгӯю адолатпеша ва одил буд, аз овони ҷавониаш дар мавриди гӯштингирию бузкашӣ, тақсими обу замин ва дигар маъракаю моҷароҳо дар байни ҳамдеҳагон чун довари одил шинохта шуда буд ва мардум оҳиста-оҳиста аз пеши худ ӯро саркардаю деҳсолори русто баргузиданд ва дар умри ҳафтоду сесолааш ҳазорҳо суру сӯги одамонро, ба қавле, сару нӯг шуда буд ва дар ҳама коруборе, ки дар Сангоб ба вуқӯъ мепайваст, худро масъул медонист ва аз ин рӯ дар кӯча ба ҳама чиз аҳамият медод: бачаҳоро барои беҳудагардиашон танбеҳ медоду дигареро аз қадами ноҷо гузоштааш ва сеюмиро барои салом надоданаш сарзаниш мекард. Ҳамрустоён ба эродгирию накӯҳиши ин марди рӯзгордида эътирозе намекарданд, гапашашро маъқул мешумурданд, зеро хуб медонистанд, ки ба нафъи онҳо гап мезанад ӯ ва инро на як бору ду бор дар амал санҷида буданд. Хулоса, мардум Ҳайдар Акрамзодаро чун деҳсолор ва соҳиби маъракаҳояшон қабул доштанд ва ба



https://bikhon.tj/

овози гулдурросию базарбааш ва шиҳаю садои наъли асби гулибодомиаш одат карда буданд. Агар рӯзе ин овозро нашунаванд, хавотир мешуданд, ба сад гумон мерафтанд ва сабаби ин хомӯширо ҷӯё мегаштанд.

Аммо имрӯз… бори аввал буд, ки деҳсолор ба касеву чизе таваҷҷуҳ намекард, ки ин сабаб дошт: дирӯз вай аз Сухроб – писари дӯсти наздикаш хабар ёфт, ки фотиҳаи ӯ бо Фотима гаштааст ва ин хабар мисли раъду барқ дар тамузи тобистон барои деҳсолор ногаҳонӣ буд, зеро ӯ шаш моҳ қабл худ хостгорӣ рафта буду падари духтар – Қурбоналӣ розӣ шуд ва нон шикастанд, ҳатто рӯзи тӯйро муайян карда буданд, аммо дар байн, бадбахтона, ногаҳон падари Суҳроб – раиси колхоз Исмат Рауф бандагӣ кард ва рӯзи хурсандиро мавқуф гузоштанд. Аммо баъди вафоти раис  аз қавлаш гаштааст падари ноасл. Бори аввал дар деҳа чунин иттифоқ афтода буд ва то ҳол аҳли русто чунин амалро шоҳид набуданд.

Деҳсолор ба Суҳроб ваъда дода буд, ки ӯ худ гирехи ин масъаларо мекушояд, вай пайи корҳояш шавад. Ва инак хаёлоуд ҷониби хонаи Қурбоналӣ мерафт ӯ. Аслан вай Қурбоналиро бад медид, хуши бо ӯ сари як дастархон нишастан надошту дар мавриди мувофиқ, ба қавли сангобиён, гапи хунукашро гардонида, ба даҳанаш мезад. Ҳарчанд сари даҳҳо ҷавонони русторо ҷуфт карда бошад ҳам, агар сухани дӯсташ Исмат Рауф намешуд, ҳаргиз ба хонаи Қурбоналӣ хостгорӣ намерафт. Натавонист сухани дӯсташро, ки се сол дар як казарма паҳлуи ҳам хобида, хидмати аскариро ба ҷо оварда буданду инак чил сол боз дар ҳамсоягӣ мезистанд, ба замин гузорад. Умуман ӯ ёд надорад, ки онҳо боре ҳам хоҳиши якдигарро рад карда бошанд.

Қурбоналӣ деҳсолорро бо чеҳраи туруш пешвоз гирифт. Яқин омадани ӯро чашмдор буд, ки баъди пурсупоси сард



https://bikhon.tj/

хомӯш ӯро ба меҳмонхонааш раҳнамун шуд. Ҳарчанд вай ба дуруштию ҳавобаландӣ миёни мардум ангуштнамо шуда буд, дар ҳузури деҳсолор гапашро ҳазор бор хоидаву қадамашро дониста мемонд. Деҳсолор гурги болондида буд, аз ин амали соҳибхона чунин маънӣ бардошт: «биё, омодаам ба суҳбати ту» ва аз суҳбати қарибулвуқӯъ анҷоми некро чашмдор нашуд. Аммо бо вуҷуди ин дудилагӣ ӯ аз он одамоне набуд, ки сари кори оғозкардаашро ба ин ранг осон раҳо кунад. То ин ҷо омадан хеле андешида буд сари ин суҳбат.

Соҳибхона меҳмонро пеш гузаронд ва баъд ба қафо нигариста, яқин ба занаш имое карду баъд омада, дар поини хона ҷой гирифт. Дере нагузашта дастархон омад ва деҳсолор, ки то ин дам бо соҳибхона ҳолу аҳвол мепурсид ва аз «ҳа… бад не… аз хок берун гаштем» гӯиҳои вай димоғаш сӯхта буд, ба ӯ имконияти дастархон кушодан надода:

– Лозим не, – гуфт қотеона, – ҳозир чой нӯшида омадам.

Соҳибхона шояд ин амалро чашмдор набуд, ки дасташ дар ҳаво муаллақ ба деҳсолор нигарист.

– Як пиёла чой то имрӯз касеро накуштааст.

– Касеро зинда ҳам накардааст, – андаке дурушт илова кард деҳсолор.

– Ихтиёратон, – даст аз дастархон бардошт соҳибхона.

– Як гапи нав шунидам, – сари мақсад омад деҳсолор.

Қурбоналӣ ҳарчанд мақсади деҳсолорро фаҳмида бошад ҳам, худро ба нодонӣ зада:

– Чӣ гап будааст? – гӯён пурсид.

– Мегӯянд, ки фотиҳаро гардондай?

Қурбоналӣ сар хам карда, асабиёна гӯшаи дастархонро қату рост кардан гирифт. Ҳарчанд дар аввал мехост бо як даҳан гапи тунд ба деҳсолор посух дода, якбора умеди ӯро



https://bikhon.tj/

канонаду ҷонашро халос кунад, аз нигоҳи тезу салобати ба худаш хоси меҳмон ҷуръаташро гум кард. Аз ин ҳолати хеш ғазабаш меомад, аммо ин садди ба чашм ноаёнро шикаста наметавонист.

Чанд лаҳза ҳарду хомӯш нишастанд. Соҳибхона дастархонро кушода, нон шикасту ба по шуд ва аз тиреза сар кашида, гуфт:

– Чой биёр!

Деҳсолор ноаён ҳолати Қурбоналиро назора намуда, меандешид, ки чӣ тавр ин ноодамро ба гап дарорад.

– Чӣ гап шуд? – рост ба чашмони соҳибхона нигарист ӯ.

– Ман духтарамро бадбахт карданӣ нестам.

– Кӣ гуфт, ки духтари ту бадбахт мешавад?

– Раис мурд, рӯзи ҷаноза… маъракаҳоро дида, имонам чаппа гашт. Аз писаре, ки дар чунин рӯз ба иззати падараш расида натавонист, чӣ ҷойи бӯю умед. Баъд… дару ҳавлии раисро дида, мардум қир-қир хандиданд ба ҳоли падару писар. Мегӯянд, дар хонааш ду қолини чор кас медидагӣ набаромад, ки рӯзи ҷаноза одамон баҳузур таги по партофта нишинанд. Матоъи дар болои тобут партофтаашон низ ним пули пучак арзиш надошт. Падар чӣ гуна – писар намуна, гуфтаанд мардуми доно. Беҳтараш, гулро ба қоқдон нафиристем, ки хушк мешавад.

– Чӣ, пеш аз фотиҳа кардан магар хонаю дари раисро надида будӣ?

– Дида будам, аммо раис ном дошт, гумон мекардам, ки шояд пасандоз дораду аз чашми мардум метарсад ва худро фақир мегирад. Аммо он рӯз фаҳмидам, ки хато кардаам. Обрӯи падарашро ба ҷо наовард писараш, хандазори мардум шуд. Ба ҷойи вай ман шарм кардам.



https://bikhon.tj/

– Чӣ кор бояд мекард ба фикри ту? Падарам мурд гуфта, тӯй бояд медод? Аз рӯи будаш, мувофиқи таомули мардум ошу нон дод, боз чӣ мехоҳӣ?

– Падараш раис ном дошт, аз мардум зиёдтар бояд медод.

– Э калтафаҳм, ҳар кас обрӯяшро дар зиндагиаш меёбад. Агар дар зиндагиат эътибор наёбӣ, ба мардум нафъат нарасаду мазори бешафоат бошӣ, дар ду дунё ҳам соҳиби обрӯ намешавӣ, фарзандонат пас аз сарат ҳазор шутур кушта, ҳафт шабонарӯз ошу нон диҳанд ҳам, заррае фоидаат намекунад. Фаҳмидӣ? Раис одами ҳалолхӯр буд, амонати давлатро хиёнат ва ба моли мардум чашм ало намекард, ришва намегирифт, чунки аз луқмаи ҳаром хӯрдан маргро авло медонист. Бино бар ин рӯзи маргаш хурду калон хун гириста, мисли дарё аз қафои тобуташ равон шуданд.

– Аз гиряи бепул чӣ суд? Акнун зану фарзандони ӯро кӣ нигоҳубин мекунад? Мегӯянд, ки нисфи замини колхозро ба беваю бечора тақсим кардаасту ба номи ягон писараш як порча замин нагирифтааст. Тавба! Аз одамонат гардам, Худоҷон, ба ҳар нусха халқ мекардӣ, аммо ин тоифаашро бори аввал дидам.

Деҳсолорро аз ин муҳокимаи Қурбоналӣ ғазабаш ҷӯшида, ихтиёр аз даст дод.

– Медонистам, ки одами назарпастӣ, аммо чунин пастфитратиятро чашмдор набудам. Намедонистам, ки аз мурда ҳам мӯй металабӣ. Афсӯс! Рости гап, кайҳо атоятро ба лиқоят бахшидаам, аммо шунидам, ки духтарат бо писари раис якдигарро дӯст медоштаанд, аҳду паймон кардаанд ва раис низ аз ин хотир маро ба хонаат хостгор фиристода буд. Саросема нашав, аз занат гап гир, ки ҷомаи бемаслиҳат кӯтоҳ меояд.



https://bikhon.tj/

– Туҳмат накунед, – ҷаҳломез аз ҷой баланд шуд Қурбоналӣ, – ин гапи мардум. Агар касеро бе иҷозати ман дӯст дорад, сар мебурам чунин духтарро. Дар вақташ ӯро ба мактаб намондам, шумо розӣ кунонидед, аммо имрӯз чӣ хел забонатон меравад ба чунин гапҳо?

– Дӯст доштан магар гуноҳ аст?

– Гуноҳ набуда, чист?!

– Офарин ба фаросотат! – заҳрханда кард деҳсолор. – Аммо медонӣ, ки фотиҳаи духтари хонаро гардонидан фоли бад аст. Ин тарафи корро низ андеша бикун. Агар духтар аз фотиҳа гардад, аз даҳон мемонад, одамон дудила мешаванд, ки ин ҷо таги коса бояд нимкосае бошад.

– Ман аллакай тасмим гирифтам, дигар маро поин-боло наандозед, вақтатонро беҳуда сарф накунед, – ба оҳанги дурушт гуфт Қурбоналӣ.

– Чуқур биандеш, гуфтам-ку, кори саросемаю аз фарти ҷаҳл рӯида ҳатман пушаймонӣ меорад.

– Ман гапамро гуфтам.

– Ихтиёр дар дасти бахтиёр, гуфтаанд, – ба ин суҳбати дилгир нуқта гузошта, аз ҷой хест деҳсолор.

Аз байн чанд рӯз гузашту субҳ дар деҳа овоза шуд, ки духтари Қурбоналӣ – Фотима ҳамроҳи Суҳроб аз хона гурехтааст. Ҳамсари деҳсолор ҳангоми говашонро ба пода ҳамроҳ кардан аз забони занон шунида омад ин хабарро. Ҳарчанд солҳои охир дар Сангоб «духтардуздӣ» аҳён-аҳён ба амал меомад, собиқа дошт чунин амал. Ва инак ин хабари нав, тибқи одат, чанд муддат даҳон ба даҳон гашта, дар суҳбату маъракаҳо сайр мекард. Хусусан занон онро ба сад ранг ҷилва мекунонданд, ҳазору як тахмин мезаданду тафсир медоданд. Аз ин гапҳо гӯши Қурбоналӣ метафсид, ғазабаш мечӯшиду дар ҳавлии раиси марҳум уштулум барпо мекард



https://bikhon.tj/

ва то дилаш хунук шудан ҳафт пушти домодро мебехт. Боре бо деҳсолор, ки он ҷо ҳузур дошт, хеле гапҳои пасту баланд гуфт ва ҳатто ўро ба ин кори нангин ҳамдаст дониста, таҳдид кард, ки ба суд медиҳад.

Баъд роҳбарону мўйсафедон байн даромаданд ва Қурбоналӣ ҳарчанд насиҳати пирамардонро сарфи назар кард, аз рўи додраси ноҳия, ки боре бо хоҳиши деҳсолор ўро ҳушдор дод, гузашта натавонист ва аз хонаи раис пояшро кашид, дигар ғавғо намекард. Аммо чун пахтаи ўбуда дарун-дарун дуд мекарду фиғонаш чун пилтаи дуд хомўш ба ҳаво мехест. Оҳиста-оҳиста даҳони мардум низ баста ва оташи низоъ паст шуд, домоду арўс нафаси осуда кашиданд ва Қурбоналӣ низ ба тақдир тан дода, рўзе дар ҳавлии деҳсолор пайдо шуд.

– Охир ба мақсадатон расидед! – гуфт вай арбадаҷўёна. – Шумо хостгор будед, акнун ба ун зоташ паст гўед, ки тўй биёрад, одамвор таомулро риоя кунад.

– Хостгорӣ рафта, заб иззату икром дида, обрў ёфтем, – киноя зад деҳсолор ва баъд гўлпурсӣ кард: – Чӣ хел таомул? Вақте ки одамвор ба дарат рафтанд, ҳушат дар куҷо буд? Намешуд, ки шайтонро ҳай задаву лаҷоми нафси аммораро мекашидию бо хушу хурсандӣ сари онҳоро ҷуфт мекардем? Акнун кор аз кор гузашт, дигар маъние надорад тўй фуровардан, ҳар кор дар вақту соаташ зебанда аст. Медонам, ту агар харро бинӣ, ҳаргиз пиёда намегардӣ, аммо дигар чора нест, тир аз камон ҷаст.

– Шумо бо ин гапҳо чӣ гуфтаниед? – бетоқат шуд Қурбоналӣ.

– Магар то ҳол нафаҳмидӣ? Дигар тўй-пўй намешавад. Оё худат таъна назада будӣ, ки агар бо чангкашак хонаи раиси раҳматиро рўбед ҳам, як дандонков хасе намебарояд. Гуфта



https://bikhon.tj/

будӣ ё не? Боз шарм надошта, аз онҳо чиз талаб мекунӣ? Духтарат, ки ба пойи худаш рафт, ҷиҳозашро дар ҳамон ҷо соҳибӣ мекунад. Вассалом! Ту ба ҷиҳози духтар чӣ кор дорӣ? Ё дандони тӯйхӯриат мехорад? Лабатро сахт бигаз, пасанда мешавад. Дигар аз малул шудан суде нест. Бирав аз паси корат, маро ҳам аз корам намон.

Деҳсолор баъди он бузбозиҳои Қурбоналӣ ҳамеша пайт меҷуст, то адаби ӯро диҳад, инак фурсатро ғанимат шумурда, дилашро холӣ карду дарун-дарун мезавқид.

Қурбоналӣ аввал, шояд аз ғояти ҳайронӣ, лаб накушод, аммо баъд чун мор ба худ печида, фарёд зад:

– Ҳеҷ чиз намедиҳад? Ман ба вай нишон медиҳам… мегуфтагии ун беномус шафтолуи қоқ аст. Ман нангу номус, ба худам муносиб иззату обрӯ дорам... Намегузорам, ки ҳар касу нокас обрӯямро резад!

Ва дартоз аз ҳавлии деҳсолор бадар рафт.

## ХУДКУШӢ

Се нафари ба қавли худашон улфатӣ рӯи майсаи лаби ҷӯйбори сероб нишаста, барои худ дастархон муҳайё мекарданд. Шояд онро дастархон гуфтан ҷоиз набошад,



https://bikhon.tj/

зеро ба сифати дастархон як рӯзномаи ғиҷимшудаи кухна паҳн карда шуда буд. Рӯи онро як шиша шароб, ду-се бех пиёзи анзур, як консерваи килка, ним лунда нони сиёҳ оро медод.

– Ҳозир худамон як дастархони тӯёна муҳайё мекунем, – гуфт яке аз онҳо, марде, ки дар байнашон аз ҳама калонсол менамуд. Ва аз кисаи пиҷакаш тақрибан ним кило ҳасибро, ки дар як пора коғази зардранг печонида шуда буд, рӯи дастархон гузошт.

– Мисли дастархони тӯйдор, ки ҳозир моро аз сари он ронданд, – луқма партофт ҷавони гардандарози рӯяш пур аз доғи кунҷидмонанд бо оҳанги тамасхур.

– Э Насим, вай магар дастархон буд?! – даст афшонд мард. – Ҳозир мебинӣ, дастархон чӣ хел мешавад.

– Рост, магар вай дастархон буд?! – ба гап ҳамроҳ шуд нафари сеюм, ки аз ғояти мастӣ қариб пинакаш бурда буд. – Дар рӯи дастархони мо ҳама чиз ҳаст… ҳатто моҳӣ! Ҷаноб, чӣ хел моҳӣ мефармоед? – ба Насим рӯй оварда ӯ. – Судак, фазан, лаққамоҳӣ…

– Аҳмақ, ин килка аст! – ҳамоно бо итоб сухани ӯро бурид Насим.

– Насим! – норозиёна ба ҷавон дида дӯхт мард ва даҳони консерваро бо кафкорди дастааш сиёҳ ба кушодан оғозида, афзуд: – Чаро худ ба худ  аз ҳар гап мисли хас дармегирӣ? Ҳозир маишат мекунем. Чӣ гуфтӣ, Шафтолу? – гуфт ӯ ба ҷавони дигар рӯ оварда.

– Э! – яқин аз ном бурдани лақабаш норозӣ рӯй турш кард ҷавон. – О, ман ном дорам, Мусулмон номам.

– Чӣ?! – нешханд зад Насим. – Ту мусулмонӣ?! Кофарӣ ту, кофар. Мусулмон, а!  Дар интихоби номи ту падарат хато кардааст. Ҳамон лақаби Шафтолу ҳам ба ту зиёдатӣ.



https://bikhon.tj/

Аз шафтолу даҳони одамон ширин мешавад, ту бошӣ, фачӣ!

– Бас, Насим! – дарҳол ба мобайн даромад мард.

Мусулмон шояд аз ин туву мангӯиҳо, ки одатан бо муштзаниву гиребонгирӣ меанчомид, ҳаросида, маҷрои гапро ба дигар тараф гардонд.

– Ака, ту Самандара мешинохтӣ, а? – ба мард муроҷиат кард ӯ.

– Кадом Самандар?

– Ҳамоне, ки дина дар хонааш худашро овехт.

– Наход? Ӯҳ бача, қаҳрамонӣ кардааст-ку!

– Аҷиб, аз ташвиши зиндагӣ ҳаросида, панҷ нафар фарзанди хурдсолро ятим карда, худро овехтан магар қаҳрамонист? – шӯрид Насим. – Бар замми ин, дар дини мо худкушӣ гуноҳест азим.

– Набошад-чӣ?! Ту гумон мекунӣ, ки ба гардани худ ҳалқа андохта, маргро рӯ ба рӯ хонда, ҷон додан кори осон аст? Бениҳоят мушкил аст ин кор, ҷӯра. Худо ба инсон ҷон ато мекунад ва танҳо худи вай метавонад осонакак онро бозпас гирад. Ман чандин одамонро медонам, ки ҳамагӣ чанд сония ба талвосаи ҷон кандан тоб оварда, ресмони гарданашонро ба дасти худ буридаанд. Аммо он ҷавонмард аз дами теғи марг натарсида, ӯро фаро хондааст. Шояд лаҳзаи охирин ба рӯяш писханд зада бошад, ки дидӣ, дигаронро аз эҳсоси ту баданашон ба ларза медарояд, аз тарс чашмонашон аз косахонааш мебарояд, аммо ман худам туро ба ҷанги тан ба тан ҷеғ задам. Қандаша занад мардак! Меарзад, ки барояш ҳайкал гузоранд. Агар ҳайкал гузоранд, воқиан ҳам аҷиб мешавад, а! Самандар ба рӯи марг механдад, туф мекунад ва мисли ҳиндуҳое, ки рӯзҳои ид дар танашон либоси рангоранг,



https://bikhon.tj/

дар гарданашон гулчанбар филсавор дар кӯчаҳо сайр мекунанд, ба гардани марг савор шуда, қоҳ-қоҳ механдад. Агар ту ҳайкалтарош мебудӣ, сурати маргро чӣ гуна тасвир мекардӣ?

Насим ҷавоб надод.

– Ман, – суханашро бо ҳамон оҳанг идома дод мард, – ӯро дар симои як марди девсурат, нохунҳояш дароз-дароз, мӯи сараш паҳну парешон, чашмонаш мисли гелос суп-сурх тасвир мекардам… Рез! – гуфт вай, аз кисааш истакони қирадорро бароварда. – Барои Самандар менӯшем.

Мусулмон зуд истаконро аз шароб пур кард.

Ҳарсе банавбат якқадаҳӣ нӯшиданд.

– Ту бачаи баақлӣ, аммо баъзан гапҳои ҳавоӣ мегӯӣ, – пас аз нӯшидан ба Насим рӯй овард мард, бо остини пиҷакаш лабонашро пок карда. – Мегӯӣ, ки худкушӣ кори осон аст…

– Э, бас кун! – миёни сухани ӯро шикаст Насим. – Ба дилам зад ҳамин фалсафахонии ту. Тамоми мардуми олам худашонро овезанд. Кори ман чӣ! Маъқул бошад, овехтан гиранд.

– Не, ту аз гап нагурез.

– Хайр, ана гапи ту маъқул. Худкушӣ дар ҳақиқат қаҳрамонист. Шуд? Ҷони ман халос?

– Ту, кӯдак, ба сари ман дод мезанӣ?

– Ман ба сари ту дод назадам. Гуфтам-ку, гапи ту маъқул. Ман аввал аз камақлӣ ба решаи гапи ту сарфаҳм нарафтам. Мебахшӣ, ака, сад бор мебахшӣ.

– Ана ин гапи дигар, рез!

Онҳо, инак пайиҳам чанд қадаҳ бардошта, торафт маст мешуданд, беист сухани якдигарро бурида, гоҳо бо дӯғу



https://bikhon.tj/

пўписа ва гоҳо каме ором ба якдигар гап фаҳмониданӣ мешуданд.

– Марг асал аст, – гуфт мард, дар ҷои нишасташ алвонҷ хўрда. – Аммо мо, инсонҳои беақл, ширинии ин зиндагии зормондаро аз он асал авло медонем. Мурда-мурда бори гарони зиндагӣ мекашем: шикамамон гоҳ серу гоҳ гушна, асабамон тарангу поямон нимбараҳна, диламон зиқ… Лекин зистан мехоҳем, дудаста аз домани зиндагӣ медорем. Боре дар китоби як нависандаи амрикоӣ… номаш кӣ буд? – муддате бо кафи дастон сарашро дошт вай. – Ҷак…Ҷак.. Хайр, номаш муҳим нест. Ҳамон нависанда навиштааст, ки танҳо марг инсонҳоро аз азоби зиндагӣ раҳо мекунад. Аммо одамон ба оғўши кушодаи вай бо дили нохоҳам меравand… Дар ин ҷо чӣ сирре пинҳон бошад, а? Шафтолу, ту медонӣ?

– Мусулмон гўед, ака, Мусулмон.

– О, ҳозир ана ин мардаки нағз гуфт, ки ту мусулмон нестӣ… Кофарӣ! Биё, номи туро Кофар мемонем. Чӣ хел? Ба фикрам, номи зебо! А, Кофар! Хайр, мебахшӣ, Мусулмон… гиреҳи ҳамин муамморо кушода метавонӣ?

– Рости гап, ман ҳам боре қасди худкушӣ кардам, – чашмонаш нимпўш ба гап даромад Мусулмон.

– Ту ҳам худатро овехтанӣ будӣ? – пурсид мард.

– Не, овехтанӣ набудам. Мехостам аз боми бинои нуҳқабата худамро партоям. Одам гоҳо дар роҳҳои качу килеби зиндагӣ раҳгум зада, ба ҳамин роҳ мерафтааст. Чи хел гўям… Гоҳо аз танҳоӣ, баъзан аз нофаҳмии атрофиён, ё аз вазнинии бори гарони зиндагӣ.

– Кадом падарқусур туро аз ин кори хайр боздошт? – пурсид Насим.



https://bikhon.tj/

Мусулмон норозиёна ба рўи вай чашм давонда, суханашрор идома дод:

– Вақте ки лаби бом омада, ба замин нигоҳ кардам, чашмам сиёҳӣ зад, ваҳм дар дилам хона кард. Зуд худро қафо кашидам.

– Чунки ту тарсуӣ! – дод зад Насим. – Як бандаи худозадаи ношудӣ!

– Кӣ ношуд? Ман?

– Ҳа, ту!

– Гапатро дониста зан, ҳаддатро шинос. Ман …

– Ту чӣ?! – ба таҳдид гузашт Насим. – Қаҳрамонӣ? Не-е, ту муши мурдаӣ! Агар не, ҳозир вақте ки ба баногўшат як мушти обдор зада, шармандавор аз тўйхона пешат карданд, думатро хода накарда, ақаллан як бор ба қафоят нигоҳ карда, мегуфтӣ, ки чаро маро мезанед? Ман аз шумо чӣ камӣ дорам? Хайр, ману ин мардак бе даъват рафта будем. Аммо ту даъват шуда будӣ-ку! Моро ҳам ба ҳолу ҷонамон намонда, аз қафоят кашола карда, бурдӣ.

– Айби худамон шуд, ба рақҳоса ноҷо часпидем.

– Айби худамон буд? – даст ба қуттии консерв бурд Насим. – Ҳозир ман ба ту, тарсончак, нишон медиҳам айби кӣ буд.

– Ҳой, оқипадарҳо! – кафкордро ба истакон зада, онҳоро аз муҷодала боздошт мард. – Тўйи худамонро ҳам вайрон накунед, охир! Ин нозу неъматро чаро пушти по мезанед? – якбора хандид ў. – Нўшед, хўред, маишат кунед аз давлати акатон.

– Тўятон саратонро хўрад, – қуттии консервро гашта ба ҷояш гузошт Насим. – Ба бадам задӣ ҳардуят.

Мусулмон калавида, аз ҷой хест.

– Куҷо? – таҳдидкунон мард низ аз ҷой нимхез шуд.



https://bikhon.tj/

– Ба хона … Дар хона худамро меовезам. Ман ба шумо нишон медиҳам қаҳрамонира. Оъ! Оъ! Ман ба шумо… қаҳ… қаҳ… қаҳ… Уъ! Уъ!



https://bikhon.tj/

# ОРЗУ

Арафаи соли нави масеҳӣ буд. Шамоли сард мевазид. Сармо дасту рӯйро мелесид, чун сӯзан ба торҳои асаб механид. Замин, пас аз нармии ҳавои рӯзона, аз нав ях мебаст. Бозори шаҳр дар анҷоми як рӯзи пур аз таку даву мағал, доду гирифт ва савдо батадриҷ холӣ мешуд. Миҷозон як-як, ду-ду онро тарк мегуфтанд, савдогарон молҳои хешро ғундошта, ба халтаю қуттиҳо ҷо карда, дар тараддуди рафтан буданд. Саҳни бозор пур аз лашу луш: коғазу коғазхалта, қуттиву зарфҳои холӣ, пӯчоқи ҳар гуна мева, ғилофи мушакҳои коғазӣ буд. Одамон дар даст борхалтаҳои пурбор шитобон ҷониби хонаҳои хеш мерафтанд. То фарорасии соли нав ҳафт соат монда буд. Дуртар аз дарвозаи бозор, дар зери лабғӯшаи мағозаи азими дуқабата, марди лоғарандоми тахминан панҷоҳсола, ки дар тан палтои обшуста ва дар сар кулоҳи варзишӣ дошт, ҳамроҳи духтарчае рост истода, нигоҳи умед аз дарвоза намеканд. Яқин онҳо касеро интизор буданд. Духтарак бо дастакони нозукаш маҳкам аз домани палтои падар дошта буд.



https://bikhon.tj/

– Хунук хӯрдам, – гуфт духтарча ва домани падарро раҳо карда, ба панҷаҳои дастони кӯчакаш рухсораҳояшро молиш дод. – Кай меояд ошноятон?

– Намедонам, духтарҷон, – посух дод мард маъюсона. – Як соат пеш бояд ҳозир мешуд… Кошки ягон воқиа рух надода бошад. Замона нотинҷ, мегӯянд, ки дар шаҳр низ силоҳдорон зиёданд.

– Агар наояд, чӣ кор мекунем?

– Шабро ҳамин ҷо мегузаронему пагоҳ ба Даҳбед меравем.

– Дур аст Даҳбед?

– Ҳа, дур.

– Хунук, – аз фисра ларзид духтарак. – Ман ях мекунам имшаб.

– Ягон илоҷашро меёбем, духтарҷон, – гуфт мард ва бари рости палтояшро бардошта, мисли мурғон духтарчаро зери «қанот» гирифт.

– Дигар ягон ошно надоред?

– Не, – посух дод мард, – дар ин шаҳри бегона маро кӣ мешиносад?

– Чаро хонаамона сӯзонданд, дада?

– Намедонам... Аламама тоза накун, духтарҷон.

Духтарак лаҳзае хомӯш монд.

– Бояд ба хонаи холаам мерафтем, – гуфт духтарак маслиҳатомез. – Очаму хоҳарам дар ҳамон ҷо. Акнун онҳо чӣ мекунанд бе мо?

– Ҳозир он ҷо рафтан хавфнок.

– Ҳамсоя чӣ хел одами ганда-а, дада. Духтараш мегӯяд, ки шумо кофиред. Чаро кофир мегӯяд?

Ба ин савол падар посух надод.



https://bikhon.tj/

Писарбачае аз самти муқобил давон омаду петардаи дасташро ба пеши пойи духтарак ҳаво дод. Лаҳзае нагузашта он садои гўшхарош дардоду аз замин риштавор дуд ва бўйи ғализе бархост. Духтарак аз тарс як қад парида, «вой!» гўён дар ҷояш нишаст. Писарбача завқида, гурехт.

– Бар падарат лаънат! – таҳдидомез панҷаҳои дасти росташро мушт кард мард.

Ҳамин вақт аз дарвозаи бозор марди қаддарози лоғарандоме ворид шуд. Дар тан либоси хокистарранги низомӣ ва дар китф автомат дошт ў. Бовиқор қадамзанон то назди ҷавони фиттафурўш омаду аз ў чизеро гирифта, ба бағал андохт ва сипас гардан афрохта, атрофро аз назар гузаронд. Нигоҳаш ба падару духтар бархўрд. Аз нигоҳи кунҷковонаи ў дар дили мард оташ афтод. «Ҳамин намерасид дар ин хунукӣ, – аз дил гузаронд мард, – акнун мисли кана мечаспад».

Силоҳдор гўё андешаи мардро хонда бошад, ба ў наздик шуд.

– Ҳуҷҷат, – гуфт аз мард чашм наканда ў.

Аз тарс забони мард гирифт. Ёрои даҳон кушодан надошт. «Омад ба сарам аз он чи метарсидам» – барқвор гузашт аз сараш.

– Аз куҷоӣ! – дод зад силоҳдор.

– Аз Варашилобод, – ба забон омад духтарак.

– Чӣ кор мекунед дар ин ҷо?

– Хонаамонро сўзонданд.

– Кӣ сўзонд?

– Намедонем, – дарун-дарун духтарашро сарзаниш карда, ба забон омад мард.



https://bikhon.tj/

– Ҳамсояамон, – аз ҷавоби падар ҳайрон шуда, гуфт духтарак. – Агар ҳозир дафъ нашавед, ҳамаатонро мекушам гуфт. Очаму хоҳарам дар хонаи холаам буданд.

– Соҳиба! – чашм ало кард падар.

– Гурезай? – ба мард рӯй овард қаддароз.

– …

– Фаҳмо. Пеш даро!

– Хешамро интизорам… ҳозир бояд биёяд.

– Хешат ба ҳеҷ куҷо намегурезад… Шахсиятатро аниқ мекунем, ана баъд чор тарафат қибла.

– Амакӣ, куҷо мебаред дадама? Мо ба шумо ягон гандагӣ накардем-ку, – ба зорӣ даромад духтарак.

– Чикора аст падарат?

– Муаллим.

– Рафтем, маълим, – ба роҳ даромад силоҳдор.

– Бародар, мон аз дунболи бечорагиамон шавем. Охир, мо ба касе бадӣ накардем.

– Чӣ?! – нигоҳи ғазаболуд дӯхт силоҳдор ба мард. – Бадӣ накарда бошӣ, чаро мисли бед меларзӣ?

– Наларзидам... Агар хешамон моро дар ин ҷо наёбад, шаб бе ҷойи хоб мемонем.

– Парво накун, ҷойи хоб меёбем, – тамасхур кард силоҳдор.

Онҳо пасопеш ба роҳ даромаданд. Пас аз паймудани тақрибан як километр роҳ ба бинои панҷошёна дохил шуданду дар долони тангу тор хеле қадам зада, дар назди дари чарминпӯш қарор гирифтанд. Дар ҳуҷраи барҳаво марди чорпаҳлуи тоссар бо зане суҳбат дошт. Баробари ворид шудани онҳо зан аз ҷой баланд шуду бо мард хайрухушкунон бадар рафт.



https://bikhon.tj/

– Дар бозор доштем, рафиқ камандир, – гуфт қаддароз, бо ишораи сар падару духтарро нишон дода, – ҳуҷҷат надорад. Гуреза будаст.

– Ягон гуноҳ кардӣ? – пурсид марди тоссар ва аз такягоҳи курсӣ нимтанаи чарминро гирифта, ба китфаш партофт.

– Гуноҳе надорам, – посух дод мард.

– Бегуноҳ бошӣ, чаро мегурезӣ?

– Агар дар ҷангал оташ афтад, тару хушк баробар месӯхтааст, камандир.

– Матал нагӯю ба саволи ман ҷавоб деҳ! – овозашро сар дод тоссар. – Худатро мусичаи бегуноҳ нагир, ба тару хушк низ корат набошад.

Мард сар ба зер афканда, хомӯш монд.

Тоссар мехост лаб ҷуфт кунад, ки ҳамин лаҳза дар боз шуду ҷавоне дар даст халтаи рангаш арғувонӣ ворид гашта, бо овози хиррӣ:

– Рафиқ камандир, дар кинотеатр ягон артиста наёфтам, – гӯён калон-калон қадам партофта, халтаи дасташро дар назди миз гузошт.

– Кинотеатр не, каллаварам, театр! – изҳори норозигӣ кард тоссар.

– Бахшиш, театр… Посбон мегӯяд. ки як моҳ ин ҷониб ягон артист сиёҳиашро дар кинотеатр нишон надодаст.

– Аз уҳдаи ягон кор намебароӣ ту, ландаҳур!

– Набошад аз куҷо ёбам!

– Аз… астағфриллоҳ… Ин чӣ? – ба халта ишора кард тоссар.

– Либосҳои Бобои Барфӣ. Пас аз ду-се шаллоқ хӯрдан… посбон дод, – дар рӯи миз даҳони халтаро боз намуда,



https://bikhon.tj/

кулоҳ ва ҷомаи сурхранги шерозааш сафедро берун овард ҷавон.

– Ин ҷомаро ба сарат мезанӣ?!

– Худам Бобои Барфӣ мешавам.

– Ту? – тамасхур кард тоссар. – Аз овози хирриат кӯдакон талхакаф мешаванд.

Ҳарсе баланд хандиданд.

Лаҳзае хомӯшӣ соя андохт дар ҳуҷра.

– Ёфтам! Бобои Барфию Барфак ба пойи худашон омаданд, –хитобид тоссар ва дар даст халта ба мард наздик шуда, гуфт:

– Ту имшаб дар либоси Бобои Барфӣ бачаҳои маро ба соли нав табрик мегӯӣ. Агар аз уҳдаи ин кор бароӣ, ҷонат халос, вагарна ана ҳамин ҷома кафанат мешавад.

– Ман дар умрам ин корро накардаам, – гуфт мард бо овози ларзон.

– Ёд мегирӣ, – гуфт тоссар бепарво. – Ҳеҷ кас аз модар Бобои Барфӣ таваллуд нашудааст. «Набераҳои азизам, ман аз уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ садҳо километр роҳро тай намуда, бо халтаи пур аз туҳфа ба табрики шумо омадам», – ба овози мӯйсафедон тақлидкунон гуфт тоссар. – Ҳамин кор чӣ душворӣ дорад!

Мард мехост чизе гӯяд, аммо тоссар ӯро боздошт:

– Гап тамом. Соати дувоздаҳ бояд дар хонаи ман бошед. Туҳфаҳоро низ ҳамроҳ бигиред, – ба ҷавони хиррӣ таъкид кард тоссар ва дар тараддуди рафтан шуд.

Вақте онҳо ба ҳавлии тоссар расиданд, шаб нисф шуда буд. Дарро ба рӯи онҳо ҷавони болобаланде кушод. Мард ҳамроҳи духтараш аз қафои ҷавони хиррӣ ба ҳавлӣ ворид шуда, дар кафшкаш мӯзаи худро бадар кард ва вақте пой ба рӯи қолини пур аз гул гузошт, ба тамоми вуҷудаш



https://bikhon.tj/

нармию гармии онро эҳсос намуд. Гӯё дар рӯи майсаҳои махмалин қадам мезада бошад, ҷонаш роҳат кард. Даҳлези кушоду барҳаво гарм буд. Дар кунҷ арчаи сунъии чароғону ороста ба ҳар гуна бозичаҳо чашм мерабуд. Аз ошхона бӯи хуши таоме ба димоғ мерасид. Дари шафат кушода шуд. Чанд нафар зану марду кӯдак дар сари дастархони пур аз нозу неъмат нишаста буданд. Тоссар дар тан либоси варзишӣ аз сари дастархон хеста, берун омад ва хандон садо кард:

– Бахтиёр! Шаҳноза! Бобои Барфӣ омад!

– Чаро дод мезанӣ? – гуфт пирамарде, ки аз паси ӯ меомад норозиёна.

– Кордор нашав, ота, – гуфт тоссар чашмонаш хумороло̀уд, – бачаҳо хурсанд шаванд.

– Чӣ даркор ҳамин корҳо, убол аст.

– Назди меҳмонҳо рав.

Аз хонаи дигар чанд нафар кӯдак берун шуданд. Дар як дам даҳлез аз хандаю шӯхӣ ва садои мусиқӣ пур шуд. Кӯдакон беқаророна давуғеҷ мекарданд. Тоссар дасти духтарчаю писарбачаи хушлибосро гирифта, қадаме пеш гузошт.

– Бобои Барфию Барфак ба шумо савғо оварданд, – гуфт вай сари фарзандонашро сила намуда. Сипас ба мард рӯй овард.

– Набераҳои азизам. – оғозид мард бо овози кашишдор. – Ман аз уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ…

Духтарак, нарангушти падарро бо панҷаҳои кӯчакаш сахт фушурда, нигоҳи ҳайрат аз ин кӯдакони хушлибосу чеҳрахандон ва коғаздевориҳои пурҷилою қандилҳои фурӯзон намеканд. Мактабу ҳамсинфонаш, модару хоҳаракаш ва хонаи похсадеворашонро, ки дина бо ҳама



https://bikhon.tj/

ҷиҳози фақиронааш дар як лаҳза ба коми оташ рафта буд, ба ёд оварда, дилаш фишор хӯрд, хориаш омад. Вай дар хаёли кӯдаконааш таҷлили соли навро дар мактабашон ба ёд овард. Ҳар гоҳе, ки Бобои Барфӣ дар гирди арчаи сарсабзи назди мактаб пайдо мешуд, ӯ ҳамроҳи дугонаҳояш саду як тахмин мезаданд, ки дар либоси Бобои Барфӣ кадом муаллимашон аст. Гоҳе тахминашон рост мебаромад, гоҳе не. Аммо падараш ягон бор нақши Бобои Барфиро набозида буд. Ҳар сол дар арафаи соли нав духтарак дар қатори талабаҳои аълохон амсоли қаламу дафтар, китоб ё қаламдон туҳфа мегирифт. Аммо имсол…

Аз ин хотираҳо ғамгин шуд духтарак.

«Дар роҳ бо бисёр ҳамсолонатон вохӯрдам, онҳо ба шумо саломи гарму ҷӯшон фиристоданд», – овози падар ӯро ба худ овард. Падараш аз халта автомат-бозичаро бароварда, ба дасти писарак дод. Як куртаи доманаш парпаракдору бо марворидҳо ороёфта насиби духтарчаи соҳибхона гашт.

Тоссар фарзандонашро бӯсида, гуфт:

– Соли оянда аз Бобои Барфӣ чӣ туҳфаро интизоред? Ин бобои одӣ не, сеҳр дорад, ҳама орзуҳоятонро ҷомаи амал мепӯшонад.

– Ман валасафеди калон мехоҳам, – гуфт писарбача ва аз автомати худ тир кушод. Чароғаке дар дохили автомат фурӯзон гашту садои «та-та-та» дар фазо танинандоз гашт. Нидои таҳсину хандаи ҳозирин хонаро пур кард.

– Ман… ман… лӯхтаки Барбӣ мехоҳам, – гуфт ба ноз Шаҳноза.

Пирамард, ки то ин дам хомӯш дида ба ин манзара дошт, даст ба сари Барфак гузошта, гуфт:



https://bikhon.tj/

– Чаро аз ин духтарак намепурсед, ки дар соли нав чӣ орзу дорад?

– Ба ӯ бобояш ҳама чиз меорад, – гуфтанд ба як овоз Шаҳнозаю Бахтиёр.

– Ба ҳар ҳол пурсидан даркор, – эътироз кард пирамард ва андаке хамида, ба гӯши духтарак гуфт:

– Чӣ орзу дорӣ, духтарҷон?

Аз ин меҳрубонии пирамард дили нозуки духтарак ларзид ва нафас дар гулӯяш дармонд. Вай ба як азоб оби даҳонашро фурӯ бурда, номаълум гулӯ равшан кард ва миҷҷаҳояшро ба ҳам оварда, гуфт:

– Дигар ҷанг нашавад.

Як қатра ашки зулол аз рухсораи лолагуни духтарак шорида, андаруни пати қолини пургул нопадид гашт.



https://bikhon.tj/

# БОЗОР

Дирӯз дуздҳои бозор дар рӯзи равшан пиҷаки гароннархи Анвар Замонро рабуданд ва инак ӯ аз ноомади кори хеш дилгир ва ғарқи андеша менишаст дар бозор. Меандешид, ки чӣ тавр моли ба яғмо рафтаро ҷуброн мекунад акнун. Зеро ин ҳама амволро аз ҳамсояи бозоргонаш ба насия гирифта буду ҳар рӯз маблағи колои басавдорафтаро ба соҳибаш бармегардонд. Дина ҳамсояро аз ин воқиа огоҳ накард. Дар хона низ касе намедонист аз ин талафот. Ва инак Анвар Замон, марди панҷоҳсолаи миёнақади айнакӣ, ба ҳафт пушти дуздону чапдастон нафрин хонда, аз пешонии шӯру ноуҳдабароии хеш дарун–дарун худро мехӯрду даврони хушбахтонаву банизоми шӯравиро ба ҳасрат ёд оварда, мехост кош дар ин дунё бозор ном чизе ҳаргиз вуҷуд намедошту ӯ тарки касби дӯстдоштааш намекард ва кунҷи онро иҷора намегирифт. Аслан то сар задани алангаи ҷанги шаҳрвандӣ ҷойи ин бозор боғ буд. Як боғи сарсабз, дар дилаш як кӯли бавусъати обаш зулол дошт. Одамон рӯзҳои истироҳат ва ё бегоҳ форағ аз кор табъи дил



https://bikhon.tj/

истироҳат мекарданд дар боғ. Алалхусус тобистон ҷойи сӯзанпартоӣ намеёфтед дар ин ҷо. Хурду калон оббозӣ мекарданд дар кӯл, қаиқҳоро ба киро гирифта, дар паҳнои кӯл ба сайр мебаромаданд. Бархе дар тарабхонаи «Соҳил» гуна-гуна таому нӯшокиҳо фармуда, нӯши ҷон мекарданд. Он айём бӯи хандаю шодӣ мекард фазои боғи бавусъат, ба тану ҷон ҳаловат мебахшид гулу майса ва долу дарахтони сарсабзи он. Ҳатто дуди сихкабобаш димоғро роҳат мебахшид. Солҳои охир масъулин боғро вусъат бахшида, дар ҷойи ҳозираи бозор барои кӯдакон як гӯшаи обод ташкил карданд: як тайёраи куҳнаи ЯК–40-ро ранг зада, дохилашро чун кинотеатр ҷиҳозониданд, қариб дар масофаи ду километр хати роҳи оҳани бартанг кашида, як паровозчаи хурдро ба чанд вагончаҳои ба аксҳои қаҳрамонҳои мултфилмҳо зебдодашуда пайвастанд. Як майдончаи варзишӣ низ муҳайё сохтанд.

Аммо ҷанг… Бетартибиҳо ба сари ин боғи сарсабз низ об рехт, тадриҷан онро ба харобазор табдил дод. Шояд чӣ тавр ба бозор бадал ёфтани боғро имрӯз аниқ касе дар ёд надорад. Кӣ аввалин маскуни ин ғавғохона буд, низ муайян кардан душвор. Зеро каме дуртар аз ин ҷо бозори дигаре ҳаст, ки аз қадим дар он ҷо ҳар гуна ғизо мефурӯхтанд. Вақте мамлакати шӯроҳо аз байн рафту кулли сохтори он фалаҷ гашт, мардум бе ҷойи кору маош монданду оҳиста-оҳиста сохти бозоргонӣ роиҷ гашт. Мисли замбӯруғ баъди борони баҳорон яке паси дигар бозорҳо пайдо шуданд. Нахуст ба ин сохт собиқ кормандони соҳаи савдо мутобиқ шуданд. Онҳо акнун аз чанголи сахти кормандони шуъбаи мубориза бар зидди моликияти сотсиалистӣ ва кумитаи назорати халқӣ халос шуда, майдони фаъолияташонро васеъ ёфтанд. Худо моро



https://bikhon.tj/

ҳам бандаам гуфт, бахтамон тофт, гӯён аз чор тарафи дунё молҳои гуногун оварда, доди савдогариро баровардand. Шояд ин тоифа вақте ин маконро ҷойи бозор интихоб карданд, на дар ёди истироҳати кӯдакон буданду на аз тарбияи онҳо андеша мекарданд. Ҳирси молу манол ақлашонро дуздида буд, босираашонро кӯр карда буд. Алҳол аз он гӯшаи боғ танҳо хати роҳи оҳани бартанг ба ёдгор мондаасту халос. Тадриҷан одамони касбу кори гуногун ҳам, ки муддате қабл соҳиби ҷойи кору маоши хуб буданду бозоршириро ҳатто дар гӯшаи хаёлашон меҳмон намекарданд, дар чорсӯи зиндагӣ ҳайрон монда, ночор ба бозор рӯй оварданд. Анвар Замон низ аз қабили ҳамонҳо буд. Вай бист сол дар мактаб ба фарзандони мардум дарс дода, оқибати кор натавонист ба маоши ночиз оилаашро хӯронад. Занаш ба савдогарӣ ташвиқ карду ӯ лоилоҷ сар фуровард. Рӯзҳои аввал аз шарм намедонист, аз нигоҳи одамон чашмонашро куҷо гурезонад: мабодо ягон ҳамкору шогирдаш бубинад ва ё ба ягон шинос рӯбарӯ ояд. Аммо оҳиста-оҳиста одат кард. Зеро вақте медид, ки дар ин бозор муҳандису духтур, муаллиму рӯзноманигор ва ҳатто профессору полковникҳо ба савдогарӣ машғуланд, ба қавле, пардаи рӯяш дариду ба тақдир тан дод. Бо вуҷуди ин то ҳол агар баъзе шарикдарсонаш – муаллимони мактабу донишкадаҳоро бубинад, сару рӯяшро аракӣ шарм мешӯяд. Гӯё вай гунаҳкор бошад, хиёнаткор бошад.

– Амак, ҳамин ҷой холӣ?

Анвар Замон аз ин садои ногаҳонӣ як қад парида, сар бардошт ва дар рӯбарӯяш писарбачаи сафедчеҳраи чашмкабуд, мӯйҳои маллааш то абрувонаш пайвастаро



https://bikhon.tj/

дид. Писарбача дар даст халтачаи селофанӣ мунтазири ҷавоб меистод.

– Марҳамат, – муроот кард Анвар Замон.

Писарбача чаққон аз болои ҳошияи симонпӯши канори роҳрав гузашта, аз паҳлуи чапи Анвар Замон ҷой гирифт ва аз дохили халтачааш панҷ ҷуфт ҷуроби дастбофи пашминро бароварда, болои рӯзномае паҳн кард.

Оҳиста-оҳиста харидорон низ пайдо шуданд.

– Амак, савдо чӣ хел?

– Бад не, – кӯтоҳакак посух дод Анвар Замон ва баъд ба ҷуробҳои писарбача назар афканда, пурсид:

– Кӣ бофт ин ҷуробҳоро?

– Очам, – ҷавоб дод писарбача.

Анвар Замон яке аз ҷуробҳоро аз замин бардошта, ба даст ламс кард ва «нағз» гӯён баргашта ба ҷояшон гузошту ба писарбача рӯй оварда:

– Мактаб намеравӣ?

– Баъзан меравам.

– Чӣ хел баъзан? – изҳори таҳайюр кард Анвар Замон.

– Дарси дуруст ҳам нест дар мактаб. Муаллим намерасад, будаашон ҳам дилам-нодилам дарс медиҳанд, барвақт ҷавоб медиҳанд.

– Дар кадом мактаб мехонӣ?

– 44.

Анвар Замон аз шунидани рақами мактаби худаш каме даступо хӯрда, ба писарбача зеҳн монд ва дар симои ӯ ягон шогирдашро нашинохта, каме таскин ёфт.

– Аз мактаб намон, – гуфт Анвар Замон ба оҳанги насиҳат, – ин рӯзҳо мегузаранд, хонданат мемонад. Вагарна баъд пушаймон мешавӣ.



https://bikhon.tj/

– Ҳозир одами хондагӣ қадр надорад, амак, – гуфт писарбача. – Гапаша ягон кас намегирад, ҳурматаша бағо намеорад. Бизнеса ёд гирифтан даркор.

– Барои тоҷири хуб шудан ҳам дониш доштан лозим, – гуфт Анвар Замон, – тиҷорат илми зӯр, бе дониш намешавад.

Ҳарду лаҳзае хомӯш нишастанд.

– Падарат чикора? – пурсид Анвар Замон.

– Як сол боз бедарак падарам, – гуфт ба овози ҳазин писарбача.

– Бедарак?

– Ҳа. Як бегоҳ ӯро ҳамсояамон Қудрат ҳамроҳи ду нафар силоҳбадаст аз хона бурданд. Дигар барнагашт дадам. Очам мегӯяд, ки Қудрат қасдашро гирифт. Чунки чанд сол пеш дадам Қудратро дар сари дуздияш дошта, хуб кӯфта будааст. Вақте ҷанг сар шуд, Қудрат ба кадом гурӯҳе пайваста, соҳиби автомат шуду ҳамсояҳоро хеле ғам дод. Агар ҷанг намебуд, дадам Қудрат баринҳоро ба як мушт пачақ мекард. Шумо дадаи маро надидаед. Паҳлавон буд дадам, дар тӯйҳо гӯштин мегирифт. Момоям мегӯяд, ки то ҳол тахтапушташ заминро надидааст.

– Накофтед, ба ягон ҷой арз накардед?

– Момоям ба сари Қудрат рафта, хеле дашном дод, аммо вай даҳонашро инҷ карда, механдиду дар ҳузури ҳама такрор ба такрор мегуфт: Э кампири беақл, ман бачата моҳиқапӣ фиристодам, сабр бикун, Худо хоҳад, ба як халта моҳӣ бармегардад.

– Ба милиса арз накардед?

– Ба милиса ҳам хабар додем, то ҳол ҷавобе нест.

Писарбача чанд лаҳза сукут варзида, афзуд:



https://bikhon.tj/

– Афсӯс, ҳамон рӯз момоям дар хона набуд. Баъд аз бедарак шудани дадам Қудрат рӯзе маст ба хонаамон омада, очамро ҳамроҳ бурданӣ шуд. Аз ғавғои момаам ҳама ҳамсояҳо ҷамъ шуданд. Вақте занаш хабар ёфта, омад, Қудрат ногаҳон ғайб зад. Вай агар мард мебуд, аз занаш наметарсид. Баъди ҳамон воқиа момоям дигар очамро танҳо ба берун баромадан намемонад. Метарсад, ки Қудрат ба вай ягон зарар мерасонад. Момои ман зӯр, аз ҳеҷ кас наметарсад.

– Чаро? – пурсид Анвар Замон.

– Очам зани зебо, ҳамин ки ба кӯча баромад, мардҳо чаққа мешаванд ба вай. Аммо агар момоям дар бараш бошад, касе дилёб намешавад.

– Ғам нахӯр, бармегардад падарат, – таскин дод писарбачаро Анвар Замон. – Меояду шумоёнро саробон мешавад, баъд дигар модаратро низ касе намеранҷонад.

– Момоям ҳамеша Қудратро дуои бад карда мегӯяд, ки бачамро кушта, ба дарё андохт ун хунхор…

– Э мардак, хобӣ?!

Ин садои дурушт суҳбати онҳоро бурид. Ҳарду якбора сар бардошта, дар муқобили худ ду нафарро диданд. Қади яке баланд, китфонаш васеъ ва нигоҳаш тез, аммо ҳамроҳаш қадпаст ва хеле лоғар буд. Китфвасеъ дар тан либоси алобуло ва дар китф автомат дошт. Сараш луч буд.

– Крассовкара мара! – фармон дод китфвасеъ, ба ангушт пойафзоли кабудрангро ишора карда.

Анвар Замон ба дили нохоҳам аз ҷой хеста, пойафзолро аз замин бардошта, дароз кард.

Фарохкитф пойафзолро аз назар гузаронида, пурсид:

– Размераш чанд?

– 42.



https://bikhon.tj/

– Чени ман будаст. Печон!

– Барои ман се размер майдаҳакаша, – луқма партофт қадпаст.

– Дигар надорам, – гуфт Анвар Замон ва пойафзолро дар қуттиаш ҷо намуда, ба китфвасеъ дароз кард.

– То пагоҳ барои ин бародар ҳам меёбӣ, – гуфт фарохкитф. – Фаҳмидӣ? Вагарна пўстата меканам! Мо пагоҳ барвақт меоем.

Онҳо ба роҳ даромаданд.

– Пули крассовкаро кӣ медиҳад? – аз қафо садо кард Анвар Замон.

Он ду нафар якбора дар ҷойи худ истоданд.

– Чӣ?! – ба нафрат пурсид фарохкитф. – Чизе гуфтӣ ё гўшам садо дод?

Вақте он ду нафар аз роҳашон гашта омаданд:

– Пулаша кӣ медиҳад? – такрор кард саволи худро Анвар Замон.

– Пул мехоҳӣ? – писханд зад фарохкитф, нигоҳи тезашро аз Анвар Замон наканда ва беибо аз болои либосу пойафзолҳои дар замин паҳнхобида қадам монда, филҳол аз гиребони Анвар Замон гирифту чолок сўи худ кашид ва ба сараш чунон зад, ки дар як лаҳза даҳону бинии Анвар Замон ғарқоби хун шуд.

– Назанед! – аз ҷой парид писарбача. – Чӣ гуноҳ кард, ки мезанед?

Онҳо ба писарак аҳамият надоданд. Чанд нафар зану марди савдогар худро ба коре андармон карданд. Гўё онҳо чизеро намедиданд, гуфтугўи он чор нафарро намешуниданд.

– Мо дар кўҳу пушта шабу рўз ҷон дар каф меҷангему ту дар ин ҷо пул меғундорӣ, а! Боз шарм надошта, аз ман



https://bikhon.tj/

пул талаб мекунӣ! – гуфт фарохкитф, гиребони Анвар Замонро аз панҷаҳои оҳанинаш раҳо карда ва омирона ҳамчунон ба мӯзаи ифлосаш либосҳоро зер карда, ба ҷойи аввалааш баргашт. Ҳамоно хашмгин буд вай. Гӯё касе сахт ба иззати нафсаш расида бошад, лаҳза ба лаҳза ғазабаш ҷӯш мезад.

– Пагоҳ як крассовка не, дуто меорӣ! Набиёру рӯзата бин. Сари як тират мекунам… – ҳақорати қабеҳ дод фарохкитф. – Чунон рӯзата сиёҳ мекунам, ки ба мурдан розӣ мешавӣ. Фаҳмидӣ? – дод зад, балки наъра кашид ӯ.

Анвар Замон мулзам ба рӯймолчаи дасташ даҳону биниашро дошта меистод.

– Рафтем! – гуфт фарохкитф ба ҳамроҳаш. Қадпаст пеш аз он, ки ба роҳ дарояд, чолок хам шуда, аз замин шиму костюми бачагонаеро бардошта, ба бағалаш зад.

Онҳо бовиқор қадам зада, дар байни одамон нопадид гаштанд.

Мардуми савдогар оҳиста-оҳиста ба ҷунбиш омаданд.

– Хонаатон сӯзад, – аввалин шуда, зани тахмин шастсола овоз рӯшан кард, – чизи гирифтагиатон ба мурдашӯятон расад.

Анвар Замон, ки то ин дам ба дастрӯймол даҳону биниашро дошта менишаст, аз ҷой хеста, ҷониби бозори хӯрокворӣ рафт, то хуни дар кафаш ҷамъомадаро бишӯяд.

– Кай аз дасти ин худобехабарон халос мешуда бошем? Кай ин ҷанги бемаънӣ хотима меёфта бошад? – гуфт марди зиёинамо. – Ҳар гурӯҳе, ки меояд, аз ҷанг карданаш миннат мекунад. Магар ҳаммиллати худро куштан қаҳрамонист? Падару бобоёнамон нисфи дунёро аз юғи фашистон озод карда, боре ба касе миннат нагузоштанд.



https://bikhon.tj/

– Ҳеҷ гап не, мегузарад, – гуфт харидоре, ки куртаеро дар тани хеш чен мекард. – Ҳукумат барқарор шуд, ба тадриҷ нухтаи ин тоифаро мекашад. Беҳуда нагуфтаанд: ресмони давлат дароз. Тоқат мебояд.

– Тоқат ҳам ягон ҳадду ҳудуд доштагист, – гуфт марди зиёинамо. – Куҷое равӣ, як автоматдор пеши рӯят.

Ба ҳамин оҳанг то дер савдогарону харидорон байни ҳам мегуфтанду мешуниданд. Анвар Замон баргашта омад. Ҳамоно ба дастрӯймол биниашро медошт. Яқин варамида буд даҳону биниаш. Вақте ӯ дар ҷойи худ нишаст:

– Як шиму костюматонро низ бурданд, – гуфт писарбача.

– Раҳи сияҳашон, – даст афшонд Анвар Замон. – Фарзандашон тани луч будагист.

– Магар онҳо низ фарзанд доранд? – пурсид писарбача.

– Албатта доштагистанд, – гуфт Анвар Замон, сари писаракро сила карда.

– Агар онҳо фарзанд медоштанд, магар ман барин кӯдаконро ятим мекарданд? – ларзид овози писарак. – Ман калон шавам, қасди падарамро аз Қудрат мегирам.

– Қасдгирӣ кори хуб нест, – гуфт Анвар Замон насиҳатомез. – Бадии ҳар касро ба Худо ҳавола кардан лозим, Парвардигор ҷазояшонро медиҳад.

– Не, намедиҳад, – гуфт қотеона писарбача, сангчаи дар дасташ бударо бақахр дур андохта. – Қудрат падарамро кушта, кайф карда гаштааст-ку! Чаро ӯро ҷазо намедиҳад?

Анвар Замон аз ин суоли дардноки писарбача лаҳзае гаранг шуда, ба худ андешид, ки зиндагии мушкил ва ҷанги меҳркушу ноадолатии атрофиён ин кӯдакро барвақт ба мавҷҳои пурпечутоби ҳаёт даромехтааст.



https://bikhon.tj/

– Ҳар кор вақту соат дорад, – гуфт Анвар Замон, китфони писарбачаро ба оғўш гирифта. – Ягон гуноҳ бе ҷазо наемонад. Бовар бикун...

Он ду нафар рўзи дигар барвақт пайдо шуданд. Анвар Замон ба марди қоматбаланди уқоббинию писарчаи тахмин нўҳ-даҳсолаи ў, ки попўш интихоб мекарданд, андармон буд.

Писарбача оҳиста ба оринҷаш Анвар Замонро нихтакунон аз омадани он ду нафар огоҳонид.

– Овардӣ? – пурсид ба қиёфаи ҷиддӣ фарохкитф.

Марди уқоббинӣ, ки дикак нишаста, попўшро ба пойи бачааш чен мекард, баробари шунидани ин садо ба фарохкитф нимнигоҳе андохт. Аммо нигоҳи онҳо ба ҳам нахўрданд, зеро фарохкитф ба вай аҳамият надод, ба қавле, фукаш осмонро мехарошид.

– Нархаш чанд? – аз ҷой хест марди уқоббинӣ.

Фарохкитф аз садои мард гўё ба худ омада, худро ба қафо гирифт. Мард пули попўшро дода, ба садои андаке баланд ба Анвар Замон гуфт:

– Ягон кас ғам намедиҳад, молатро бепул намебарад?

– Не, – посух дод Анвар Замон.

– Агар мабодо ягон нохалаф зўрӣ кунад, ана ин рақами телефони ман, – варақаи боздиди худро дароз кард мард. – Беташвиш занг зан, зуд расида меоям. Рўдаша меканам зўра.

Мард инро гуфта, ақиб гашт. Он ду нафар кайҳо нопадид гашта буданд.

– Натарс, – малеҳ табассум кард мард ба ҷониби Анвар Замон гашта. – Эзори ин тоифа тар аст.

Мард аз дасти писарчааш гирифта рафт.



https://bikhon.tj/

– Дидед, он ду нафар чӣ хел аз ин мард тарсиданд. Тарсончакҳо, зӯрашон фақат ба одамони бечора мерасад, – аз чашмони писарбача гӯё оташ меҷаҳид. – Аз афташ, ин мардак камандири калон аст. Он ду нафар овози ӯро шуниданду думашона хода карданд.

– Албатта, ба сари ҳар зӯр дасти қавитаре пайдо мешавад, вагарна ин дунё кайҳо зеру забар мешуд, – гуфт Анвар Замон.

– Ман ҳам мехоҳам зӯр шавам, – гуфт писарбача ба ҳавас, – ҳама аз ман битарсанд, ба модарам касе кордор нашавад… Қудратро лату кӯб карда, дараки падарамро биёбам.

– Ту ҳозир ҳам бачаи зӯр, – сари писарбачаро сила кард Анвар Замон. – Дараки падаратро ҳатман меёбӣ, ба модарат низ чашми бад намерасад.

Ҳамин тавр Анвар Замон ба писарбача унс гирифт. Онҳо ҳарду суҳбаткунон дар бозор менишастанд. Баъзан савдояшон омад мекард, рӯзи дигар не. Агар писарбача ягон чуфт чуроб фурӯшад, ниҳоят хурсанд мешуд ва бегоҳ шоду бод ҷониби хонаашон мерафт. Анвар Замон ба ӯ падарвор меҳр баста буд. Агар рӯзе писарбача таъхир кунад, гӯё чизеро гум карда бошад, ба худ ҷойи нишаст намеёфт.

Рӯзе Анвар Замон ҳамроҳи писарбача аз занаки самбӯсапаз, ки ҳар рӯз вақти пешин дар даст як тоси пур аз санбӯсаи варақӣ пайдо мешуд, сетоӣ харида, дар тараддуди шикам сер кардан буданд, ки як ҷавонзани қоматбаланди сафедрӯй ва кампире пайдо шуданд. Зебо буд ҷавонзан. Куртаи адрас ба қомати болояш басо шинам афтода, ҳусни ӯро дучанд меафзуд. Баробари чашмаш ба онҳо афтидан писарбача филҳол ба по шуд. Зан нигоҳи



https://bikhon.tj/

гарму пурмеҳрашро аз писарак канда, ноаён ашки чашмонашро пок кард.

– Мурам ба бачаҳаки дастёрам-э, гушна мондаст, – гуфт ҷавонзан, дар дасти писарбача самбӯсаро дида.

– Самбӯсаро бе чой намехӯранд, – гуфт кампир ҷиддӣ. – Меъдаат касал мешавад.

– Ҳозир чой меоранд, – табассум кард писарбача. – Куҷо меравед?

– Барои апаат курта мехарем, – посух дод ҷавонзан. – Охир, пагоҳ иди 8-уми март.

– Эҳтиёт шав, – гуфт кампир ба писарбача ва ҷавонзанро ба рафтан водор карда, афзуд, – бозор пури дузд. Бегоҳ барвақт биё ба хона.

– Парво накунед, – луқма партофт Анвар Замон, – ман назорат мекунам.

– Аз афтатон одами маъқул менамоед, ба ҳамин бачаяки мо ёрдам кунед. Падараш нест… – забон хоид кампир.

– Хотиратон ҷамъ бошад, бо ман ба пояш хор намехалад.

Вақте занҳо дар анбӯҳи одамон аз назар ғойиб шуданд, Анвар Замон аз писарбача пурсид:

– Модарат?

Писарбача ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд.

– Кампир, албатта, бибиат?

– Ҳа.

– Аз фармондиҳиаш шинохтам. Воқиан ҳам кампири чаққон, нигоҳаш одамро сӯрох мекунад. Чунин кампирҳо дар кӯраи зиндагӣ пухта шудаанд. Ҳаёт онҳоро мисли оби дарёи кӯҳӣ аз санг ба санге зада, ба қавле, пухта мерасонад, чашмикордон ва одамшинос мекунад. Бино бар ин, онҳо



https://bikhon.tj/

одамшинос мешаванд, ҳаққи хешро аз даҳони шер канда мегиранд… Модарат ҳам зани зебо, – гуфт Анвар Замон андешаманд. Ӯ вожаи «зебо»-ро олуда ба ҳавову ҳавас аз даҳон берун карда, чанд муддат аз дунболи ин калимаи хушрӯй, ки ба назараш гӯё дар фазо мехиромид, нигоҳи ҳасрат дӯхт. Ин лаҳзаҳо дар умқи дилаш ҳам ба он ҷавонзани зебо ва ҳам ба кампиру набераи ӯ мехре рӯ зад ва ӯ мехост тарбияи писарбачаро ба дӯш гирад, ҳамеша дар паҳлуи модари ӯ бошад, дастгираш шавад. Аз чанд ҷумлае, ки ҳамин ҳозир ба кампир раду бадал кард, мамнун меандешид, ки ҳатто барои гови ҷӯшоро дӯшидан аввал бояд гӯсолаашро мехрубонӣ бикунӣ.

Бегоҳ, вақте писарбача ҷуробҳояшро ғундошта, дар тараддуди рафтан буд, Анвар Замон як куртаворӣ матои зебои туркиро дар рӯзномае печониду ба писарбача дода, хоҳиш кард, ки аз номи ӯ ба модараш диҳад.

Писарбача рад кард.

– Ин туҳфа ба муносибати иди занон, – писарбачаро ба азоб розӣ кунонид Анвар Замон. Писарак ноилоҷ матоъро ба борхалтааш андохта, сараш хам рафт.

Рӯзи дигар писарбача наомад. Анвар Замон то пешин мунтазир шуд, аммо аз вай дарак набуд. «Мабодо бемор шуда бошад. Ё дар оилаашон ягон воқиа рух дод? Ё ягон кораш баромад?» – ба сад хаёл мерафт Анвар Замон.

Писарбача пас аз нисфирӯзӣ пайдо шуд. Дар китфаш борхалта, ду ҷуфт ҷуроб дар дасташ ба роҳгузарон муроҷиат мекард:

– Ҷуроб харед, ҷуроби пашмини дастбоф!

– Ҳой ошно! – садо кард Анвар Замон. – Куҷо будӣ, ман алаҳда шудам.



https://bikhon.tj/

– Ман дигар дар як ҷо намешинам, – гуфт писарбача, наздик омада ва аз борхалтааш ҳамон матои дирӯзаро бароварда, ба Анвар Замон дароз кард. – Момоям гуфт, ки дар бозор гардиш кун, савдо нағз мешавад.

Анвар Замон дар даст матои коғазпеч мутаҳаййир аз писарак чашм намеканд.

– Момоям гуфт, ки шумо одами хуб набудаед… Ҷуроб, ҷуроби дастбофи пашмин! Поятон дар дарунаш бароҳат хоб меравад!

Писарбача ба роҳаш рафт, Анвар Замон ҳайрон аз ӯ чашм намеканд.



https://bikhon.tj/

# НОСЕҲ

Чиллаи тобистон. Аз гармии ҳаво нафас аз димоғ танӯра мезад. Агарчи ба пивохона дарахти азими чинор сояи ғафс меандохт, халосӣ набуд аз нурҳои тези хуршед. Тафси ҳаво меафзуд, арақ беист аз сару рӯй метаровид, гармӣ то мағз-мағзи ҷисму ҷон кора мекард. Одамон, мисли селаи гунҷишкони ташна ба сари об, худро ба пивохона мезаданд, то бо оби ҷави сард ташнагиашонро бишкананд. Бо вуҷуди мисли моку равуо кардани пешхизмат дар пешдукон тадриҷан қатори мизоҷон меафзуд. Буфетдор, ҷавони тахмин биступанҷсола, сару рӯяш арақшор, як даст ба асбоби пиворезӣ, дар дасти дигараш ҷоми нимлитра ба мизоҷон пиво мерехт ва пулро ғиҷимкунон ба қуттие мепартофт. Чанд нафар дар атрофи мизи гирда ба по рост пиво менӯшиданд. Дар қаноти чапи пивохона, рӯи чорпояи оҳании худсохти зангзада, марде кабоб мепухт, дуди он ба ҳаво хеста, чашму димоғро месӯзонд. Дар даст як пора картон мард бо чолокӣ кабобро шамол дода, мекӯшид лахчаҳо фурӯзонтар ва тафсашон баланд шавад, то ӯ сари вақт фармудаи мизоҷонро ба ҷо орад.



https://bikhon.tj/

Оқибат навбати ман низ даррасид ва ду ҷом пивои то ҳанӯз кафкаш фурӯ нанишаста дар даст ба умеди пайдо кардани курсии холӣ мизҳоро аз назар гузаронидам. Даҳ-дувоздаҳ миз ҳама банд буданд. Интизорӣ тӯл мекашид. Шояд пешхизмат маро наззора дошт, ки наздам омад ва бо ангушти ишоратӣ кунҷи пивохонаро нишон дода, гуфт:

– Бародар, дар он мизи хурд як ҷой холист.

Кабоб фармудаму ду ҷом дар даст аз байни мизҳо гузашта, ба кунҷи пивохона рафтам. Воқиан ҳам хурдакак буд миз ва паси он ҷавоне менишаст. Дар наздаш як ҷоми пивояш нима, қуттии сигору оташафрӯз ва дар тақсимча мисли кафи даст як моҳии дуддодашуда мехобид. Миз чиркин буд, магаси зиёде рӯи он шиштухез мекард. Ба нигоҳи суоломези банда бо ишораи даст ба нишастан муроот карду дигар мутаваҷҷеҳ нашуд ҷавон. Гӯё мурғеро парт мекарда бошад, бедилон бурда-бурда гӯшти моҳиро канда, ба даҳон меандохту оби ҷавро меошомид. Ширакайф буд, ҳар замон сар бардошта, норозиёна ба атроф менигаристу зери лаб чизе мегуфт. Вақте пешхизмат фармудаи ман – ду сих кабобро – оварда, болои миз гузошт, ҷавон гардан ёзонидаву чашмони хуморашро аз ӯ наканда, гуфт:

– Заҳри баданатон мешавад пулҳои ёфтаатон!

Пешхизмат бо нигоҳи олуда ба нафрат мехост чизе бигӯяд, аммо истиҳола карду аз мо дур шуд. Аз ин муомилаи дағали ҷавон чизе нафаҳмида, ҳайрон мондам.

– Дар ин дунё адолат нест, – худ ба худ ғурунгид ҷавон, – набуд, нест ва нахоҳад буд. Ё гапам нодуруст? – ба ман рӯй овард ӯ.

Ин ситезаашро аз мастӣ дониста, посух надодам.



https://bikhon.tj/

– Чӣ хапӣ, ака, ба фикрат, ман аҳмақам? – ба арбада гузашт ҳамнишинам.

– Пиворо нӯш, – гуфтам ба мулоимат, – кори дунёро сарфаҳм рафтан душвор.

– Ақл бошад, сарфаҳм меравӣ! – гуфт ҷавон, дар ҷояш алвонҷ хӯрда.

– Гӯш кун, ту ин ҷо барои пивонӯшӣ омадӣ, ё аз зиндагӣ нолидан? – аз рафтори ӯ торафт ғашам омада, овоз баланд кардам.

– Бубахш, ака, – ду даст пеши бар нимхез шуд ҷавон. – Агар туро хафа карда бошам, узр. Лекин дилам мекафад аз беадолатиҳо, вуҷудам месӯзад.

– Чӣ дард дорӣ?

– Барои гӯш кардан вақтат ҳаст?

– Ним соат.

– Агар малол наояд, пиво мефармудӣ, пулашро медиҳам. Худат дидӣ, гапамон гурехт… ҳозир рафта, ба он барзагов шикоят мекунад.

– Хуб, мефармоям.

Шояд аз чӣ оғоз карданашро надониста, ҷавон ба сукут рафт. Малламӯй, чашмкабуд, пешонитанг, биниаш теғадор, лоғарандому қаддароз буд ӯ. Бо вуҷуди ҷавонӣ аллакай дар ҷабинаш ожанг пайдо шуда буд.

– Ҷойи ҳамин пивохона боғчаю ана он тиреза, – ба ошёнаи сеюми бинои шафат, ки инак сояш як газ ёзида буд, ишора кард ҷавон, – хонаамон буд. Ин чакалакро падарам аз ҳар гуна хору бутта, лашу луш тоза карда, ниҳол шинонду гулзор кард. Аммо насиб накард он ба мо баъди марги падару модарам ва қатли бибиам...

***



https://bikhon.tj/

Нахуст ҷасади кампирро наберааш Ромин дид. Вай, писарбача, мисли ҳаррӯза пас аз дарс шоду нағмакунон портфели дасташро алвонҷ дода, аз зинаҳо боло шуду вориди хона гашт ва дар даҳлез бибии ба даҳон хобидаашро дида, дар ҷояш шах шуд. Сару рӯи бибӣ оғуштаи хун, ду дасташ мисли қулочкашии шиноварон ба пеш буд. Дар танаш ҳамон хилъати гумазӣ, дар як пояш шиппак, пойи дигараш луч. Кисаи чапи хилъаташ дарида, ҳамоил меистод. Каме дуртар аз ҷасад рӯзномаи нав мехобид. Шояд кампир рӯзномаро аз қуттии почта гирифта, ҳамроҳи қотил ба хона даромада, дар даҳлез аз дасти ӯ ба қатл расида буд.

Роминро аз ин манзараи мудҳиш ҳангаш канд ва аз тарс чанд дақиқа чӣ кор карданашро надониста, ҳайрон монд, сипас осемасар қафо гашту дари ҳамсояи дар ба дарашонро кӯфт. Дере нагузашта нозири минтақавӣ Сарбоз Акрам низ расида омад. Ташрифи ӯро Ромин хуб дар хотир дорад, зеро нағз мешинохташ, дар гузарашон зиёд медид, ҳатто чанд бор ба назди бибияш низ омада буд. Он рӯз аз пурсуҷӯи дурудароз ва ба навозиш сари кӯчаку китфи лоғари ӯро сила карданаш писарбача дар симои нозир пушту паноҳи худро дида, дили ғамзадааш андаке таскин ёфт. Аз кокардаи заррини милитсионер, ки ба фуражкаи расмиаш шукӯҳ мебахшид, чашм наканда, меандешид: ин мард ҳатман қотилони бибиашро пайдо карда, ҷазо медиҳад. Писарбача бисёр мехост, ки гунаҳкоронро хору залил ва дар наздаш ба зону афтида бинад. Лаҳза ба лаҳза ҳисси интиқомаш афзуда, дар тасаввури кӯдакии хеш усулҳои яке аз дигаре мудҳиштари ҷазоро меандешид. Охир, Ромин дар ин дунёи рӯшан ба ҷуз акаю бибиаш дигар касе надошт. Чанд сол пеш волидайнаш ҳангоми кӯҳбарӣ сарозер шуда, фавтиданду ӯву бародараш ятим монданд. Бибӣ лоилоҷ хонаашро



https://bikhon.tj/

фурӯхта, ба манзили онҳо кӯчиду тарбияи набераҳояшро ба уҳда гирифт.

Қариб як ҳафта Сарбоз Акрам ҳар рӯз дар хонаи онҳо буд. Дар даст ҷузвдони чармаш судашуда субҳ меомаду Роминро ба мактаб гусел мекард ва дар меҳмонхона соатҳо менишаст. Вақти хӯроки чошт, вақте Ромин аз мактаб бармегашт, ӯ хомӯш баромада мерафт ва бегоҳ боз пайдо мешуд ва то як поси шаб менишасту баъд писарбачаро ба ҳамсоязан супорида, мерафт. Рӯзи панҷум бародари Ромин Руслан аз марги бибиаш хабар ёфта, аз Хуҷанд баргашта омад. Он шаб Сарбоз Акрам набуд дар хонаи онҳо. Бародарон то саҳар аз марги бибияшон гуфтанду гиристанд. Руслан ҳарчанд майна об мекард, сабаби куштори ӯро ҳатто тахмин зада наметавонист. Агар касе дуздӣ кардан мехост… аз хона касе бечо нашудааст. Пас кӣ? Онҳо баъд аз сари волидайн зиндагии фақирона доштанд.

Субҳ Сарбоз Акрам гӯё хоб дида бошад, саросема омада, дари онҳоро кӯфт. Дарро Ромин боз кард.

– Акаат омад? – пурсид ӯ.

– Ҳа, – хурсанд посух дод Ромин.

– Куҷост?

– Ҳоло хоб аст, – ба хонаи хоб ишора кард Ромин.

Сарбоз Акрам чанд лаҳза дар сари болини Руслан рост истода, оқибат ба як қарор омад магар ки китфони ӯро сахт силтав дода, бедор кард.

Руслан аз ҷой нимхез шуда, чанд лаҳза ба рӯи ҳомии тартибот нигоҳи гунг дӯхту бо дили нохоҳам кӯрпаро аз сари синааш дур кард.

– Омадӣ? Виҷдонат азоб дод ё, гумонат, мо аз кирдори разилонаат бехабарем.



https://bikhon.tj/

Руслан аз ин сарпечида сухан гуфтанҳои нозир чизе нафаҳмида, хоболуд пурсид:

– Кадом кирдор?

– Бибиатро барои пул куштӣ ё мехоҳӣ хонаро фурӯхта, дар Русия кайфу сафо карда гардӣ?

Аз ин гапҳо ҳанги ҷавон канда, забонаш лол монд. Вай чанд лаҳза ин ҳама ёваҳои нозирро тафаккур карда, аз ғазаб якбора даргирифт:

– Чӣ? Ман бибиямро куштам?!

– Набошад кӣ кушт?

– Аз ту пурсидан мехостам. Қотилро ёфтан вазифаи ту!

– Дуруст, вазифаи ман. Гӯшам бод гирифта буд, ки ту мехостӣ хонаро фурӯхта, ба Русия равед, аммо кампир ин пешниҳоди туро қабул накардааст. Марги вай фақат ба фоидаи ту буд, хостӣ аз ӯ халос шавию ба муродат расӣ. Чанд рӯз боз дар куҷо будӣ?

– Дар Хуҷанд.

– Чӣ кор доштӣ дар Хуҷанд?

– Ба тӯйи ошноям рафта будам.

– О муғамбир-э, ҳама корро пешакӣ ҷӯр кардӣ, гумонат, ҳама гӯлу гаранганд, ба ин афсонаҳои ту бовар мекунанд. Хестӣ, ки дар хобӣ. Мо дар як он қили сафедро аз шир ҷудо мекунем.

– Ту ҳамин гапҳоро чиддӣ мегӯӣ? – ба заҳрханд пурсид Руслан.

– Ба ман «ту-ту» накун! – гуфт ба ҷаҳл Сарбоз Акрам. – Ҳоло бо собуни ман ҷомашӯӣ накардай, онаи зоратро нишон медиҳам, муттаҳам! Ку пеш даро! – ғазабаш дучанд ҷӯшида, кишани дар тасмаи шимаш ҳамоилро кушоду ба чобукӣ онро ба дастони Руслан андохт.



https://bikhon.tj/

Ромин, дастони нозукаш ҳалқавор дар кафали бародараш, аз ин тую мангӯиҳои онҳо сахт тарсида, даҳонаш воз меистод. Оқибат вақте милитсионер ба дастони бародараш кишан андохт, инони гиряро сар дод.

– Нарасед, кушоед дасти акаамро! – аз суруни бародааш сахттар дошта, хонаро ба сар бардошт ӯ.

– Кушо дастамро, ман ба ҳеҷ куҷо намегурезам, – овозаш ларзида, гуфт Руслан, – натарсон кӯдакро, бе ин ҳам ҳушаш дар ҷояш нест.

– Парво накун, ғами ӯро акнун давлат мехӯрад, дигар ту барин бародари беандеша лозим нест ба вай. То ҷиноят содир кардан бояд меандешидӣ, акнун дер шуд. Ғами худатро хӯр, ки ҳашт-даҳ солро дар маҳбас чӣ гуна пушти сар мекунӣ. Пеш даро, ғамхор!

Ромин дар хона зору ҳайрон монд...

Пас аз ду ҳафта Сарбоз Акрам ҳамроҳи як зану мард омад ва ӯро ба сағирахона бурданд.

***

– Аз дуруштгӯии ман наранҷ, ака, – гуфт ҷавон, пивои ҷомашро то охир ошомида. – Сазои ин тоифа ҳамин, чунки палиданд, заррае ба одам раҳм надоранд. Ту намедонӣ, ки чӣ гуна ман дар сағирахона шабҳоро ба ёди азизонам бо оби чашм ба субҳ мепайвастам. Ҳамеша болинам тар буд. Намедонам, чаро кӯр нашудам баъди ин қадар ашк рехтанҳо. Аз наздиконам танҳо ёд монда буд бо ман ва калиди хонаамон. Бибиам аз тарси гум накардан ҳамеша талқин мекард, ки калидро дар гарданам овехта гардам. Рӯзе аз куҷое занҷири нафиси нукрагин пайдо карду калидро ба он баста, дар гарданам овехт ва ман чун масеҳии ростин ҳамеша бо худ мегардондам онро. Соатҳои душвор, лаҳзаи



https://bikhon.tj/

аз танҳоӣ дуд кардани ҷигарам ва ё вақти Худоро ба ёрӣ хондан, ба ҷойи салиб он калидро бӯса мезадаму ба Парвардигор ниёиш мекардам, то маро дар паноҳи хеш нигоҳ дорад. Зиёд буданд чунин лаҳзаҳо, ки аз дасти инсонҳо озор дида, дилам аз одаму олам монда, рӯ ба Худои хеш меовардам. Аз ҳама азизон ҷудо гашта, дар сағирахона рӯз гузаронидан душвор буд барои мани танҳо. Тез-тез падару модарам, акаю бибиам ва хонаамонро хоб медидам. Оҳ, чӣ қадар мехостам ҳамроҳи бародарам бошам. Шояд танҳо ба умеди дидор бо ӯ намурдам аз ғаму андӯҳу танҳоӣ. Рӯзу моҳу сол мешумурдаму роҳашро мепоидам, ки шояд аз маҳбас халос шуда, хабаргириам ояд, аммо ҳайҳот наомад ӯ. Бо вуҷуди ин ба хотири дидор дар дилам нақша мекашидам, орзу мекардам, ҳавасҳо мепарваридам. Аммо баъди хатми мактаб ба хонаамон баргашта фаҳмидам, ки ҳафт сари сол бо хаёли хом умр ба сар бурдаам.

Ҷавон сигор даргиронд. Тафси ҳаво оҳиста-оҳиста мегашт, пивохона тадричан камодам мешуд. Дар бари мо чанд нафар ду мизро ба ҳам пайваста, базм доштанд, касеро таърифу тавсиф мекарданд.

– Бо сағирахона видоъ гуфта, гӯё парвоз кардам сӯи хонаамон, – идома бахшид нақлашро ҷавон. – Бехато ёфтам роҳро ва бо зинаҳои аз овони бачагӣ бароям ошно боло шуда, раҳравон калидро аз гарданам гирифтам ва дар қабати сеюм ба ҷойи дари дерматинпӯшамон дари ялақкосии аз чӯби сурх сохташударо дидаму дасту по хӯрда, ҳайрон мондам. Бечуръатона даст ба тугмаи занг бурдам. Дарро ба рӯям ҳамон нозир кушод. Дар ин муддат хеле гӯшт гирифта, ба мӯйҳояш сафедӣ афтода буд ва ба назар босалобат менамуд.



https://bikhon.tj/

– Салом, амак, – аз дидори чеҳраи шинос хурсанд шуда, барои вохӯрдӣ даст дароз кардам.

– Ту кӣ? – дастам дар ҳаво муаллақ шунидам ман.

– Маро нашинохтед, Ромин ман, дар ҳамин ҷо зиндагӣ мекардам, пас аз марги бибиям худатон ба сағирахона бурда будед. Акаам дар куҷост?

Мард бо қавоқи гирифтаю чеҳраи абус муддате дида аз рӯям набардошта, гуфт:

– Магар хабар надорӣ, акаи қотилат дар маҳбас мурд.

Аз ин хабари шум тарбуз аз бағалам афтида, нафас дар гулӯям печид. Гӯё ба сарам бо путки ҳафтмана фуровард бошанд, сарам чархида, гӯшҳоям ҷарангос мезаданд.

– Ту ҳам агар мисли бародарат дар маҳбас пӯсидан нахоҳӣ, дигар қадаматро ба ин хона нагузор. Фаҳмо! – ба худ овард маро овози нофорами мард. – Роҳи ин манзилро ба хубӣ фаромӯш кун.

Аз ин гапҳо латтаам дар об афтида, ҳафтам дар муштам монд. На ёрои истодан ва на пойи рафтан доштам. Намедонам чӣ гуна аз поғундаҳо фуромадам… Баъд сар шуд сарсониҳои ман барои баргардонидани хона.

Ҷавон маъюс ба як нуқта чашм дӯхта, хомӯш шуд. Аз чеҳрааш мехондам, ки душвор аст барои ӯ ёд овардани он рӯзҳо.

– Акнун фаҳмидӣ сабаби дағалиамро? Магар баъди ин қадар бадиҳо метавонам ба он марду думравонаш сухани хуш бигӯям. Он ҳомии қонун шарафу виҷдонашро пушти по зада, нобакорона ба хонаю як порча замини падарам ободкарда чашм ало кард. Ин дову дастгоҳро бубин… илоҳо, гӯри ҳафт пушташ сӯзад! – аз ғояти алам фарёд зад ҷавон.



https://bikhon.tj/

Ҳамагон ба мо мутаваҷҷеҳ шуданд. Ҷавони буфетдор, ки аз мизи паҳлу ҷомҳои холиро меғундошт, бо итоб ба мо наздик шуда, гуфт:

– Даҳонатро пӯш, вагарна сию ду дандонатро ба ҳалқат мефиристам. Шаттаи дирӯза магар сабақ нашуд ба ту?!

– Мебинем, кӣ дандони киро ба ҳалқаш мефиристад. Шумо боз забон доред, ки гап мезанед.

Буфетдор бо ситез ҷомҳои дар дасташ бударо амонат дар лаби миз гузошту чобукона аз гиребони ҷавон гирифта, бо як хез ба кундаи зону сару рӯи ӯро ғарқоби хун карду ба нафрат:

– Агар бори дигар ба чашмам афтӣ, ба номи Аллоҳ қасам, мекушамат, – гуфту ҷониби буфет равон шуд.

Табъи ҳама аз ин манзара хира шуд. Маро низ кайфам парида, аз ҷой хестам. Аз бинии ҷавон хун рафт. Ӯ низ баробари ман бархост ва сараш хам, бо дасти рост даҳону биниашро пӯшида, калавида-калавида ҷониби дастшӯяк, ки дар байни буттаҳои лигуструми ҳамешасабзу деворвор атрофи пивохонаро печонида менамуд, равон шуд. Вақте ба пештахта расидам, буфетдор бесаранҷом шуда, аз қафои ҷавон хитобид:

– Э очағар, пули пиворо кӣ медиҳад?!

– Дар байни ҷамоат фаровези даҳонатро нигоҳ дор, – гуфтам ба дуруштӣ, – ман ҳисобӣ мекунам, кордор нашав ба вай.

Ин лаҳза марде дар танаш костюми оҳарӣ бо виқор ба мо наздик шуда, бо ахми рӯ аз буфетдор пурсид:

– Чӣ гап?

– Имрӯз ҳам маст шуда, ғавғо бардошт, – гуфт буфетдор саросема, – зада, аз дар берун кардам. Пули пивояшро ин акаам ҳисобӣ мекунад.



https://bikhon.tj/

– Аз ман насиҳат, додар, ин корро накун, – гуфт мард, бо оҳанги омирона ба ман рӯ оварда, – ба тегинхӯрӣ одат мекунад. Одами муфтхӯрро аз хук ҳам бад мебинам.

Бо ӯ ҳамгап шуданро ба худ эб надида, зуд ҳисобӣ кардаму ошуфтаҳол аз пивохона берун шудам. Ҷавон дар он атроф наменамуд.



https://bikhon.tj/

# МЕРОС

Маросими мотам дар Сангоб аз ҳад зиёд пурсӯзу гудоз ва бо мӯканиву рӯкании занон ва ҳатто мардон мегузарад. Занҳо, хешони наздики марҳум, мӯйҳояшонро кушода, бо нолаи ҷигарсӯзу дилрешкунанда садир мезананд. Мардон ба сар тоқию ҷома дар бар карда, миёнашонро мебанданд ва дар дасташон асо бо овози баланд дарди дилашонро ба забон оварда, мегирянд. Азбаски мардуми русто якдигарро хуб мешиносанду ҳафт пушташон бо ҳам зиста, ба якдигар духтар додаву арӯс фуровардаа, ришталаи хешигариро маҳкам бастаанд, ғаму шодияшонро низ аҳлона ба ҳам мебинанд. Одатан чун пайкор ба ҷаноза хабар мекунад, як-як, ду-ду ҷониби ҳавлии азодор роҳ мегиранд. Мардҳо аз дарвоза даромадан замон овоз меандозанд ва гардани наздикони марҳумро оғӯш гирифта, ба ин тарз ҳамдардии хешро баён мекунанд. Занон дар хона ба навбат дар назди зани мотамдор нишаста, мӯя мекашанд. Вақте Муҳаррамхола (ҳамдеҳагон Муҳаррами байтгӯяк меноманд) пайдо шавад, занҳо дар рӯи ҳавлӣ, дуртар аз мардон давра гирифта, садир



https://bikhon.tj/

мезананд. Ин зани рӯзгордида ҳамеша дар сафи пеши садирзанҳо қарор гирифта, аз аввал то охир ин маросимро сарварӣ мекунад. Мардуми русто ба овози ӯ чун ба оҳанги дареғу видоъ одат кардаанд, зеро ягон маъракаи сӯги ҳамдеҳагон бе гӯяндагии вай намегузарад. Муҳаррамхола саводи казоӣ надорад ва байти зиёде азёд намедонад, бино бар ин ҳангоми гӯяндагӣ кардан суруди мотам намехонад, балки аз реҳлати инсоне, ки дигар барнамегардад, овоз меандозаду як-як шахси фавтидаро сифат мекунад, корҳои некашро ба забон меорад ва ҳар гоҳе гӯянда нафас рост мекунад, занон «вой дод!» гӯён навҳа мекашанд. Ширину дилчасп аст овози Муҳаррамхола. Суханони ба назар одиро чунон бадард ва ба зарбу оҳанги дилреш баён мекунад, ки дили санг об мешаваду аз чашми кӯр ашк равон мегардад. Чунин истеъдоди хориқулода дорад ин зани одии деҳотӣ. Ҳарчанд бо як фарзанд хеле ҷавон бева монд, дигар шавҳар накард, ягона писарашро бо маоши фаррошӣ ба воя расонд. Аммо писар баъди хатми мактаби олӣ ба шарикдарси шаҳриаш издивоҷ карду дигар барнагашт ба деҳа. Чандин сол Муҳаррам-хола танҳо мезист дар ҳавлии калон. Вақте умраш ҳам ба ҷое расиду нур аз чашмону қувват аз дасту пойҳояш оҳиста-оҳиста рафтанд, писар бо исрори хешу табор духтари кенҷаашро чун дастёр ба деҳа овард. Он вақт дах сол дошт Парисимо. Инак қадрас шудааст, ба қарибӣ мактабро тамом мекунад ва аз гирумону ҳавои даҳанаш бибӣ ба алам рамуз мегирад, ки вай низ ҳавои ба шаҳр рафтан дорад дар сар. Баъзан аламаш мекунад, дилаш ба дард меояд, ки баъди сари ӯ яқин чароғи хонааш хомӯш мешавад... Дар ин лаҳзаҳо зери лаб суруди ҳузнангези дилашро замзама мекунад. Аслан дар маъракаҳо гӯяндагӣ кардани ӯ аз



https://bikhon.tj/

ҷавонӣ одат шудааст. Пас аз фавти шавҳараш, вақте аз душвории рӯзгору танҳоӣ қалбаш заъф мекард, дар гӯшаи танҳоӣ худ ба худ дардҳои дилашро замзама менамуд ва ин ба як одат табдил ёфт.

Азбаски мисли панҷ ангушт одамон низ дар хӯю хислат ва хулқу атвор якранг нестанду қадру манзалаташон дар ҷомеа гуногун аст, баъзан кас дар таърифи нафароне, ки дар зиндагӣ кори кироие накардаанду нақши муайяне нагузоштаанд, дармемонад, намедонад чӣ гуна ӯро тавсиф кунад. Аммо Муҳаррамхола метавонист як нафари одии солҳои сол дар байни мардум назарногирона зиста, барои ҷомеа ва одамон ягон кори хотирмоне анҷомнадодаро низ бо суханҳои дилрешкунанда васф намояд.

Чанд сол пеш дар мотами Ҳасан ном марде, ки аз нисф зиёди умраш дар маҳбас гузашт, Муҳаррамхола бори дигар бо борикбиниаш ҳамагонро қойил кард. Гап сари он ки Ҳасан баъд аз шонздаҳ соли маҳбусӣ ҳамагӣ даҳ рӯз дар озодӣ тоқат карду шаби ёздаҳум ягона гӯсфанди парвоии Муҳаррамхоларо дуздида, ӯро субҳ дар назди меҳмонони ягона писараш сархам кард. Рӯзи дигар кормандони милиса Ҳасанро ҳангоми ба қассоб супоридани гӯшт дастгир карданду ӯ боз маҳбус шуд. Дар сӯги ҳамин одами дастқалбу авбош ҳатто модараш ба ҷуз «Во балам, куҷо рафтӣ!» ягон сухани пурсӯз наёфт, аммо Муҳаррамхола чунон ба сӯзу гудоз гӯяндагӣ кард, ки аҳли деҳа ангушти ҳайрат газиданд. Вай Ҳасанро сифат накард, бал бештар аз азоби маҳбас, дар орзуи рӯзи равшану ҳаваси озодӣ ранҷ кашидани маҳбусон бинолид. Аз дарди фироқ сӯхтанашону дар орзуи нафаси тоза мурданашон қисса кард ва батадриҷ аз неъмати воло будани озодӣ ва қимати умру ғаниматии ҳар дам сухан кард...



https://bikhon.tj/

Хулоса, ҳунари ғўяндагии Муҳаррамхола ба ҳама писанд буду танҳо ба писараш ва хусусан набераш Парисимо хуш намеомад. Аз ин амали писару набера дили кампир реш мешуд, ба дард меомад, зеро ният дошт, ки ин ҳунарашро ба набера мерос гузорад.

– Овози форам дорӣ, мехоҳам баъди сарам ҳамин ҳунари маро давом диҳӣ, – гуфт ба оҳанги насиҳат бибӣ.

– Не, – зуд сухани бибиро бурид Парисимо, – аз сарам тангаю тилло резанд ҳам, ин корро ба гардан намегирам. Магар мардумро гирёндан ҳунар аст?

– Гирёндан шарт нест, муҳим қадри инсон, бачем. Охир, одам решаи дарахт нест, ки ғўр кунию вақти даркориат боз кушоӣ, Одам, ки рафт меравад, дигар наёбиаш, гуфтаанд. Магар рўзи дафни фарзанди одам ду даҳан сухани хуш гуфтан душвор аст? Ман ҳайронам… соҳибони мурда дар маъракаҳои ҳафту чилу сол ҳазорҳо сўм сарф карда, дастархон меороянд, ки ба ҷуз май дигар ҳама анвоъи таом мавҷуд аст. Маъракаи мотамро аз тўй фарқ карда намешавад солҳои охир. Аммо дар ҳаққи шахси наздикашон чорто сухани бамаънӣ гуфта, намегирянд. Инсонро ҳам хурсандияш ва ҳам маргу мотамаш бояд бамаънӣ бошад, зебо бошад. Аммо имрўз одамон обрўи мурдаро дар оростани дастархон мебинанд. Дигар мурда низ фаромўш мешаваду мусобиқа оғоз меёбад: дастархони кӣ хушрўтару неъматаш зиёд? Тавба! Одамон низ дулунҷаю дудаста мелесанд дастархонро. Барои ҳамин ҳам маъракаи шахси доро серодаму дар сўги мардуми нодор ба гардани баста мераванд одамон. Вақте чунин манзараро мебинам, мақоли «Мурдаро монда тутхўрӣ» пеши назарам меояду дилам хун мешавад. Наход дар хонае, ки соҳибонаш хун мегирянд, ғизо хўранд.



https://bikhon.tj/

– Чӣ, дар ғами мурда аз гуруснагӣ муранд? – эътироз кард Парисимо.

– Дар ду-се соат аз гуруснагӣ ҳеҷ кас намурдааст то ҳол.

– Соҳибони хона мегузоранд, мардум мехӯранд. Ҳеҷ кас талбида, намехӯрад-ку.

– Мегӯянд, ки дар оғоз баъди майитро ба хок супоридан маърака намеоростанд. Аммо рӯзе нафаре мефавтаду тобутбардоре пайдо намешавад. Бино бар ин марди рӯзгордидае ба соҳиби мурда маслиҳат медиҳад, ки дастархон ороста, мардумро ба маърака даъват кунад. Аввал хоксорона буд дастархон ва ҳар шуҳратхоҳу бебасаре ба он чизе зам карду оқибат ба ин аҳвол расидем.

Ин насиҳатҳои бибиро инак бори чандум гӯш мекарду сабақ намегирифт набера ва эътирозаш баландтар мегашт.

– Заб коре будаст… Дигар кор надорам, ки дар мурдаи каси бегона шинаму диламро об карда, гиря кунам. Ҳар кас дарди худашро гӯяду гиря кардан гирад.

– Нодуруст гапат! – гуфт маломатомез бибӣ. – Ғам низ мисли хурсандӣ худию бегона намешавад. Соҳиби тӯйро худию бегона намегӯед-ку, либосҳои хушрӯйро ба бар карда, худатонро орою торо дода, дар ҳавлии тӯйдор ҳозир мешавед. Ягон ҷойи бадӣ надорад дар хурсандии касе шарик шудан, албатта, аммо инсон маҳз дар рӯзи мотам ба дастгирӣ муҳтоҷ аст, дилаш мехоҳад, ки шиносу ношинос дар он соатҳои мудҳиш дар бараш бошад, таслияташ диҳад. Табиати инсон чунин аст. Ҳарчанд медонад, ки шахси фавтидаро дигар ба ягон гиряву нола баргардонида намешавад, боз дилаш кашол аст, ки шояд... Эҳ, бачем, агар ба гиря кардан одам зинда мешуд, имрӯз нисфи мардуми олам ба хотири азизони аз даст додаашон шабу рӯз мегиристанд.



https://bikhon.tj/

– Ҳамин гапро донанд, чӣ даркор гиря кардан? Аз ҳар дақиқаи зиндагӣ хурсандӣ бояд кард.

– Ҳар кас иззат дорад, ҳамонро ба ҷо овардан аз қадим урф аст ба номаш фарзанди одам.

– Ман ба урфи мардум чӣ кор дорам, – даст афшонд набера.

– Ту, набераи ба ҷон баробарам, истода, ман ин ҳунарамро ба ягон каси дигар мерос гузорам, айб аст, мардум механданд.

Ҳарду хомӯш монданд. Набера дигар хоҳиши шунидани ин гапҳои ба қавли ӯ дақёнусии бибиашро надошт. Ӯро, ки волидайнаш бидуни хоҳишаш, аз хурдӣ ба тарбияи бибиаш дода буданд, аламаш зиёд буд. Ҳар сол ҳангоми таътили тобистона ҳамроҳи бибӣ ба шаҳр меҳмонӣ мерафт, шароити зиндагии хоҳарону ҷазобати шаҳрро дида, дилаш доғ мешуд, аламаш дучанд мегашт. Падару модар, албатта, ин дарди фарзанди кенҷаашонро эҳсос мекарданд ва аз ин рӯ барояш туҳфаҳои зиёд мехариданд ва духтар ҳар дафъа бо дили кашол ба деҳа бармегашт.

Дигар ӯ буду бибияш ва се дар хонаи гилин, ки бино бар андоваи зиёд бомаш як ман хоку гили коҳдор дошт. Замистону баҳор аз бориши зиёд мечакид бом ва азбаски бибӣ ҳар сол намак пошида, бомкӯбак мекард, ҳангоми чакидан вассаҳо шӯра мебастанд. Овони хурдиаш набера шабҳои дарози зимистон ҳангоми васса шумурдан дар онҳо шакли ҳар гуна парандаю чарандаҳоро дида, дар тааҷҷуб мемонд. Оғози баҳор дар рӯи бом саросар лолахасак меруид ва набера шоду бод онҳоро чида, гулдаста мебаст. Бибӣ низ фасли баҳорро дӯст медошт ва мавҷи лолахасакҳои арғувониро дар рӯи бом дида, рӯҳаш



https://bikhon.tj/

меболид ва аз шавқи дил беихтиёр каф мекӯфт. Аммо аз онҳо гулдаста бастани набера ӯро хуш намеомад.

– Мон, ду се-рӯз аз накҳати баҳор нафас бикашанд, – маломат мекард ӯ набераашро. – Онҳо ҳам ба умед мешукуфанд, ту бошӣ дар як лаҳза бечораҳоро ҷавонмарг мекунӣ.

– Дар мотамашон гӯяндагӣ мекунед, – мегуфт набера ба оҳанги шӯхӣ.

– Чаро не? – заррае ваҷоҳаташро тағйир надода, посух медод бибӣ. – Дар ин дурӯза дунё мисли дили инсон ҳар чизе аз тапишу афзоиш бозмонад, мӯҷиби гиря кардан аст. Лекин, бачем, гиря аз гиря фарқ дорад. Гиряи бемаънии баъзе одамонро дида дили кас беҳузур мешавад: мисли девона худро ба дару девор зада, ҳӯррасзанон лаҷоми овози гӯшхарошашонро сар медиҳанд, аз барвақт рафтани шахси наздикашон ҳатто Худоро гунаҳкор мекунанд. Тавба! Тавба! Ин гуна гиря на ба Парвардигор хуш меояду на ба бандагонаш. Баръакс рӯҳи майитро ноором мекунаду роҳи охираташро пуразоб.

– Мисли шумо бояд бо мақомаш гиря кард, – луқма партофт набера ва баъд маслиҳатомез илова намуд. – Аслан, бибиҷон, шумо бояд сароянда мешудед. Овозро ҳайф кардед дар байни ин чор санг. Агар сароянда мешудед, мо фахр мекардем, ки ана ҳамин ҳофизи номдор бибии мост.

– Ба кадом ақлат ҳамин гапҳоро мегӯӣ? – бо таассуф сар ҷунбонд бибӣ. – Ҳавоӣ гап назан, ман куҷову сарояндагӣ.

– Баъд аз пайи шумо ман низ сароянда мешудам… Ҳозир аз ҳама одами пулдор сарояндаҳо. Дар ду-се соат пули ҳангуфт меёбанд.



https://bikhon.tj/

– Чанд бор гуфтам, ҳаргиз ба моли дунё дил набанд, ки бақо надорад. Некӣ бикуну дил ба даст ор, ки аз ҳазорон тангаву тилло авлотар аст. Мол амонат, имрӯз ҳаст, пагоҳ ба бод меравад. Аммо некӣ ҷовидон мемонад, ҳам дар ин дунё ва фардо рӯзи қиёмат низ соҳибашро дастгир мешавад.

– Ба ман ҳамон ҳалқаи тиллою дастпона ва гарданбанди қадимиатон, ки дар сандуқ пинҳон кардаед, мерос монад, кифоя. Ҳозир ҳамин гуна ороишот мӯд аст...

Муҳаррамхола пас аз ду рӯз субҳидами зебои баҳорон, ки олам пур аз чаҳ-чаҳи мурғони хушхону накҳати гулу гиёҳ буду сим-сим борон меборид, аз дунё гузашт. Чанд дақиқа қабл аз чашм пӯшидан вай набераашро бедор карда, бо мулоиматӣ фаҳмонд, ки ба сафари охират меравад.

– Натарс, бачем, ин рӯз ба сари ҳама меояд, – хандаи базеб дар гирди лабон нигоҳи пур аз меҳру шафқат дӯхт ба набера Муҳаррамхола ва дар ҷогаҳаш дароз кашида, ҳарду дасташро ба қадаш рост гузошт. – Аввал нарангушти ҳарду поямро ба ҳам бубанд.

– Не, – ба тарсу ҳарос худро қафо кашид набера. – Натарсонед, бибиҷон.

– Гуфтам-ку, фақат натарс, вақте чашмонамро пӯшида, нафас сар додам, манаҳамро низ банду ба айвон баромада, овоз андоз, ҳамсояҳо хабар шаванд. Фаҳмидӣ?

Духтар аз ин гапҳои бибӣ гаранг шуда, намедонист чӣ бигӯяд.

– Рӯзи дафнам як даҳан гӯяндагӣ кун. Гӯй, ки бибиҷони як умр дар раҳи писари ягона чашмбароҳам, бибиҷони гӯяндаву кайвониам...



https://bikhon.tj/

Духтар аз тарс берун давид ва дар айвони хона чунон чиррас зад, ки дар як он ҳамсояҳои наздик давида омаданд ва дере нагузашта, ҳавлии Муҳаррамхола аз одам пур шуд. То аз шаҳр расида омадани писару келинаш кайвонии деҳа сандуқи чӯбини бибиро дар ҳузури набера ва чанд зани дигар кушод. Дар дохили он ба ҷуз чанд метр кафанворӣ дигар чизе набуд. Вақте кафанворирo кушоданд, чашми ҳамагон ба дафтаре афтод. Муҳаррамхола бо хатҳои каҷу килеб қиссаи умри рафтаву дардҳои дилашро рӯйи саҳифаҳои он реҳта буд. Ин охирин гӯяндагии ӯ буд… дар мотами худ.



https://bikhon.tj/

# МИЁНАРАВ

Шом аз дур гоҳ-гоҳ садои тирпаронӣ меомад. Баъд он тадричан ба домани русто кӯчид ва нимашабӣ ба сари деҳа чунон борони тир борид, ки гӯё қиёмат қоим шуда бошад. Тирҳои рахшанда дили торикиро дарида, гоҳ дар фарозу нишеби тал туъмаи хок мегардиданд, гоҳ ба боми тунукагию шифрпӯши иморатҳо бармехӯрданд ва ё чун боди дайдуву балои ногаҳонӣ ба дару тирезаи мардуми бегуноҳ раҳ ёфта, ришгаи умри нафареро бармеканданд. Тарафҳои муқобили ҳам сангаргирифтаро оташи кинаю ғазабашон бештар аланга мезад магар, ки аз тирпаронӣ ҳеҷ тафси дилашон паст намешуд.

Ҳанӯз чашми рӯз накафида, тирандозӣ пасанда шуд. Ҳарчанд садои канда-кандаи он меомад, мардум андаке орамиданд. Аммо тарс на танҳо вуҷуди одамон, балки дигар ҷонзоти русторо тарк накарда буд. Субҳ бе ҷеғи хурӯсон, ки қаблан ҳар рӯз баҳсмабас ҷеғ зада, гӯши аҳли русторо ба қомат меоварданд, дамид. Шояд ин ҷонвароні бедорхобу саҳархез ҳанӯз аз гирудори шабонаи фарзанди инсон ба худ наомада буданд ва ё бӯи хуни одамӣ гарангашон карда буд, ки фарорасии субҳи содиқро



https://bikhon.tj/

пайхас накарданд. Деҳа аз хоби даҳшатнок оҳиста-оҳиста бедор мешуд. Аз баъзе ҳавлиҳо пасту баланд аккоси сагу ҳангоси хар ва баоси гӯсолаю говҳо меомад. Аммо дар кӯчаю пайроҳаҳои деҳа ҷонзоте наменамуд.

Нахуст Шодмон Кенҷа – пизишки бемористони касалиҳои рӯҳӣ аз ҳавлиаш берун шуда, ҷониби беморхона, ки дар канори чапи русто, дар домани тали баланд ва лаби дарёчаи тезоб воқеъ буд, равон шуд. Ӯро шаб то саҳар хобаш набурд ва алҳол дилаш хиҷил буд, ки мабодо силоҳбадастон ба беморони бе ин ҳам дилшикастаю рӯҳафтода зарараре расонда бошанд. Вақте ки ӯ роҳи мошингардро убур карда, дусад-сесад қадам монд, дар хамгашт силоҳбадасте аз камин бархоста, пеши роҳашро гирифт. Ношинос буд вай ба пизишк.

– Кучо? – бо беэътиноӣ пурсид силоҳбадаст.

– Ба беморхона.

– Ҳозир магар вақти беморхонаравист… ё аз ҷонат сер шудӣ?

– Ман духтурам, бояд беморҳоро хабар бигирам.

– Кадом беморон… девонаҳоро? – баланд хандид силоҳбадаст, ба ҷониби касалхона ишоракунон.

– Девона магар одам нест? – аз ғояти қаҳр ларзид овози пизишк.

– Э мардак, ҳозир одами соқ мисли хаси раҳ қадр надораду ту ғами девонаҳоро мехӯрӣ! – гуфт ба қаҳр силоҳбадаст. – Ба хонаат баргарду ҷойи гарматро сард накун. Магар овози тирро намешунавӣ.

Аз ин муомилаи дағали марди ношинос асабҳои Шодмон Кенҷа, ки дар умраш касе ба ин дурушт ба ӯ сухан нагуфта буд, кашида шуданд ва ноаён дасту пояш ба



https://bikhon.tj/

ларзиш омаданд. Бо вуҷуди ин ӯ худро ба даст гирифта, пурсид:

– Ту писари кистӣ? Бори аввал мебинамат дар деҳа.

– Аввалу охирин бор мебинӣ, – гуфт силоҳбадаст бепарвоёна.

– Хайрият, ки бори охир мебинам. Безор шудем аз ҷангу ҷидол. Кай тамом мешуда бошад ин девонагиҳо.

– Ту гумон мекунӣ, ки ба мо мефорад ҷанг. Айби душман, ки дар деҳаи шумо паноҳ ҷуст.

– Кадом душман?! – фиғон кашид духтур. – О вай немис нест-ку, тоҷики худат! Чӣ тавр ба душман гуфтан забонат мегардад?

– Агар душман набошанд, магар ба қасди ҷони мо меафтанд? Душман шоҳу дум надорад, то ҳол ба ту, ки зарарашон нарасидааст, чунин мегӯӣ. Аммо ман ба ду чашми сарам дидам душмании онҳоро. Агар дучор оянд, мижаашон хам нахӯрда, аз чашми кас мепаронанд. Дирӯз гӯши як нафар аз бачаҳои моро буриданд. Ҳа, чӣ ҳайрон нигоҳ мекунӣ, боварат намеояд, а! Лекин он чизе, ки шунидӣ, ҳақиқат аст. Дурӯғ намегӯям. Ман низ ту барин маълумоти олӣ дорам, то дирӯз дар синфхонаи гарму озода ба талабагон аз адабиёт дарс мегуфтам. Аммо зиндагӣ, чӣ хеле мебинӣ, ба дастам автомат дод, ки ба дифои аҳли байтам, хонаю дарам бархезам. Ҳо, духтур, осон нест кори дунё, ҳам нӯш дорад он, ҳам неш.

Гӯшаш ба суханҳои силоҳбадаст Шодмон Кенҷа ҳамзамон меандешид, ки воқиан ҳам душвор аст хулқу хислати фарзанди одамизодро фаҳмидан. Хусусан вақте ки дар вуҷудаш деви кинаю адоват ба ҳаракат меояд, чашмони инсон кӯру гӯшҳояш кар мешаванд. Худо накунаду ба болои ин бало деви ҳарисию дунёпарастӣ,



https://bikhon.tj/

шаҳвату айёшӣ рӯ занад, ҳар макон ба девлоху мардумаш ба девону дадон бадал мегардад ва дар ин ҷаҳаннам рӯзи одами ба роҳаш росту ба ҳаққи худаш розӣ сиёҳ мешавад. Мисли зоғи сафед менамояд чунин одам дар чашми тоифаи носерам. Мегӯянд, ки хоки лаҳад чашми одами ҳарисро сер мекунад. Не, сад ҳазор бор не, чашми инсон дар ду дунё ҳам сер намешавад! Носерам аст инсони бадбахт ва ҳама бадбахтиҳояш аз лаҷом зада натавонистани нафси бадаш аст. Вагарна ин қадар ҷангу хунрезӣ ба хотири чист?!

– Ғазаб бад чизест, додар, – гуфт Шодмон Кенҷа, то метавонист, ба нармӣ, – чашмҳоро кӯру ақлро бегона мекунад бар одам ва ба роҳи баду бадкорӣ мебарад. Аз рӯи ғазаб адолат ҷустан камоли беақлист.

– Барои ту беақл ҳам шудем. Раҳмат.

– Ман дар гӯям, ту девор мешунавӣ… Ихтиёратон, – гуфт ба ҳасрат пизишк. Овози ӯ ҳасрати касеро мемонд, ки барои халосгарӣ байни ду нафар пархошҷӯ даромада, дар ниҳояти кор зӯраш нарасида, ба маънои «кушед якдигаратона» даст афшонда, худро канор мегирад. – Лекин рӯзе ҳатман пушаймон мешавед, аммо баъд суд надорад. Тире, ки имрӯз сӯйи якдигар мепаронед, дар ду ҷаҳон баргардонида наметавонед.

Ба ҳамин оҳанг ҳасраткунон аз силоҳбадаст дур шудан гирифт вай.

– Лекин эҳтиёт шав, ака, – гуфт силоҳбадаст аз қафо, – баъд нагӯй, ки хабардорат накардам.

Шодмон Кенҷа дигар ба гапҳои ӯ аҳамият надода, аз пайраҳаи танг, ки таг-таги девори ҳаёти осиёбони деҳа тӯл мекашид, ба роҳ афтод. Субҳ дамида бошад ҳам, вай базӯр пеши пояшро медид. Ҳарчанд чандин сол ин ҷониб ҳар



https://bikhon.tj/

рӯз ду-се раҳ аз ин пайроҳа гузашта, ҷониби беморхона рафта меомад ва ҳар сангу гулу хори онро аз ёд медонист, алҳол роҳ гаштан барояш душвор гашта, роҳи дукилометра барояш тӯлонию душворгузар менамуд. Вай бист сол қабл бо роҳхати Донишгоҳи тиббӣ барои кор ба ин русто омад. Ҳама, – ҳатто худаш низ, – бовар надоштанд, ки ин ҷавони зардинаи лоғарандоми нозуктабиат муҳлати шартии дусоларо дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ тоқат мекунад. Аммо вай ба ин беморхонаю мардуми ин макон одат кард, меҳр баст ва дӯст дошт онҳоро. Албатта, солҳои аввал барои ӯ, бачаи шаҳрӣ, душвор буд ба шароити русто одат кардан. Аммо ӯ на танҳо худ одат кард, балки пас аз оиладор шудан ҳамсарашро низ ба ин ҷо овард ва чор нафар фарзандаш дар ин русто ба дунё омада, ба воя расиданду инак худ соҳиби зану фарзанданд.

Шодмон Кенҷа ба ёди он даврони тинҷу ором ва серу пур дилаш гум зада, ба силоҳбадастон, ки як сол боз гоҳ аз ин деҳаю гоҳ аз он қария хоби мардумро ҳаром мекарданд, лаънат мехонд. Вақте ки девори осиёбон хотима ёфт, ӯ ҷӯйбори алҳол беобро ҷаҳида гузашту ногоҳ чашмаш ба ду сиёҳии дохили он афтид. Ду ҷасад оғуштаи гилу хун ба пушт мехобиданд. Чашмонашон кушода, гӯё ба ҳайрат ба як-як ситораҳои осмон, ки то ҳол ғоиб нашуда буданд, менигаристанд. Кӣ медонад, шояд ба Парвардигори хеш, ки инсон вуҷуди ӯро ҳамеша дар боло медонад, мепурсиданд: чаро паймонаи моро пур кардию қотилони мо зиндаанд? Ку адолат, ку инсофу ҳақиқат?!

Шодон Кенҷаро аз ин манзара табъаш хира гашта, лаб-лаби ҷӯй рӯ ба самти шимол мерафт, ки ногаҳон садои тир баромад. Вай беихтиёр худро даруни ҷӯйбор ҳаво дода, бо



https://bikhon.tj/

кафи дастон сарашро дошт. «Пайхас карданд. Шояд аз сари тал деҳаро назора доранд. Кӣ бошанд онҳо? – меандешид ӯ. – Ҳозир ҳар оқибатдар ба худ шайка ҷамъ оварда, дар ғами талаю тороҷи мардум афтодааст. Саг соҳибашро намеёбад. Ҳама аз номи халқ гап мезананд, ҳама хайрхоҳи халқ, аммо халқи бечора дар азоб, мисли элак аз ҳар тараф шаттааш мезананд». Дар сар чунин андешаҳо ӯ аз ҷой нимхез шуда, гоҳ гаваккашону гоҳ ғаж-ғажон ва баъзан чорпоя давида, ҷониби беморхона мерафт.

Беморхона дар домани тал андаруни боғи сарсабз бино ёфта буд. Ҷӯе, ки алҳол духтур даруни он буд, аз ҳамон боғ гузашта, дар поёни деҳа боз ба дарё мерехт. Дар пастӣ ҳамворие ба идораи ҷамоат мепайваст. Аз боми беморхона русто чун дар кафи даст менамуд. Шодмон Кенҷа дарун-даруни ҷӯй худро ба боғи беморхона расонида, нафаси рост кашиду баъд оҳиста аз девор гузашта, дохили посбонхона шуд. Посбон Истад-амак аз дидори сардухтур шод шуд, аммо ёрои гап задан надошт ва оҳиста ҷониби пастие, ки аз ин ҷо хуб менамуд, ишора кард. Аз манзараи дидааш ҳаёти умри Шодмон Кенҷа хушкид. Қатлгоҳро мемонд он пастии начандон калон.

– Тухми одамиро хушк карданд, ба хаёлам, – ба забон омад посбон. – Ин қадар бераҳм будани фарзанди инсонро бори аввал ба чашми худам дидам. Аввал чанд нафар тапар-тупуркунон баландиро нишеб шуданд. Баъд мисли мӯру малах гурӯҳи калоне ба сари деҳа рехтанд ва аз ду тараф тирпаронӣ оғоз шуд.

– Киянд инҳо?

– Аз куҷо донам. Магар ҳозир дӯстро аз душман, дуздро аз раҳгузар фарқ карда мешавад? Ҳар касу нокас обро лой



https://bikhon.tj/

карда, моҳӣ доштан мехоҳад. Даҳани шӯрапуштон аз молу маноли муфт ширин шуд, ки оқибаташро бахайр гардонад.

– Беморон дар куҷоянд?

– Бечораҳо аввал аз садои мусалсали автомат ба ҳаяҷон омада, шодӣ мекарданд, мезавқиданду ба ҳар тараф медавиданд, аммо баъд тарсиданду аз садои баланд гӯшашон қуфл зад магар, бо ду даст сарашонро дошта, мисли шутурмурғ дар биёбон намедонистанд сари сахташонро дар куҷо пинҳон кунанд. Баъзеашон баробари баланд шудани садои тиру тӯп аз як кунҷи палата ба кунҷи дигараш мехазиданду гиря мекарданд. Хулоса, як рӯзи сиёҳ.

– Хабар гирифтан даркор, – гуфт Шодмон Кенҷа аз ҷой хеста ва онҳо ҷониби беморхона рафтанд...

Офтоб як қади найза боло шуд.

То ҳол касе ёрои ба кӯча баромадан намекард. Зеро дусе нафари субҳи содиқ аз ҳавлиашон беруншуда аллакай туъмаи тир гаштанд. Бино бар ин чашми мардум тарс хӯрда, ҳатто аз тирезаҳояшон сар намекашиданд. Ҳаво торафт метафсид, дар ҳамворӣ ҷасади зиёде мехобид. Нохост садои мусалсали тир сукути атрофро рахна кард. Сардухтур ҳамроҳи посбон ба посбонхона баргаштанд. Аз ин ҷо манзараи деҳа баръало ба чашм мерасид. Ин даъфа ҷирани усто Камол ҳадафи тир гашта буд. Ҷонвар дар замин печутоб мехӯрд, дасту пой мезад, ҷон меканд. Аз зери сумаш чанги ғализе ба ҳаво мехест.

– Соҳибаш дар куҷо бошад? – гуфт посбон бо оҳанги хавотир, – Ҷулу ҷағозаш ҳам нест.



https://bikhon.tj/

– Шояд аз овози тир ҳаросон бандро канда, аз ҳавлӣ баромада бошад, – ӯро хотирҷамъ кардан хост духтур. – Усто дирӯз ба Душанбе рафта буд.

– Бечора ҷонвар чӣ гуноҳ дошт, – оҳанги афсӯс кард посбон, – усто фаҳмад, дуд аз димоғаш мебарояд. Мисли фарзанд дӯст медошт аспашро.

Тафси ҳаво торафт меафзуд. Ҳамоно кӯчаҳои деҳа хилват буд, касе сиёҳӣ намекард. Ҳар ду ҷониб мисли пайт ҷустани гурба дар даҳани мушхона раг назада, пайт меҷустанд. Шодмон Кенҷа аз ғун доштану дафн кардани ҷасади кушташудагон дар ҳамворӣ ва каҷию килебӣ меандешид. «Агар рӯзи дароз дар ин гармӣ бихобанд, яқин бӯ мегиранд, – меғурунгид ӯ худ ба худ, – ягон илоҷ ёфта, ба хок супоридан даркор…»

Оқибат ӯ дигар чора наёфт ба ҷуз худ ба майдон баромадан. Ҳарчанд посбон мехост ӯро аз ин амали хатарзо боздорад, гӯш накард ва хилъату кулоҳи сафед дар тану сар аз дарвоза берун шуд.

– Наравед, баргардед! – менолид аз қафо посбон. – Бало ба пасашон, ҷонатонро дар хатар наандозед, онҳо одамгарӣ надоранд, чашмашонро хун гирифтаст...

Аммо барнагашт Шодмон Кенҷа аз раҳаш. Сараш хам оҳиста-оҳиста нишебиро поён шуд. Ин лаҳза оромии вазнине соя андохт дар фазои деҳа. Гӯё ҳама ҷонзот, ҳатто боғу роғ ва гулу гиёҳ дар интизори пешомади баде ҳаросон дам ба дарун зада буданд. Бештар аз посбон беморон безобита шуда, аз табиби худ чашм намеканданд. Охир, дар ин замонаи бераҳм ӯ ягона касе буд, ки на танҳо решаи дард, балки хулқу хислати ҳар яки онҳоро нағз медонист, бо як ишора муддаояшонро мефаҳмиду



https://bikhon.tj/

ҳамроҳашон дари суҳбат мекушод. Дигар одами ҳамдаму дилсӯз надоштанд онҳо.

Офтоб ба қиём омада буд ва Шодмон Кенҷа гармии онро дар ҷисму ҷонаш ҳис мекард. Пушташро ба сӯзиш меовард анвори хуршеди тобон. Вай ба нияти ба ифоқа овардани силоҳбадастон ва ҷамъу гирд овардану ба хок супоридани ҷасади ҳалокшудагон гом мебардошт ва дар сар суханҳои мегуфтаашро ба мардуми сангаргирифта ба гардиш меовард. Вақте қадам ба миёнаҷойи ҳамворӣ гузошт, ногоҳ садои тир дили хомӯширо бишикаст. Шодмон Кенҷа бо ду даст сари синаашро дошта, каме калавид ва баъд якбора парӯ афтид. Ҳарчанд посбон дар он лаҳзаҳои маргбор ин ҳодисаро метавонист чашмдор бошад, аммо инак, ки ба вуқӯъ пайваст, бо тамоми вуҷудаш даҳшати онро ҳис карда, карахт шуд, дигар ёрои даҳон кушодан надошт. Беморон, баръакс, аз дидани ин манзараи мудҳиш фиғон бардошта, рӯи ҳавлӣ давиданд. Ногоҳ Дарвеш, бемори ғалчаи мулаққаб ба Наполеон, як наъраи шерона кашида ҷониби палатаи худ рафт ва дере нагузашта, дар як даст қамчин ва дар дасти дигараш як чӯби дугазаи аз истифодаи зиёд сайқалхӯрда берун омад. Беморон баробари дидани ӯ ба ҷунбиш омаданд. Дарвеш инак дар тан пиҷаки аскарии рангаш сабзтоб дошт. Вай ба чӯби дасташ «савор» шуд ва онро асб пиндошта, аввал дасти қамчиндорашро боло бардошта, ба чӯб фуровард «асбашро маҳмеззанон» ҷониби дарвоза рафт. Дигарон ӯро пайравӣ карданд.

Посбон хост пеши роҳи онҳоро бигирад, аммо гӯш накарданд ӯро. Яке хаёлан чанбари фармони мошинро бо дастон дошта, бо тамоми овоз муҳаррики онро тақлид мекарду сигнал медод, дигаре дар даст автомати чӯбӣ ба



https://bikhon.tj/

росту чап тир «меандохт», сеюмӣ «шамшер»-и дасташро дар ҳаво алвонҷ медод... Ҳамин тариқ онҳо бо шӯру валвала аз ҳавлии беморхона берун шуданд. Пирамарди ланге низ, аз дигарон қафо намонда, «ура!» гӯён овоз меандохту лангон-лангон баландиро нишеб шуд. Вақте ки ба ҳамворӣ расиданд, аввал ба сари ҷасади Шодмон Кенҷа хам шуданд. Дарвеш сари ӯро аз замин бардошту сари зонувонаш гузошт, баъд ҷасад рӯи дастон оҳиста аз ҷой баланд шуд ва чун Рустам дар мотами Суҳроб бо оҳу дод наъра кашид ва рӯй ҷониби беморхона овард. Дигар беморон низ ба ӯ пайравӣ карда, ҷасадҳои дар ҳар ҷо хобидаро оғӯшкунон аз замин бардошта, мебӯсиданду мегиристанд. Пирамарди ланг низ ҷасади ҷавони наҳифҷуссаеро аз як дасташ дошта, кашолакунон ба роҳ даромад.

Аммо мурдакашӣ дер давом накард. Онро садои хандаи баланде халалдор сохт. Аввал касе танҳо механдид, баъд аз ҳарду ҷониб садои ханда баланд шуд ва тадричан он ба силсилаханда бадал гашт. Ин хандазор гӯё дар ҳамворӣ мавҷ мезаду домани шӯри талҳоро бӯсида, мутанаффир аз як ҷониб ба ҷониби дигар бармехӯрд… Беморон ҳайрон дар нимароҳ монда, намедонистанд чӣ кор кунанд. Шояд онҳо низ ин лаҳза садои хандаро чашмдор набуданд. Дарвеш ба атроф бо ангушти ишоратиаш таҳдид карду роҳашро идома дод ва корвон аз нав раҳсипар гашт. Посбони беморхона чашм аз ин қатлгоҳу гӯш аз хандаи гӯшхарош наканда, ҳамоно дар назди тирезаи посбонхона карахту тарсхӯрда менишаст. Садои ханда торафт ғашашро меовард, гӯшаш мисли занбӯрхона буд. Ӯ чанде дар ҳамин ҳолат нишаст ва баъд мушт ба сар заду аз умқи



https://bikhon.tj/

дил нолаи ҷигарсӯз бароварда, фиғон кашид: Барои дар ин қатлгоҳ зинда мондан девона бояд буд, девона бояд буд!



https://bikhon.tj/

# НАБЕРАИ КУЛАК[1]

Ҷавон аз балкони тангбари меҳмонхона ба паҳнои мисли хонаи мӯрчагон серравуои саристгоҳи автобусҳои шаҳр менигарист. Аз ошёнаи сеюм истгоҳи серодам бараъло ба чашм мерасид: автобусҳо – сурху сафеду зард – ва таксиҳо меомаданду мерафтанд. Одамон низ ҳамчунин. Дар канори саристгоҳ бинои хуштарҳи пешаш оинабандӣ қомат афрохта буд. Дар дами даромадгоҳи он ғурфаҳое барои чиптафурӯшӣ ва дар самти офтоббаро шипанги дарозе барои саворшавии мусофирон ба автобус мавҷуд буд. Алҳол чанд автобус бо дарҳои кушода мунтазири мусофир меистоданд. Дар тарафи рост бозорчае ба чашм мерасид. Аз гирумони савдогаронаш аён буд, ки он фурӯшгоҳест номуташаккил, зеро на ягон тартиб дошту на низом. Чанд нафар ҳар ҷо-ҳарҷо пеши худ ҳар гуна майда-чуйдаи рӯзгорро гузошта, интизори харидор буданд. Аксаран одамон банди ташвишҳои хеш серосема аз назди

[1] Нафаре, ки мењнати дигаронро истисмор мекунад



https://bikhon.tj/

онҳо гузашта мерафтанд. Дуртар аз бозорча ошхонае буд, ки одамон он ҷо даробаро доштанд.

Адҳам муддати дароз аз саристгоҳ чашм набардошт. Аввал ҳама он мавҷудоти паҳнои саристгоҳ дар пеши назараш ба ҳубобчаҳо бадал гаштанду ба ҳар ранг ҷило дода, ба парвоз омаданд ва беихтиёр ба қабр монанд шуданду он майдон ба қабристон бадал гашт. Гӯристони пур аз хасу хошок ва мазорҳояш пасту баланду дар сари ҳар яке чӯбе халидаву миёнашон матоъе баста, ки аз таъсири барфу борону бод инак ранг бохта. Лаҳзае ба назараш чунин расид, ки аз ҳар қабр саре болo шуда, ба ӯ менигарад. Гуногун буданд чеҳраву нигоҳи эшон: яке ҷавон, зебою хандон, дигаре туршрӯю гирён, сеюмӣ хамидақомату рӯйҳо пурожанг, чорумӣ хаёлию гаронсар. Шамоли ногаҳон хеста дар саросари гӯристон ҳуштак мекашид, латтаҳои сари қабрҳоро мисли дирафш алвонҷ медод, матоъпораҳо пирросзанон садо мебаровардand ва аз шиддати бод тоб наоварда, медариданд. Ҳамзамон ба гӯши ҷавон овози гиряву навҳа мерасид, ки гӯё аз қаъри замин рӯ мезад ва ба назараш мурдаҳо пасту баланд ҷониби ӯ меомаданд...

Чанд муддат гирифтори ин олами руъёву бедорӣ буд ёд надошт ҷавон. Хаёлаш соатҳо чашм ба чашми мурдагону гӯш аз нолаю афғони онҳо набардошта нишаст. Ӯро садои мақдами фаррошзани дар даст латтаву асбоби чангкашак ба худ овард.

– Мумкин, писарам, – гуфт зани солхӯрдаи рус, чангкашаки дасташро ба замин гузошта.

Вақте ки Адҳам хомӯш худро андаке канор гирифт, зан бо латтаи тар панҷараи ҷилоноки пеши балконро дилу бедилон ба тоза кардан пардохт. Ҷавон чанд сония ба



https://bikhon.tj/

гирумони ӯ зеҳн монда, аз дил гузаронд, ки одатан аввал ҳуҷраро рӯбучин мекунанду сонӣ аз мизу ҷевон ва пештахтаи тиреза чангашро мегиранд, аммо кори ин зан баръакс будааст. Баъд ӯ аз киса сигор гирифта, дардод. Фаррошзан гӯё аз дуди тамоку ба худ омад, ки ба қафо нигариста, гуфт:

– Писарам, фаҳмидам, ки ту шаҳрванди Русия, қиёфаат русист, аммо ному насабат тоҷикӣ.

– Ман, модар, ба қавле дурага – модарам рус, падарам тоҷик, – нӯшханд кард Адҳам. – Падарам зодаи ин ҷо, аммо баъди сари падараш дар Русия сарсону саргардон гаштааст. Солҳои сиюм падарашро ба ҳабс мегиранду дере нагузашта бобоям дар зиндон мефавтад, аҳли оилаи ӯро ҳамроҳи модараш чун думравони душмани халқ ба Кемерово бадарға мекунанд. Ҳарчанд он солҳо хурд – шашсола будааст, захму доғи он ноҳаққиҳоро то охири умр аз қалбаш зудуда натавонист падарам. Ҳар гоҳ падару писарбачаеро якҷо бинад, аз кӯдакии дарбадараш дилаш хун шуда, оҳаш ба фалак мепечид. Баъд аз фавти модару ягона хоҳараш ва бибиаш ӯ чанд сол дар сағирахона тарбият гирифта, ҳангоми кор дар кони ангишт бо модарам шинос мешавад ва баъд ману се хоҳарам ба дунё омадем. Мо борҳо ба падарам талқин кардем, ки ба зодгоҳаш биравем, аммо ӯ ба ҳар баҳона рад мекард. Мегуфт, ки дар он ҷо аз наздиконаш касе намондааст, ба дари кӣ меравем?

Касе дар дами дар пайдо шуда, фаррошзанро садо кард ва ӯ суҳбатро насия гузошта, рафт. Адҳам ҳарисона дуд кашид ва боз рӯ ба саристтоҳи автобусҳо овард. Бино бар гуфти падараш, ин макон замоне қабристон будааст. Қабристони деҳае, ки инак баъди мурури солҳо ба як



https://bikhon.tj/

шаҳри зебою дилоро ва сабзу хуррам бадал гаштааст. Шояд имрӯзиён намедонанд, ки дар ин маҳал рӯ-рӯи мазор қадам мезананд, ба сару рӯйи инсонҳои шарифе қадам мегузоранд. Падараш аз ин қабристон вақте ёд мекард, ки қиссаи азобу ранҷи падари хешро ба сад аламу оби чашм ба фарзандону занаш нақл менамуд.

«Вақте ки падарамро ҳабс карданд, ман шашсола будам, аммо он шаби наҳсро, – падарам аз касе хабари дастгир шуданашро фаҳмида, шабона гурехт, – нағз дар хотир дорам. Модарам оби чашмаш шашқатору доду фиғонаш дар гулӯяш маҳбус гардани соябони сарашро то дер раҳо кардан намехост. Падарам ба азоб қуфли дастони ӯро кушода, мо, фарзандони гирёну ларзонашро, бӯсид ва паноҳатон ба Худо гуфту халтаи дасташро ба китфаш ҳамоил карда, аз хона баромад ва дигар барнагашт. Ӯ худаш корманди масъули ҳукумат буд, аммо бо вуҷуди ин аз теғи хунрези он солҳо амон наёфт. Баъд фаҳмидем, ки ӯро ҳамкорони худаш ба ин бало печонида будаанд. Пас аз гуреза шудан пинҳонӣ ба ин макон, ба назди холааш меояд ва муддате дар хонаи ӯ мепаноҳад. Аммо рӯзе ба нияти рӯзнома харида, аз авзои замона воқиф гаштан ба бозорчо меояд ва чанд мӯйсафеди таҳҷоӣ, ки дар чойхона рӯз кӯр мекардаанд, падарамро дида, ба ҳамдигар суол мекунанд, ки ин ҷавони болобаланди зардина кист? Бадбахтона, дар он чойхона як нафар ҳамдеҳаи мо низ нишаста будааст, ба гап ҳамроҳ шуда, мегӯяд, ки ин одам собиқ соҳибмансаб, инак гуреза аст. Чашми падари рамузфаҳмам ба нигоҳи он нафарон меафтаду зуд ба хона бармегардад ва ҳанӯз рӯзномаҳои харидаашро то охир нахонда, тақ-тақи дарвоза мешавад. Хола ба суоли милисаҳо «Фалонӣ дар ҳамин ҷост?» ҷавоби рад медиҳад,



https://bikhon.tj/

аммо падарам, ки аз кордории он замон худ огоҳ буд, дар назди дар пайдо шуда, мегӯянд: «Хола, дурӯғ гуфтан фоида надорад, кор аз кор гузашт». Он ҷаллодон падари азизамро пеш-пеш карда, мебаранд ва ба доду фиғони холаи зор бо пӯписа посух дода, ӯро аз худ дур мекунанд. Вай ҳамагӣ се рӯз ба истинтоқи ҷаллодон тоб оварда, рӯзи чорум ҷон ба ҷонофарин таслим мекунад. Назар ба гуфти холааш, маҳбусони фавтидаю парондаашонро дар домани тали канори деҳа зери хок мекардаанд ва мардум ин ҷоро қабристони аристониён, яъне маҳбусон мегуфтаанд. Баъди аз сари қудрат рафтани Сталин, шояд барои рӯпӯш кардани ҷинояташон, он тали пур аз қаброро вайрон карда, ба ҷояш автовокзал бунёд мекунанд».

«Албатта, он солҳо намуди имрӯзаашро надоштааст ва баъд аз таъмиру тармими чандкарата симояш хуштарҳу майдонаш васеъ гаштааст, – аз дил гузаронд Адҳам, – зеро падараш овони ҷавониаш ба нияти зиёрати қабри қиблагоҳаш омада, мебинад, ки қабристонро вайрон карда, дар ҷояш саристгоҳ сохтаанд. Мегуфт, ки истгоҳи хурдакак барои автобусҳо. Ана имрӯз чунин ҳашамат ёфтааст он истгоҳи хурдакак».

Фаррошзан омад ва назараш ба хокистардони нима афтида, сар ҷунбонд.

– Ин заҳри қотилро кашида, ба ҷони ҷавонатон ҷабр мекунед.

– Одат, модар, борҳо хостам тарк кунам, нашуд. Агар накашам, гӯё чизеро гум карда бошам, саргаранг мегардам, дастам ба кор намеравад.

– Хайр, кашидан ҳам ба эбаш, наход дар як он хокистардонро пур кунӣ.



https://bikhon.tj/

Фаррошзан аз куҷо медонист, ки Адҳам дар ин муддат чӣ масофаю маконҳоро тай кард, хаёлаш ба куҷоҳо рафту бо киҳо гуфтугӯ намуд ва ин хотираҳо майнаашро гиҷу дилашро озурда карданд.

– Модар, медонӣ, ки ин ҷой замоне қабристон будааст? – пурсид Адҳам.

– Эҳ, бачем, ин замин аз қабристон пур. Хайём, ки дар ҷавонӣ рубоиҳояшро зиёд азбар мекардам, дуруст гуфтааст:

Пеш аз ману ту лайлу наҳоре будааст,
Гарданда фалак низ ба коре будааст.
Зинҳор қадамба хок оҳиста ниҳӣ,
К-он мардумаки чашми нигоре будааст.

Ту аз куҷо медонӣ он қабристонро? Ёд дорам, солҳои аввали омадани мо барҷой буд он. Баъд ба замин яксон карданду саристгоҳ сохтанд.

– Бобоям хок шудааст дар ин ҷо. Аммо алҳол марқадаш куҷост, намедонам. Падарам ин дарду алами ҷигарсӯзро бо худ бурд, ман низ аз он дард мекашам. Магар бадбахтӣ аз ин зиёд мешавад, ки аз падарат ҳатто қабре боқӣ намонад, то дар иду айём биравию дуо бикунӣ. Қабристонро вайрон кардан гуноҳи азим аст барои мардуми мусулмон, мегуфт падарам.

– Барои мо насрониҳо низ, аммо муҳим рӯҳ аст, бачем, хок аҳамият надорад. Маро бубин. Овони ҷавонӣ ба ин ҷо омадам ва бо ин халқ ҳамтақдир гаштам. Синнам ба ҷое расид, медонам, ки дар ҳамин ҷо хок мешавам Ҳарчанд баъзан хумори ватан мегираду хокаш мекашад, ягона тасаллиям ин ки баъд аз марг рӯҳам бол кушода, ҷониби зодгоҳам Самара мераваду дар лаби дарёи Волга меорамад. Ҳис мекунам инро, аммо дар зиндагиам ба



https://bikhon.tj/

чашми худ намебинам он сарзаминро. Шояд ту бипурсӣ, ки ҳозир бисёр мардуми таҳҷоӣ муқими Русияанд, чӣ душворие дорад кӯч бастани ман? Охир, ман наметавонам қабри шавҳару ду духтарамро дар ин ҷо танҳо гузошта, биравам. Онҳо се пораи дили афгори мананд, ки бурданашон имкон надорад. Мефаҳмӣ решаи дарди бедавои маро?

– Дарди шумо бахайр, – гуфт Адҳам ба оҳанги тасаллӣ, – вақти дилхоҳ қабри наздиконатонро зиёрат мекунед, аммо ман чӣ кор кунам? Пеш аз марг падарам васият кард, ки ба ин макон оям ва дар ҳаққи бобоям дуое бихонам. «Ҳозир кам-кам нафаси замона нарм шудан дорад, ту давутоз кун, то аз ин бадномӣ раҳо ёбӣ. Муфтхӯр… душмани халқ… ин гуна гуноҳҳоро дар ду дунё ҳам шуста намешавад. Агар ба халқат душман бошӣ, пас ин зиндагӣ чӣ маънӣ дорад, мурдан афзал нисбат бо чунин бадномӣ зинда будан. Бобои ту ҷонашро барои халқаш фидо кард, аммо ба туҳмат печид, қурбони дасисаи кӯрдилон шуд. Дар се таноб замини меросии падараш як нафар ҳамсояамон кишт мекардаасту падари мактабдорам  бар замми тадриси фарзандони мардум, аз сари ихлосу эътиқод, ба хидмати ҳукумати нав камар бастааст. Ҳамин ду «гуноҳ»-и пешинааш кифоя буд, ки ӯро кулак ва душмани халқ эълом доранд. Замона дигар шуд, шояд бобоятро низ сафед кунанд, – гуфт ба ҳасрат падарам. – Охир, вай ягон гуноҳ надошт, қурбони туҳмати чанд нафар нотавонбин гашт. Магар ба фарзанди мардум чашми хату савод омӯзондан гуноҳ аст? Дигар ман рамақи ба ватан рафтан надорам, умрам башумор мондааст. Баъд аз сари ман рафта, пурсуҷӯй бикун, шояд бегуноҳии



https://bikhon.tj/

бобоят собит шавад ва ту ҳам аз туҳмати набераи кулаку душмани халқ халос бишавӣ».

– Рост, хунрез буд теғи он замон, ноҳақиҳои зиёд зоид. Ман низ ба ин диёр бо хоҳиши худ наомадаам. Узви фаъоли комсомол будам дар шаҳри Самара. Рӯзе ректори донишкада мо, чор нафар хатмкунандагони факултаи забони русиро, даъват карда гуфт, ки ба Тоҷикистон меравед, дар он ҷо муаллим намерасад. Дигар чора надоштем, ҷомадонамонро сари китф гирифтему ба қатора нишастем. Умр гузашт дур аз зодгоҳ – шаҳри ҷавонию ишқбозиҳоямон. Бо ҷавоне, ки ҳамроҳ кор мекардем, оиладор шудам, фарзандҳо ба дунё овардем. Шавҳару ду духтарам бандагиро ба ҷо оварданд, набераҳо паҳну парешон шуданд. Худам танҳо мондам. Соҳиби ин меҳмонхона ҳамсояам, ҳамсинфи кенҷаам Наташа, дар пеши чашмам ҳамроҳи духтаронам калон шуд, дар мактаб дарс медодам ба онҳо. Солҳои охир, шояд аз дилсӯзӣ, аз аҳволам хабар мегирифт, пул медод. Ҳарчанд рад мекардам, мегуфт, ки ба хотири Наташа мекунад ин корро. Рӯзе пешниҳод кардам: агар ёрӣ додан хоҳад, маро ба кор гирад, то ҳамон пулҳои медодагиашро ҳалол карда, хӯрам. Охир, бекор нишаста наметавонам. Ҳоло аз дасту пой намондаам, зӯри кор кардан дорам, чаро дар хона нишинам. Ночор розӣ шуд.

Фаррошзан гӯё ҷавониҳояшро медида бошад, дуру дароз чашм аз уфуқи лолагун наканда, бадард оҳ кашид.

– Умр зудгузар аст, гӯё дирӯз аз қатора фуромада будам, панҷоҳ сол мисли як миҷа задан гузашт. Дар пеши назарамон шаҳр бунёд шуд, як деҳа ба боғу гулистон табдил ёфт. Чи қадар одамон ҷони хешро дар ин роҳ нисор карданд. Аз қабри бобоятро наёфтан дилатро зиёд



https://bikhon.tj/

хун накун. Муҳим вай барои маърифатнокии мардум ҷонашро дареғ надоштааст ва яқин дар дили мардуми шукргузор макон дорад.

Адҳам ба маънии «надонистам» ғарқи дарёи тафаккур шуд. Фаррошзан шояд муштоқи ҳамсуҳбат буд; агарчи балконро тамиз карда бошад ҳам, дили рафтан надошт. Инак бори чандум панҷарарро бо латта пок намуда, ба Адҳам рӯй оварда:

– Падарат чаро барнагашт ба ватан?

– Гуфтам-ку… Модарам мегуфт, ки овони ҷавониаш чанд бор рафта буд ба зодгоҳаш, аммо баъд якбора кашид пояшро. Худаш боре ба ман гуфт: «Бачем, ҳаргиз фаромӯш накун, ки дар шарёни мо хуни тоҷикӣ ҷорист. Бобоят қурбони туҳмату ноҳаққиҳои замону ҳамқавмони хеш гашт ва хешовандони наздикамон паҳну парешон шуданду қисмати дигар аз тарси ҷон аз мо рӯ гардонданд, бо зану фарзандони кулаку душмани халқ сари кор гирифтан нахостанд. Дур аз ватан дар сармои тоқатфарсо ба кадом дарду азобҳо ҷон додани модару бибиям ва хоҳараконамро худам медонаму Худои болои сарам. Он рӯзҳо аз Офаридгор илтиҷо мекардам, ки ҷони маро низ бигирад, дар ин зимистони қаҳратун маро танҳо нагузорад, аммо гӯши ӯ низ нашунид лобаҳои маро. Ҷон додани модарам ҳаргиз аз ёдам намеравад, он рӯзи сиёҳро дар гӯр хоб хоҳам дид. Модари сиву яксолаам ҳаргиз одат накард ба ин макон, мудом ёди зодгоҳи офтобиаш мекард. Ёд дорам, он сол зимистон беҳад сард омада буд. Бегоҳӣ модарамро аз ферма ба ароба бор карда, оварданд. Табаш баланд буд, чашмонашро боз карда наметавонист. Пайваста бо овози хастаю дупӯста «об!» мегуфт. Бори аввал овози модарам ба гӯшам бегона расид ва дилам



https://bikhon.tj/

фиғон кард. Ду рӯз дар оташи таб сӯхт модарам ва рӯзи сеюм ҳолаш беҳ гардида, кӯшиши хестан кард. Хурсанд шудем, аммо аз куҷо медонистем, ки хона равшан мекунад. Дар гирдаш парвона гашта, нагузоштем, ки аз ҷой бихезад. Маро дар бараш нишонида, гуфт: «Бачем, дигар ман рӯи ватанро намебинам. Афсӯс, ки дар мулки бегона, дур аз хокдони падарат хок мешавам. Ту ҳатман баргард ба ватан, қабри падаратро обод бикун, то ботил нагардад». Баъд аз фавти модарам дар давоми шаш моҳ хоҳару бибиям низ аз бемории табларза фавтиданд ва ман дар дунёи равшан тани танҳо мондам. Дар хонаи бачаҳо ба воя расидам. Шабҳоеро, ки ба ёди падару модар ва хоҳаракони ғӯрамаргам бо гиря рӯз мекардам, то ҳол ба ёд орам, ҷигарам месӯзад. Ҳайронам, чӣ хел зинда мондам, аз ғаму дард намурдам. Сахтҷон мешудааст фарзанди одам, то паймонааш пур нашавад, ба сад обу оташ андозӣ, зинда берун меомадааст. Вақте ки ба воя расидам, ба ватан рафтам, баъзе хешу таборро ёфта, хостам ба зиёрати марқади падарам равам, аммо гуфтанд, ки аз он қабристон ному нишоне нест, дар ҷояш автовокзал сохтанд. Он вақт ҷавон будам, сахт озурда шудам, ба болои сӯхта намакоб – баъзе хешовандон рӯи хуш надоданд. Шояд гумон карданд, ки ман даъвои замини меросии падар мекунам. Аниқ намедонам сабаби сардии муносибати хешу ҳамдеҳагони падарамро. Хусусан муносибати амакам сахт алам кард. Гӯё вай ба ҷурми амакбачаи душмани халқ буданаш ҷабру азоби зиёд дида, ҳама дарҳо ба рӯяш баста шудаанд. Ин аламаш тоза шуд магар, ки ба саволи банда: «Оё падарамро сафед накарданд? – ба киноя гуфт: магар сиёҳро сафед карда мешавад? Шунидӣ, ки зангӣ ба шустан сафед шавад.



https://bikhon.tj/

Падарат на танҳо худаш сиёҳ шуд, балки рӯзгори авлодро як умр сиёҳ карда, рафт». Баъди шунидани ин гапҳо бо чигари пораву димоғи сӯхта баргаштам ба Кемерово ва дигар нарафтам ба зодгоҳ, зеро дилам монд.

– Ба ҳамин оҳанг дарди дил карда буд падарам, аммо ҳис мекардам, ки аз ғояти алам мегӯяд ин гапҳоро, дарвоқеъ дӯст медошт вай ватанашро, зодгоҳашро. То охири умр ба урфу одати мардуми таҳҷоӣ одат накард, мисли гурги танҳо ба таври худ уллос мекашиду зӯза мезад: лаҳнаш дигар буд, навояш фарқ дошт, ҳатто гиряаш бӯйи дигар мекард.

– Шояд ту бехабар бобоятро кайҳо сафед кардаанд, – гуфт фаррошзан. – Хусусан солҳои охир ин мардум низ худашонро шинохтанд, ба бузургонашон арҷ мегузоранд. Агар, ба гуфти падарат, бобоят барои халқаш хидмат карда бошад, ҳатман рӯзе подошашро мегирад. Чӣ ному насаб дошт бобоят?

– Зариф Мирзо.

– Зариф Мирзо…– такрор кард фаррошзан. – Ҳамин кӯча Колхозная ном дошт. Чанд моҳ қабл иваз карданд. Зариф… алҳол ба ҳамин монанд ном дорад. Ҳеҷ одат накардам ба номҳои нав.

Фаррошзан рафт.

Адҳам дари ҳуҷраашро пӯшида, поён фаромад. Дар девори қаноти рости меҳмонхона, ки ба бинои дуқабата мепайваст, лавҳачае ба чашм мерасид. Адҳам ба он сӯ равон шуд ва аз ончи диду хонд, бовараш намеомад: рӯи як порча тунукаи кабудранг бо ҳарфҳои сафед «Кӯчаи Зариф Мирзо 33» набишта шуда буд. Ҷавон чанд муддат ҳайрон нишаст, баъд гӯё барқ зада бошад, ба худ ларзид ва ба болои шифери чигарранги барои аз барфу борон эмин



https://bikhon.tj/

доштани таҳхона уреб гузошташуда баромада, бо остини пиҷакаш рӯи набиштаро тоза кард ва он поратунукаи мисли рухи дилбар гармро бӯсид. Раҳгузарон ҳайрон ба ӯ менигаристанд, аммо ӯ ба касе аҳамият надода, ҳамоно лавҳаро мебӯсиду мебӯсид…



https://bikhon.tj/

# МИННАТУ ИЛЛАТ

Дар кати чӯбин, ки дар тарафи рости дарвозахонаи пурнақшу нигори ҳавлии васеву барҳаво гузошта шуда буд, пирамарди тақрибан ҳафтодсолаи лоғарандом дасташро ба паси сараш харпанча андохта, ба пушт мехобид. Ҳавлӣ қариб дах сотих замин, бинои боҳашамати сеошёна, боғчаи сарсабз, дарахтони анор, хурмою олуча, роҳравҳои симонпӯши дар канорашон гулҳои рангорангруста дошт. Пирамард дар тан куртаю эзори сап-сафед, дар сар тоқии чоргули баланд ва дар даст тасбеҳ дошт. Риши мошубиринчаш кӯтоҳ ва батартиб қайчӣ зада шуда буд. Дар наздаш, болои хонтахта, як чойники чомааш аз адрас дӯхташуда ва ду пиёлаву дар тақсимчае қанду қурс меистод. Дар поини пойи пирамард чавонзане нишаста, пойҳои гандумгину лоғар ва чо-чо доғҳои сиёҳу сафед доштаи ӯро бо ду даст мемолид. Дастони сап-сафеди вай гӯё бо пойҳои лоғару сиёҳи пирамард мечангиданд. Зебо буд чавонзан. Чашмони шаҳлову мижгонҳои дароз-дарози андаке ба боло моил ва ду кунда мӯйи дарозаш ба қаду қомати болояш басо мос афтода буданд. Пирамард оҳиста качпаҳлу гашта,



https://bikhon.tj/

тоқиашро аз сар гирифт ва чанд лаҳза ба нақши гулҳои он зеҳн монда, ба болои хонтахта гузошту даҳонашро калон кушода, хамёза кашид. Аз ваҷоҳаташ аён буд, ки роҳат дорад аз молиши дастакони мисли пахта сафеду мулоими ҷавонзан. Вай чашмонашро нимроғ кушода, дида ба ҷавонзан дӯхта, менишаст. Ҳамин вақт паҳлударии дарвозаи калон кушода шуду писарбачае тозон ба ҳавлӣ ворид шуд.

– Оча, – садо кард писарбача, – муаллима туро ҷеғ дорад.

– Дарвозаро пӯш! – дод зад пирамард ба сари писарбача. –Мисли саги дайду дар кӯча г… мехӯрӣ! Одам намешавӣ ту, сархӯр!

Ҷавонзан яқин аз муомилаи дурушту таҳқиромези шавҳар нисбат ба фарзандаш ранҷида, даст аз пойи пирамард бардошт ва дар як он чеҳрааш тағйир ёфт. Пирамард зуд ин ҳолати ҳамсари ҷавонашро пай бурда, гуфт:

– Барои чӣ намефаҳмонӣ ба ӯ?! Як гапро тӯтивор чанд бор такрор кунам? Аз гуфтана даҳонам мӯй бароварад. Дар ин маҳалла душманони ману писаронам лак-лак. Дида наметавонанд моро ҳасудон, ҳамеша паямонро меръбанд.

Ҷавонзан хост чизе бигӯяд, аммо аз нигоҳи тези пирамард ибо карда, лаб фурӯ баст.

– Баъд… ман ба ту нагуфтам, ки рафтуоро бо ун муаллимаи беимон бас кун. А?! Ман аз дари ҳавлӣ бароям, туро як поят дар хона бошад, пойи дигарат дар хонаи вай, мегӯянд. Чӣ гап дорад ба ту ӯ?

– Кай рафтам? – байни лабу дандон ғурунгид ҷавонзан. – Дари ҳамсоягӣ, баъзан наравӣ, нашавад…

– Чӣ?! – филфавр сухани ҷавонзанро бурид пирамард. – Ту, муши мурда, ҳам забон баровардӣ-ку! Ё аллакай худатро соҳиби хонаю дар пиндоштӣ? Хомтамаъ набош, ба тую



https://bikhon.tj/

сағираҳои фисинат намерасад ин ҳавлӣ. Писарону духтаронам хомохом мехӯранд туро. Шукр гӯй, ки ду сағираи сархӯратро ошу нон медиҳам. Маъқул набошад, рав ба хонаи ҳамон муаллимаи беимон, ошу нонатон диҳад.

Ҷавонзан лаб фурӯ баст ва оҳиста аз ҷой хест.

– Куҷо?! – дод зад пирамард.

Ҷавонзан баргашта ба ҷояш нишаст.

– Пойҳоямро бимол! Садқаи некӣ шавӣ. Ҳамон муаллимаи ҷалаб туро бероҳа карда, гап ёд медиҳад, а! Агар як бори дигар поятро ба ҳавлии вай гузорӣ, зада мешиканам дасту поятро. Фаҳмидӣ!

Ҳамин вақт зани қоматбаланди тахминан шаст-шасту панҷсола аз дарвоза даромаду:

– Эй пирхар, киро ҷалаб гуфтӣ?! – гӯён муҷодалаю муҷовалаталаб ба кат наздик шуд.

Пирамард лаҳзае дасту по хӯрд ва аз ҷояш нимхез шуда, ҷониби овоз рӯ овард.

– Забон баровардӣ, а, гумонат, бой шудию хотираи мардумро ҳам писаронат ба пул мехаранд? – ҳамоно аз асби ҷаҳл намефаромад зан. – Не, тушбераро хом шумурдаӣ.

– Мемонӣ, дар ҳавлии худам шинам? Ман ягон бор ба хонаи ту рафтам, лаби нонатро шикастам?

– Ба кадом рӯй меравӣ ба хонаи ман?

– Э, безор кардӣ, бева! – якбора овозашро сар дод пирамард. – Дафъ шав аз ҳавлиам, ҳаром кардӣ онро бо қадами ифлосат!

– Ин ҳавлӣ аз бунёдаш нопок буд, чунки ба пули ҳаром сохта шудааст, – паст наомад зан. – Баъд агар ҳақорататро намешунидам, ҳаргиз намедаромадам, ман зори ҳавлии ту нестам. Аз дасти ту то дина ягон кор намонд, барои ёфтани ду-се тангаи муфт аз ягон қабоҳату разолат рӯ нагардондӣ.



https://bikhon.tj/

Акнун аз пушти пулҳои ҳароми писаронат соҳиби даму дастгоҳ шудед. Беҳуда ғарра машав, ошатро гарм нахӯр, ресмони давлат дароз, имрӯз не фардо писаронатро низ мисли худат шармандавор пеш мекунанд, ана баъд мебинам, ки бо дафи кӣ рақсу бозӣ мекунивӣ.

– Мур, сӯхта-сӯхта мур, ту ҳам тавону дарнамон! – аз ҷой хест пирамард. – Медонам, аз ҷавонӣ маро чашми дидан надорӣ, маро ёбӣ, корд намеёбӣ, кордро ёбӣ, маро намеёбӣ. Ҳамон солҳо бачаҳояш духон, духтаронашро ба мактаб омадан намемонад, гуфта хеле паямро рӯфтӣ. Аммо ман, ки одами банамозу рӯза ҳастам, Худованд нагузошт, ки ба поям хор халад. Аз дастат ягон кор наомад. Акнун мехоҳӣ, ки зани ҷавонамро аз роҳ бизанӣ, иншоалоҳ, ин даъфа низ тират хок мехӯрад, Худоҷон маро бандаам мегӯяду туро шармандаю расво мекунад. Охир, ту дар умрат ягон бор рӯза нагирифта бошӣ, намоз нахонӣ. Корат фақат алиф, лом, те, маориф пула те. Бе дарсҳои ту ҳам рӯзи одамон ба подшоҳӣ мегузарад. Муҳаммаднабиҷони мана мегуфтӣ, ки кӯрсавод, алифа аз таёқ фарқ намекунад. Ана имрӯз як йигит шуд, ки ҳар касе бинад, ҳавас мекунад. Сад духтар мӯша шона карда нишастааст, ки занаш мешавем. Дар кишвари ӯрус бо пул бозӣ мекунад. Писари дигарам соҳиби вазифа. Фарзандони аълохони тую баъзеҳоро бошад, базӯр рӯзашон мегузарад, авқоташон мудом як коса шӯрбои шуруқ.

– Агар писари хукбашараат дар Россия мисли дигар ҷавонҳо арақи ҷабин рехта, пул меёфт, дарди бахайр буд, аммо ун нохалаф ҳаммиллатони худашро фиребида, мебараду чоряки пулашонро дода, дигарашро ба кисааш мезанад, ба болои ин мегӯянд, ки нашъаҷаллобӣ мекунад, чанд ҷавонзани бечараро ба ин кор шарик карда, хонаашонро сӯзондааст, бечараҳо чанд сол боз дар турма



https://bikhon.tj/

хобанд. Ин писарат порахўр, кисаи худашро аз ҷайби давлат фарқ намекунад. Ту, намозхону рўзагир, аз ҳисоби ҳамон пулҳои ҳаром, ризқу рўзии чанд камбағал, давру даврон ронда гаштию мижаат хам намехўрад, шармат намеояд. Аз ҳамон пул се бор ба хонаи Худо ҳам рафта, омадӣ. Э рўи ту барин ҳоҷӣ сиёҳ! Агар сад бор ҳоҷӣ шавӣ ҳам, Худо туро намебахшад, зеро асло ҳаромро аз ҳалол фарқ намекунӣ. Ёд дорӣ, он вақт ман дар суди халқӣ машваратчӣ будам. Туро барои он ки ба номи одамони кайҳо фавтида нафақа нависта, ба кисаи худат мезадӣ, суд чор сол шармандавор аз озодӣ маҳрум карда, бо овози баланд ҳайфи ту гуфта буд. Гумон доштам, баъди он воқиа дар маҳбас худатро ба дор мекашӣ. Аммо не… Охир, ту аз мурдаҳо кафан талабида будӣ, чанд сол аз номи онҳо пули нафақаро азхуд карда будӣ. Чӣ хел туро баъди ин Худою арвоҳҳо назаданд, то ҳол ҳайронам. Ё Худои шумо, беимонҳо, дигар аст? Ҳа, чаро гап намезанӣ? То ҳозир булбулакат мехонд-ку! Як шармандагии дигаратро ҳам дар пеши занат гўям, то вай фаҳмад, ки бо кӣ ҳамболин шудааст. Ё даркор нест?

Пирамард гўё сеҳру ҷоду шуда бошад, суханҳои тезу тунди муаллимаро то охир таҳаммул кард. Вай медонист, ки ин зан аз дами теғ ҳам намегардад, аз сухани ҳақ ҳаргиз рўй намегардонад, ҳарфи дилашро дар рўи одам мегўяд. Аз ин рў гапашро дониста мезад, ҳазар мекард аз вай пирамард. Алҳол мехост ҳарчи тезтар муаллима бадар равад ва аз ин сабаб гапро ғоз надода, хомўширо авло донист...

Чанд сол пеш, вақте ки зиндагиашон осуда ва ба қавле, аз дасти писаронаш кор меомадагӣ шуд, онҳо аввал ҳавлии як нафар яҳудӣ ва баъд ҳавлии ҳамсояи дигарро низ, ки аз нодорӣ фурўхта, дар як кунҷи шаҳр хонаи арзон гирифт, бо пули калон хариданду ҳарду ҳавлиро ба хок яксон карда,



https://bikhon.tj/

иморат бардоштанд. Аввал падарро, ки баъди вафоти модарашон як сол боз бева буду нияти аз нав хонадор шудан дошт, бо ҳамин ҷавонзан ҳамхона карданд. «Ҷудо ҳам қулай афтод ин зан, – изҳори хурсандию қаноатмандӣ мекард баъзан пирамард дар ҳалқаи фарзандон. – Муфт ба даст даровардем. Қариб панҷоҳ сол аз ман хурд. Ин гуна бахт фақат ба одамони назаркарда даст медиҳад». «Дада! – мехитобиданд фарзандон. – Зани ҷавон марди пирро низ ҷавон мекунад. Аз давлати мо кайфу сафо карда, гардед. Агар хоҳед, аз ин ҷавонтарашро меёбем».

Хулоса, баъди оиладор шудан падарро аз хонаи чорҳуҷраи мероси замони шӯравӣ ба ин ҷо кӯчонида оварданд. Пирамард дигар рӯзашро дар хонаву масҷид ва маъракаю худоиҳо кӯр мекард. Азбаски писаронаш дар азнавсозии масҷид пули зиёд харҷ карданду баъзан аз номи падар ба мӯйсафедон низ пул медоданд, эътибори пирамард дар гузар даҳчанд гашт. Дигар вай дар маъракаҳо бологузар, дар байни ом соҳиби иззату икром буд, пайваста ваъз мегуфт, ҳамаро насиҳат мекард. Хулоса, дар муддати кӯтоҳ одами ба чашм намоён шуд вай дар гузар. Рӯзе тасодуфан дар кӯча ба муаллима рӯ ба рӯ омад пирамард. Ҳарчанд шинохт, хост худро ба нодонӣ занад, аммо муаллима аз он занҳое набуд, ки истиҳола кунад. Зуд садо кард. Маълум шуд, ки онҳо ҳамсоя будаанд (хонаи муаллима се-чор ҳавлӣ дуртар буд). Ин мулоқот айши пирамардро талх кард…

Ҷавонзан, ки пирамардро одами баобрӯю батадбир медонист, аз гапҳои муаллима ҳангу манг шуда, чӣ кор карданашро надонист.

– Чӣ хода барин рост истодӣ? Рав аз паси корат шав! – ситезид пирамард ба ӯ.



https://bikhon.tj/

– Ман кор дорам ба ин, – гуфт муаллима, аз дасти ҷавонзан гирифта. – Натарс, намехӯрам, ба худат насиб кунад, ҳарчанд лоиқи ӯ нестӣ.

Пирамард ба ин тунду талхгӯиҳои муаллима дигар эътибор надода, пойҳои хушку хароб ва гандумгинашро аз кат овезон карда, кафши сиёҳи ялаққосиашро нӯги по гирифту қомат рост кардан хост, аммо табиат корашро карда буд ва вай бо қомати андаке хамида ҷониби дарвоза рафт ва дар дами дар каме тоб хӯрда, ба занаш гуфт:

– Ман масҷид рафтам, бисёр налақ.

Вақте ки пирамард аз паси худ даричаро пӯшид, муаллима гӯё худ ба худ гуфт:

– Ту ҳам одам шудию…

Ҷавонзан ҳаргиз гапи пирамардро ду намекард. Чанд бор хост ба ин ё он гапу рафтори ноҷои ӯ, хусусан ҷабру итобаш ба ду писаракаш эътироз кунад, аммо натавонист, аз ҳайбату ғазабаш ҳаросид, андеша кард. Фарзандон (пирамард ду писару ҳафт духтар дошт) ӯро чун бут мепарастиданд, гирдаш парвона мегаштанд, шахси баобрӯю қобили иззату икром медонистанд ва ҳар касе, ки ба ӯ кач нигараду ҳурматашро ба ҷо наорад, душмани хеш медонистанд. Ва ҷавонзан аз рӯзи аввал чунин муносибати пайвандонро нисбат ба пирамард дида, ӯро лоиқи тавоф медонист. Танҳо муаллима, ба қавле, бо дафтари аъмоли ӯ шинос буд ва аз кадом матоъ будану чӣ амалҳои зиште содир карданашро медонист ва ин ҳамсоягӣ пирамардро асабӣ мекард. Замоне ҳатто хост аз ин маҳалла кӯч бандад, аммо аз раъяш гашт.

– Ту лаҷоматро ба дасти ин нокас надеҳ, – гуфт муаллима ба ҷавонзан. – Дар дунё ба тухми мард қаҳт омада буд магар, ки ба ҳамин расидӣ? О ту як ҷавонзани нозанин, ба ҳар тори



https://bikhon.tj/

мӯят як ҷавон меовезад, чӣ гуна ба доми ӯ афтодӣ? Ё ба боигариаш ҳавасат рафт?

– Э не, муаллимаҷон, боигариаш сарашро хӯрад. Гап дар толеъи баду шӯрии пешонии ман. Ман ҳам замоне оилаи обод, шавҳари ҷавону зебо ва меҳрубон доштам. Аммо чӣ кор кунам, ки Худо ба мо, хоҳарон, ҳусн доду бахту тахт надод, муаллимаҷон, – гуфт ҷавонзан овозаш ларзида. – Шӯри пешониам хушкад, дар як машмашаи бемаънӣ шавҳарамро корд зада, куштанд, бо ду писари хурдсол бе сояи сар мондам, рӯзам нагузашт. Азбаски ҳамроҳи хусуру хушдоман дар як ҳавлӣ мезистем, баъди сари шавҳарам додаронаш, ки зангир шуда буданд, маҷбур карданд, ки хонаи онҳоро тарк кунам. Оқибат аз муомилаи сарду дурушт ва гапҳои бадбӯи онҳо тоқатам сар омад. Поям вазнин буд он вақт, писарчаи дуюмамро дар хонаи акаам таваллуд кардам. Касбе надоштам, ки қути лоямути худу фарзандонамро биёбам. Аз ҳеҷ куҷо дасти иноятеро низ ба сарам чашмдор набудам. Падару модарам фавтиданд, ду апаам камбағалона рӯз мегузаронанд. Рӯзҳои аввал ягона бародарам кам-кам ёрӣ медод, аммо занаш ҳамеша ба сари акаи бечораам ғурбат мекард, ки рӯзи худамон базӯр мегузараду ними нонро ба хоҳарат медиҳӣ. Худо гӯед, ки аз авввал пойи одам налағжад, баъд шикаст андар шикаст меомадааст. Намедонам, аз азал синаи модарро сахт газида будаам, ки дар ин дунё рӯзи хуш надидам. Вақте ки кас аз худаш мемондааст, дигарон низ рӯй мегардондаанд аз вай. Охир, сарборӣ ба кӣ даркор, боз дар айёми қаҳтиву душворӣ. Дигар тоқат карда натавонистаму ба ин издивоҷ розӣ шудам. Ҳамин пирамардро низ янгаам ёфт. Духтараш бо падару модари янгаам ҳамсоя будаанд. Вақте ки ин гапро шунидам, мӯйи баданам хест, ҳарчанд аввал ба ман гуфтанд,



https://bikhon.tj/

ки марди панҷоҳу нуҳсолаест. Рӯзе худи мӯйсафед ҳамроҳи писараш савори як мошини бадҳайбат ба хонаи акаам омаданд. Акаам, аз афти кор, ӯро мешинохтааст, ки хуш пешвоз гирифту обу зиёфат кард. Шояд янгаам нақшаи пинҳон кашидаашро ба акаам нагуфта будааст. Баъд акаам маро ҷеғ зад. Мӯйсафед қошу қавоқи маро дида, ба гап даромад: «Ту маро ба чашми кам набин, ҷавоби даҳ ҷавони ин замонаро медиҳам. Мағзу устухонам ба гӯшти гӯсфанд сахт шудагӣ. Агар ба ман бирасӣ, зиндагиат нағз мешавад, ана ин ду сағираат низ рӯзашонро меёбанд. Аз шунидам, зиндагиат душвор, чӣ кор мекунӣ, ба акаю янгаат сарборӣ шуда». «Кӣ гуфт, ки ман ба акаам сарбориям?» – гуфтам ба янгаам нигариста, ки ҳамин ҳозир дар даст табақи ош даромада буд. «Кӯр нестам, мебинам аҳволи мардумро, одами ба як бурда нон зор имрӯз лак-лак. Ту, як аврати бекор, чӣ гуна бе шавҳар гузаштани рӯзат ба кӯр ҳам маълум». Намедонам, аз гапгузаронии ман буд ва ё беруии мӯйсафед, ки ҳангоми гуфтугузори мо авзои акаам лаҳза ба лаҳза тағйир ёфта, маро мепесонд. Оҳиста аз ҷой хестаму бадар рафтам… Дигар рӯздармиён духтарони мӯйсафед дар хонаи акаам буданд. Оқибат, баъди рафтуомади зиёди мӯйсафеду фарзандонаш ва албатта малайхониҳои янгаам, розӣ шуд бародарам. Ва ман дар аъроф мондам.

– Чанд сол оиладорӣ кардӣ бо шавҳари аввалат?

– Ду сол.

– Дар ду сол ду фарзанд ёфтӣ?

– Чӣ кор кунам, муаллимаҷон, шир болои шир шуд.

– Э қанд зан, о дар дунё пешгирӣ гуфтани корҳо ҳаст... хайр, ту танҳо нестӣ, бисёр занони мо аз нодонӣ зиндагиашонро талху шӯр мекунанд…



https://bikhon.tj/

– Ҳамаро аз тақдир медонам, муаллимаҷон. Шояд ягон гуноҳе аз ман гузаштааст, ки ин қадар барвақт бева мондам. Ба болои ин ба дасти ин мардак афтидам. Баъд гапу корҳое шуд, ки нагуфтанам беҳ…

– Беории ин пиракиро бе ту ҳам нағз медонам. Харомхўрию хиштакчиркиниаш низ мисли рўз бароям равшан. Барои ҳамин бад мебинам ўро. Одамони маҳаллаи мо ўро нағз намешиносанд, барои боигариаш иззату икром мекунанд. Чӣ илоҷ, табиати мардуми мо чунин аст. Қисми зиёди мардум дар пеши одами доро таъзим мекунанд. Пеш ин хел набуд, замона дигар кард одамонро. Ҳозир ҳар кас пул дорад, забонаш дарозу рўяш сурх ва бологузар аст. Ғайбат нашавад, боре ўро дар як ҳолат дидаму нафратам дучанд гашт. Баъд аз он маро бинад, гўё аҷалашро дида бошад, ҳафт қир мегурезад. Гумонаш, ман дар ҳама ҷо овозаю дарвоза мекунам, аммо нагуфтам ба касе. Аммо ҳангоми дучор омадан барқасд чунон тарафаш нигоҳ мекардам, ки гумонам, нафас то нўки биниаш меомаду ҷон аз танаш мерафт. Ту ягон бор гургу гўсфанди бастаро дар як ҳел дидаӣ? Ана ҳамин ҳолатро дошт ў дар назди ман. Шояд дар дил ҳазорҳо бор орзу мекард, ки ман бимираму ҷони ў халос шавад. Ҳо, одами гунаҳгор ҳамеша мехоҳад, ки шоҳиди гуноҳаш тезтар бимирад, зеро танҳо марг метавонад даҳони одамро абадулабад бибандад.

– Чӣ гуноҳ карда буд ин мардак? – тарсон чашм аз дарвоза наканда, пурсид ҷавонзан.

– Аз рафтори ўро ба забон овардан шарми кас меояд, – шакарханд кард муаллима. – Аммо ба ту бояд бигўям, шояд баъд мисли ман аз ту низ ҳуркад[1]. Ҳарчанд баъди бою

[1] Њуркидан – тарсидан, рамидан



https://bikhon.tj/

бадавлат шудан муносибаташ бо ман тағйир ёфтааст, дигар паст намеояд, гапамро намехўрад. Худат шоҳид будӣ ҳозир, дар ғайбам бошад ҳам, носазо гуфт дар ҳаққи ман. Магар пеш ҷуръат мекард ба ин кор? Ҳаргиз!

Муаллима амонат дар лаби кат нишаста, гўё ҳазар мекарда бошад, лаби дастархони хонтахтаро қат карду болои пиёлаҳоро пўшонида, гуфт:

– Мўҷиби аз ман ибо кардани шавҳарат таърихи аҷиб дорад. Тахминан сӣ сол қабл ман дар мактаби шаҳр кор мекардам. Он вақт маҳаллаи мо дар ҳудуди маъмурии шаҳр тобеъ набуд. Рўзе аз мактаб дер бармегаштам, ки дар назди дарвозаи буфетчии мактабамон Гулсум назарам ба сиёҳие афтид. Сабаби дер карданам, агар хато накунам, маъракаи ин тихобот буд. Ҳамон солҳо низ ташвиши ташкилу гузаронидани ин маъракаи муҳим ба дӯши муаллимону кормандони соҳаи маориф буд. Хулоса, аз дидани сиёҳӣ сад хаёл дар сарам ба он наздик шудам, ки касе калавида, аз дастаи дарвоза дошт. Масти лояъқил, базўр дар пояш рост меистод вай. Агар дасташро аз дастаи дарвоза мегирифт, яқин меафтид. Дар равшании чароғи айвон зеҳн мондам, ки ҳамин шавҳари ту. Дар танаш куртаи сафед, дар гарданаш галстук ва дар бараш… поҷомаи занона. Азбаски фарзандонаш дар мактаби мо мехонданд, чанд бор дар маҷлиси падару модарон дида будам ўро. Хостам гузаро шавам, боз дилам сўхт, гуфтам, то хонааш расидан чанд каси дигар диданаш мумкин… Дар сар чунин андешаҳо наздик мешудам, ки дарвоза нимроғ кушода шуду дасте аз домани куртааш дошта, хост дарун дарорад ўро, Аммо мардак аз банди он даст дошта, сахт тарафи худ кашид ва Гулсуми бадбахт аз дар берун шуду чашмаш ба ман афтида, ҳаёти



https://bikhon.tj/

умраш хушк шуд. Мардум аз сабукпоии вай қиссаҳо мекарданд, ман ҳамон шаб бо чашмони худам дидам.

«Муаллимаҷон, – гуфт Гулсум илтиҷоомез, – чӣ кор кунам, маст омад, ҳарчанд пеш кардам, нарафт. Илтимос, аз даҳонатон набарояд, ки шармандаи ду дунё мешавем». «Агар нагӯям, магар шарманда нестед? Хайр, йӯрғаи ин нархар ба ҳама маълум, аммо магар шарми ту наомад? Ҳайфи номи модарӣ… арвоҳи шавҳаратро хотир накардӣ».

Пагоҳӣ дар назди мактаб дучор омадам бо мардакат. Гӯё ҳеч коре нашуда бошад, дар танаш либосҳои тозаю озода ҷониби идораи молия мерафт. Аввал хост худашро ба нодонӣ зада, гузаро шавад, аммо пеши роҳашро гирифта, пурсидам, ки шаб то хона нағз рафта расидӣ? Чун дид, ки роҳи халосӣ нест, гунаҳгорона гуфт: «Муаллима, дина уштури сафеда дидӣ?» Шояд вай умед дошт, ки чӣ тавре одатан дар чунин ҳолат мегӯянд, «Не, надидам» мегӯям, аммо ман нисбат ба вай дандони тар доштам ва аз ин рӯ гуфтам: «Дидам, ҳам уштури нару ҳам модаашро дидам». «Айби арақ, як бор аз гуноҳамон гузаред, охир». «Не, намегузарам, шармандагиҳои ҳардуятонро мебарорам», – гуфтаму ба роҳам рафтам. Баъди ин гуфтугӯ чанд вақт ҳардуяшон тарсидаю ларзида гаштанд, ки боз ба ягон кас нагӯям. Аммо ман баъди ин қадар солҳо имрӯз ба ту гуфтам. Охир, азобҳои туро дида, нагуфта ҳам наметавонистам.

Ҳарду хомӯш монданд.

Ду кабк андаруни ду қафаси зебои дар воиши ангур кашол баробар ба тапар-тупур даромаданд. Онҳо яқин гурбаи калони алоро, ки дуздона так-таки девор мерафт, дида, безобита шуда буданд. Гурба аз қафои гунҷишкаке мерафт, ки ин лаҳза ба умеди ёфтани дона тӯдаи хокистари дар бехи дарахти анор бударо ба ҳар сӯ парешон мекард.



https://bikhon.tj/

Гурба ба анорзор наздик омада истод ва чашмони хокистаррангашро аз гунҷишк наканда, пушташро хамонида мунтазир шуд. Гунҷишк ҳамоно ба замин нӯл мезаду бетоқатона ҷастухезкунон дар атрофи дарахт гирд мегашт. Баъд фирӣ карда париду хост дар шохи анори пасте нишинад, аммо навдаи борик вазнаки ӯро бардошта натавониста хам хӯрд ва гунҷишк аз нав ба замин нишаст. Гурбаи маккор ба замин парчин шуда, худро ошкор насохт ва вақте ки гунҷишк аз нав машғулияти пешинаашро идома дод, оҳиста хазида ду-се метр пеш рафту дар даруни ҷӯяк пинҳон шуда, фурсати мувофиқро нигарон нишаст. Гунҷишки зирак акнун ҳузури ӯро пай бурд магар ки зуд парида, ба шохи дарахти олу нишаст.

– Э қандата зан! – нидои таҳсину офарини муаллима, ки то ин дам рафтори гурбаю гунҷишкро назора мекард, баланд шуд. Ҷавонзан аз овози муаллима як қад парид. – Дидӣ, зиракии гунҷишк ҷонашро харид, вагарна ба чанголи гурба афтода, як луқмаи хом мегашт, – гуфт муаллима ба оҳанги таҳсин. – Ту аз вай ибрат гир, ҳоло ҳам сари вақт асоятро ба равшанӣ зан, ки дар ин зиндон мепӯсӣ, умрат хазон мегардаду баъд аз ангушт газидан суде ҳосил намешавад.

Ҷавонзан аввал суханҳои муаллимаро сарфаҳм нарафта, чизе нагуфт. Аммо баъд як оҳи бадард кашида, ба сухан омад:

– Гуфтам-ку, муаллимаҷон, нозам дар хонаи бародарам нағунҷид, дигар илоҷ надоштам. Набошад дар ин ҷо як дақиқа ҳам намеистам. Ба ман мефорад магар суханҳои бӯини ин мардакро шунидан? Баъзан шаб то саҳар ашк мерезам. Аввал гумон доштам, ки бачаҳо инро пайхас намекунанд. Аммо рӯзе писари калониам дуру дароз ба



https://bikhon.tj/

чашмони аз гиря варамидаам нигоҳ карда, пурсид: «Оча, дадам одами хуб буд?» «Ҷони одам буд» – гуфтам аз ин саволи ногаҳонӣ ҳайрон шуда. – «Пас чаро ин қадар барвақт мурд? Аммо шавҳари навват пир шудаасту ҳоло ҳам зинда. Охир, ту доим мегӯӣ, ки агар мо бачаи боодобу хуб шавем, умри дароз мебинем, зиндагиамон хуб мегузарад. Магар дурӯғ мегӯӣ?» «Не, – гуфтам базӯр аз гиря кардан худдорӣ намуда. – Одами хуб, воқиан ҳам умри дароз мебинад, маҳбуби ҳама мешавад». «Ин шавҳарат одами бад аст-ку, моро ятимҳои сархӯру думрав, гум шавед аз назарам, гӯён ҳақоратҳои қабеҳ медиҳад. Аммо… дадатон нағз буд, мегӯӣ, бачаҳои ҳамсояро ба мошинаш савор карда, катайса[1] мекунонд, мегӯӣ, аммо… мурд. Ин мӯйсафед туро ғам медиҳад, дар ғайбат гапҳои ганда мезанад. Биё, ба хонаи тағоям мера-
вем, ман калон шавам, хона мехарам, дигар туро ягон кас намеранҷонад. Очаҷон, биё аз ин ҷо равем».

Ин суханҳои ӯ дили обу адо гаштаамро бадтар хун мекунанд, ба тақдири баду пешонии шӯрам лаънат мехонаму дигар чора надорам. Барои ҳамин баъзан дар набудани мардак ба хонаи шумо рафта, бо келинатон менишинам, малолатон наояд, муаллимаҷон.

– Ин гапҳоро назан, ҳамсоя, – гуфт муаллима. – Ман магар дар бораи ту кам фикр мекунам? Дилам хун мешавад, зуъми ин мардакро бар тую кӯдаконат шунида. Аммо чӣ кор кунам, ки дастам кӯтоҳ аст. Мехоҳам…

Сухани муаллима дар даҳонаш пирамард дар даст асои нақшин даричаро оҳиста тела дода, ба ҳавлӣ ворид шуд ва

[1] Кататься (русї) – бо мошин сайр кунонидан



https://bikhon.tj/

дар рӯи кат муаллимаро дида, якбора табъаш хира шуду асояшро ба тори сар бардошта, ҷониби занаш арбада кард:

– Мочахари падарлаънат, корат рӯзи дароз лақ-лақ, мемурӣ ягон кори хонаро бинӣ?! Чанд бор гуфтам, ки нони муфтро ҳозир дар мушқапак ҳам намеёбед. Фарзандони ман ҷон мекананд, ба чор тараф медаванд, ки шиками шумо муфтхӯрҳоро сер кунанд? Э, илоҳо, заҳру зақуматон шавад нони мехӯрдагиатон!

Муаллима хост оҳиста баромада равад, аммо ба ҳоли зору сари хами ҷавонзан раҳмаш омада, овоз баланд кард:

– Дод назан, муфтхӯр нест ин зан. Ҳама маҳалла медонад, ки чӯрии ин хонадон аст вай. Давраи бою камбағалӣ баргашт магар? Ту акнун Арбоб Камол шудию ин бечора Одина. Мо медонем, ту ба кадом роҳ ӯро ба доми ифлосат даровардӣ. Лекин дониста мон, ҳоло замон дигар аст, аз пушти пулҳои писаронат напар, ки имрӯз-пагоҳ болҳоят мешикананд.

Пирамард ҷониби хона гом бардоштанӣ буд, лаҳзае дар ҷояш истод ва баъд ба муаллима рӯй оварда, бо тамоми овоз дод зад:

– Дафъ шав, маймунбашара, намози хондаамро ҳаром кардӣ! Ту бо рӯйи нопоку пои беҷомаат ҳаққи дидани рӯи одами банамозро надорӣ, номусулмон!

– Ту мусулмонӣ? – паст наомад муаллима. – Кадом рафторат аз рӯи мусулмонист? Ҳамон намозе, ки ҳаром-ҳалол мехонӣ, аз рӯи тамаъ аст. Шояд дар намозат ба Худованд ниёиш бикунӣ, ки корҳои писарони нашъаҷаллобу порахӯратро бобарор гардонад. Аҷаб аҳмақӣ, Парвардигорро нодон меҳисобӣ?!

Пирамард дигар ба тундзабонии муаллима тоқат накарда, ба роҳ даромад ва ба поғундаи аввали зинаи баланд



https://bikhon.tj/

пой гузошта, дасти чапаш дар нардаи нақшини зинапоя ба ақиб нигарист ва «дафъ шав, номусулмон, дафъ шав…» гўён ба қабати дуюм баромад.



https://bikhon.tj/

# ЯК ХАЛТА ОРД

Ба духтари Бахтиёр Аҳмад хостгор пайдо шуд. Омадани хостгор ба духтар кори маъмулист, ягон ҷойи ташвишу изтироб надорад, аммо Бахтиёр, ки бори аввал ба чунин таомул сари кор мегирифт, яъне ба нахустин духтараш Маҳбуба хостгорон меомаданд, каме дар ташвиш буд: кӣ бошанд онҳо, чӣ гуна посух бояд дод ва ҳоказо саволҳо азоб медоданд ӯро. Дирӯз вақте ки духтар ба модараш ва модар ба ӯ гуфт, ки духтарашонро як ҷавони ҳамсабақаш (дар Донишкадаи тиббӣ мехонд духтар) дӯст доштааст пагоҳ хостгор мефиристодааст, ӯ лаҳзае чӣ гуфтанашро надонист ва тамоми рӯз ба худ ҷойи нишаст наёфт, дар қайди андеша буд. Ҳатто дар бораи қудошавандаҳо аз занаш чизе напурсид. Чанд вақт пеш гӯшаш бод гирифта буд аз талабгоршавии як ҳамсабақи шаҳриаш ба Маҳбуба, аммо ӯ ба ин зудӣ омадани хостгоронро чашмдор набуд. Охир, ба донишкадаро тамом кардани Маҳбуба боз як соли дигар вақт буд. Маълум мешавад, ки домодшаванда то итмоми таҳсил тоқат накардааст...



https://bikhon.tj/

Дар сар чунин андешаҳо Бахтиёр дирӯз ба падараш занг зад, то бегоҳ ба хона ояд. Хонаи падар дар гӯшаи дигари шаҳр буд, алҳол ӯ таъхир мекард ва аз ин ҷиҳат низ Бахтиёр асабӣ мешуд.

Падараш ба вақти таъйиншуда ним соат дер карда омад. Бахтиёр дар хона танҳо буд.

– Ку меҳмонҳо? – пурсид падар баъд аз шуста омадани дастҳояш.

– Ҳоло наомадаанд, – нимғурма посух дод писар.

– Хайр, ҳеҷ гап не, меоянд, – аз ваҷоҳати гирифтаи писар рамуз бардошта, хост ӯро ором кунад падар. – Кори дунё шитобро қабул надорад. Агар одам саросема шавад, ҳатман як тарафи кор дӯлоб мешавад. Хусусан дар ин кор, ки гузаштагон онро савдои умр гуфтаанд. Чаро димоғат сӯхтагӣ? Кӣ будаанд хостгорҳо?

– Аз куҷо донам, агар оянд, мисли шумо бори аввал мебинам.

– Аз Маҳбуба напурсидӣ?

– Маҳбуба…

Ҳамин вақт соҳибхоназан хабар овард, ки меҳмонҳо омаданд. Бахтиёр дарҳол хеста, берун баромад. Аз мошини калони сиёҳранги хориҷӣ се нафар берун шуданд. Дар танашон либосҳои фохир онҳо ҳавличаи хурдро аз назар гузаронида, то наздик шудани Бахтиёр дар назди мошин истоданд. Бахтиёр ҳамроҳи оилааш дар қабати якуми як бинои сеошёнаи сохти қадим зиндагӣ мекард. Дар назди бино ҳавличаи хурде буд, ки дар байни он як ҳавзаки алҳол беоб, ки ба як гӯшаи он дарахти ҷалғӯзаи пир сояи тунук меандохт ва дуртар аз он як қуттии пур аз рег ба девор ҷафс гузошта шуда буд. Дар танаи девор сатил, бел, мисрон ва табари дастааш



https://bikhon.tj/

сурх часбида буд. Ранги қуттӣ низ сурх буд ва инак, баъди гузашти солҳо, он аз таъсири барфу борон лавн бохта буд. Асбобҳои дар девор уреб гузошташуда зангорбаста буданд. Онҳоро замоне кормандони хадамоти оташнишонӣ барои истифода дар ҳолати сӯхтор дар як гӯшаи ҳавлӣ насб карда буданд.

Пас аз вохӯрдӣ Бахтиёр онҳоро ба хона раҳнамоӣ кард.

Қариб ним соат аз ҳар дар суҳбат карда, нишастанд. Одатан хостгорон аз мақсади хеш зуд гап намекушоянд, соҳибони хона низ гӯё аз ҳеч чиз хабар надошта бошанд, худро ба нодонӣ мезананд. Бештар падари Бахтиёр суҳбат мекард. Аз як ҷиҳат вай ба ин ҳақ дошт, зеро дар байни онҳо аз ҳама калонсол буд, аз тарафи дигар расми меҳмондорӣ тақозо мекард ба ин кор. Бахтиёр хомӯш буд. Аз лаҳзаи дар ҳавлӣ пайдо шудани меҳмонон яке аз онҳо ба назари ӯ шинос намуд, аммо ҳарчанд меандешид, дар куҷо ӯро диданашро ба хотир оварда наметавонист.

Пас аз тановули ғизо ва суҳбати парешон аз ҳар дар яке аз меҳмонон, ки дар синни сол аз ҳамроҳонаш солортар менамуд, сари мақсад омад.

– Хӯш, бародарон, мо ба хонаи шумо зиёфатхӯрӣ наомадаем... шумо духтар дореду мо писар ва тибқи таомули аҷдодиамон мехоҳем риштаи умри ҳамин ду ҷавонро, ки якдигарро дидаю хуш кардаанд, бипайвандем. Ман тағои писар, ин кас амакаш ва дигарӣ падараш. Оилае ки ба духтаратон хостгор шудааст, бадавлат, баобрӯ ва аз ҳар ҷиҳат таъмину тинҷ. Духтаратон мисли малика зиндагӣ мекунад дар ҳавлии онҳо. Падари хонадон Раҷабалӣ соҳибкори машҳур, гапаш дар ҳама ҷо гапу гуфтагиаш гуфтагӣ. Як корхонаи хусусии орд, чандин дукон дорад. Шояд ҳамин ноне ки



https://bikhon.tj/

шумо дар пеши мо гузошта, одоби меҳмондориро ба ҷо оварда истодаед, аз орди заводи Рақабалиҷон бошад.

Аз ин таърифҳои мард Рақабалиро ҳатто миҷааш хам нахўрда, ҳамоно бо виқор ба соҳибони хона менигарист.

– Касбу кори домодшаванда ба худатон аён. Ҳамроҳи духтаратон дар Донишкадаи тиббӣ мехонад. Аллакай падараш ғами ҷойи кори ўро хўрдааст. Ба келин низ дар ҳамон беморхона ҳатман кор меёбад. Дигар чӣ лозим барои хушбахтии ҷавонон.

Лаҳзае дар ҳуҷра сукут соя андохт.

– Мо бояд бо хешу табор маслиҳат кунем, – сукутро шикаст падари Бахтиёр. – Савдои умрро яку якбора ҳал кардан душвор. Ба дастархон нигоҳ кунед, бародарҳо.

– Гўш кун, ака, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд падари домодшаванда, – чӣ даркор кори мешудагиро ба қафо андохтан. Писару духтар гапро пазондагӣ. Ин омадану рафтани мо аз рўи таомули аҷдодӣ. Ҳозир рўзи тўя бояд аниқ кунем. Вақт нест, беҳуда намегўянд: вақт пул аст! Мо бекор нестем, ки ҳар рўз ба дари ту омада равем. Агар розӣ набошӣ, якбора гўй.

Марди солор то охир суханони падари домодшавандаро гўш карда, дар кунҷи лабаш табассуми ноаёне пайдо шуд.

– Саросема нашавед, язна, – гуфт вай бо мулоиматӣ. – Таомул чунин аст. Ба шумо ҷавоби рад надоданд-ку!

– Э таомул… блин[1], чӣ даркор сари одаморо гаранг кардан.

Блин! Гўё Бахтиёрро барқ зада бошад, ин вожаи бегона ба мағзи сараш кора карду ба худ ларзид. «Наход ҳамун бошад?» – меандешид ў ба худ ва гаштаю баргашта он



https://bikhon.tj/

рӯзи ғуборолуди тирамоҳро пеши назар меовард. Бисту чор сол сипарӣ шуд аз он рӯз!

***

Он вақт Бахтиёр дар автобаза челонгарӣ мекард. Чанд моҳ боз рӯи маошро надида буданд ва аз ин ҷиҳат директор дар такопӯ буд, аммо бечораро дасташ кӯтаҳӣ мекард. Рӯзе вай бо хотири болида дар корхона пайдо шуда, эълон дошт, ки бо корхонаи орд гапзанон кардааст, ба ҷойи пул ба коргарон орд медиҳад. Ҳамкорон, ки қисми зиёдашон аёлманд буданд, аз ин хабар шод шуданд. То бегоҳ чашм ба роҳи орди ваъдагӣ нишастанд. Ниҳоят дар дами дарвозаи корхона як фургони майдаи кандири кузоваш ҷо-ҷо дарида пайдо шуд. Пас аз ҳисобу китоби директор аниқ шуд, ки ба ду коргар як халта орд мерасад. Ҳарчанд аз ин тақсимот димоғи коргарон сӯхт, дигар чорае надоштанд. «Аз хирс мӯйе!». мегуфтанд онҳо якдигарро тасалло дода. Ба Бахтиёр дарбони корхона амаки Нусрат шарик шуд, зеро хонаи онҳо ба ҳам наздик буд. Азбаски он шаб амаки Нусрат навбатдор буд, ордро Бахтиёр ба дучархааш бор карда, роҳи хонаро пеш гирифт. Ӯ тахминан як фарсах дучархаро гоҳо дар роҳи мошину гоҳо дар роҳи пиёдагард ятак карда, ҷониби хонааш мерафт ва тасаввур мекард, ки чӣ тавр зани заччааш хурсанд мешавад. Охир онҳо, зану шавҳари ҷавон, аз касофати ҷанги шахрвандӣ як моҳ боз нони сериро надидаанд. Ба замми ин ҳафтаи гузашта ҳамсараш духтарча таваллуд кард ва модараш доим мегуфт, ки шир надорад ҳамсараш, бояд хӯроки серғизо бихӯрад. Аммо он вақт як

---



https://bikhon.tj/

[1]Блин (русӣ, эвфемизм) – вожае ки ба ҷойи душном кор фармуда мешавад.

бурда нон ёфтан коре буд мушкил.

Хулоса, табъаш болида дучархаро ятак мекард Бахтиёр. Шом фаро мерасид. Ногаҳон мошини тамғаи «Жигули» мисли бод аз бари ӯ гузашт ва дар масофаи сӣ-чил қадам аввал садои гӯшхароше баровард сипас бо суръати баланд ақибнокӣ омада, дар назди Бахтиёр истод.

– Ордро аз куҷо гирифтӣ? – пурсид ронанда.

– Ба ҷойи маош аз корхона доданд, – посух дод Бахтиёр.

– Ту дар заводи орд кор мекунӣ? – пурсид ҷавоне ки дар паҳлуи ронанда менишаст ва аз мошин берун шуд. Ӯ дар тан либоси шинами варзишӣ дошт.

–Не, ман челонгар, дар автобаза кор мекунам, – аз суоли онҳо базӯр ғашёни дилашро фурӯ нишонд Бахтиёр.

– Ягон ҳуҷҷат дорӣ?

–Чӣ гуна ҳуҷҷат?

– Блин, ҳуҷҷате, ки дар ҳақиқат аз корхона додани ин ордро ба ту, каллаварам, тасдиқ кунад, – гуфт бо истеҳзо ҷавон, – мо аз куҷо медонем, шояд ту дуздида бошӣ онро, ё аз дасти ягон бечора мисли қуш зада гирифта бошӣ.

– Ман надуздидам… чӣ хел медуздам? – овозаш ларзида, гуфт Бахтиёр.

– Ҳозир шаҳр пури дузд… мо ана ҳамин ту барин дуздҳоро кофта гаштем, шабу рӯз хоб надорем аз дасти шумоҳо! Ордро ба мошин бор бикун. Блин!



https://bikhon.tj/

– Бародар, ман дузд нестам… занам ба қарибӣ таваллуд кард, дар хона нони хӯрдан надорем, монед, равам, – илтиҷоомез гуфт Бахтиёр ва овози худашро нашинохт. – Ман магар ягон гуноҳ кардам? Чаро ба мошин бор мекардаам ҳаққи ҳалоли худамро? Шумо кистед?

– Эй, ин заргӯшак ҳам дилу гурда доштаст-ку! – ҷониби ронанда хитобид ҷавон ва бо як зарби лагад дучархаро чаппа карду чолокона аз гиребони Бахтиёр дошта, пеш кашид ва мисли муштзанҳои касбӣ пайи ҳам ба сари синаву шиками ӯ чанд мушт зада, афзуд: – Ман кистам? Очаи зоратро дар чашмат нишон медиҳам, баъд мефаҳмӣ, ки ман кистам. Тез ордро бор кун, гуфтам! – дод зад ӯ чашмонашро ало карда вабаъд аз кисааш таппонча бароварда, мили онро ҷониби Бахтиёр, ки пас аз зарбаҳои ҷавон ба замин афтида, акнун ба по шуда буд, рост кард. – Аҷалат расидаст магар?!

Бахтиёр ларзон халтаро бардошта, ба бағоҷмонаки мошин бор кард. Аз вазни панҷоҳ кило бор базӯр қоматашро рост карда буд, ки ронанда (инак аз мошин берун шуда, беист тухми офтобпараст мешикаст), даҳон инҷ карда, гуфт:

– Зӯраш ба як халта орд намерасад… мон, биравад.

– Не-е, – гуфт ҷавон, – кисаашро биков, пул доштагист.

Ва ронандаро мунтазир нашуда, худаш кисаҳои шими Бахтиёрро такурӯ карда, гуфт:

– Чӣ дорӣ дар барат?

– Ҳеч чиз, ҳозир ба чашми худатон дидед-ку!

– Чӣ ку-ку дорӣ?! Ба саволи ман ҷавоб деҳ, – гуфт вай базарда ва ба шиками Бахтиёр як мушт зад.



https://bikhon.tj/

– Э Раҷаб, биё мон, нарас, ин бечора худаш имрӯз ё пагоҳ мемурад, – аз дасти ҷавон гирифт ронанда.

– Валасапедро бор кун! – амр дод ҷавон пеш аз ба мошин нишастан.

Ронанда дучархаи дар замин хобидаро бардошта, аз назар гузаронду «Чархи пешаш каҷалак шудаст» гӯён онро гашта ба замин андохт ва тухми офтобпарасти дар даҳонаш бударо ба рӯи Бахтиёр туф карда, гуфт: – Ҷоната харидам, а, сағира! Тез аробата кашида, аз ин ҷо гум шав!

Онҳо рафтанд. Бахтиёр муддате дар канори роҳ карахту ҳайрон аз қафои мошин дида дӯхта истод. Аммо баъд аз ҳақирию иҳонат вуҷудаш ларзиду ҷонаш гӯё дар тангное монда бошад, нафас кашиданаш душвор гашт. Ҳоло ба худ наомада буд, ки мошине дар наздаш истод ва чизе пурсид, аммо овоз ба гӯшаш намедаромад. Пурсанда чанд лаҳза аз ӯ чашм наканда, «кар аст магар» гӯён ба роҳи худ рафт. Бахтиёр мисли одами маст калавида, ба роҳ даромад, ҳарчанд мекӯшид, мувозинатро нигоҳ дошта наметавонист. Алҳол дар сари ӯ танҳо як андеша мечархид ва майнаи сарашро мехарошид: ба амаки Нусрат ба яғмо рафтани халтаи ордро бигӯям, бовар мекарда бошад? Ана ҳамин савол ӯро азоб медод, ашки шарм олуда ба ғазаб чашмашро месӯзонд, гумон мекард, ки ҳамин замон дилаш дар қафаси синааш метаркад. Ӯ дигар маҷоли дучархаро савор шудан надошт ва то хона чӣ гуна онро ятаккунон омад, дар ёд надорад.

***

Бахтиёр оҳиста сар боло карда, рост ба чашмони Раҷабалӣ нигарист. Бале, ҳамон… хеле фарбеҳ шудааст.



https://bikhon.tj/

Он вақт ҷавон, каме лоғар ва мӯйи сараш марғула буд. Аммо Бахтиёр ҳарчанд зӯр зад, чашмони ӯро ба ёд оварда натавонист. Охир, нигоҳ карда буд-ку, чаро дар ёдаш намондааст? Аҷиб, чашмро оинаи дил мегӯянд, пас ин мард дил надорад?

– Э бародар, бисёр чуқур фикр накун, – гуфт Раҷабалӣ, кафашро аз нос пур карда, – мо ба ҳар кас овезон намешавем, баракс дигарон ба гарди домани мо зоранд, мисли кана мечаспанд ба он. Худат медонӣ, анда-қудоӣ ҷудо ҳам хеши наздик аст. Бачаи аҳмақи моро дилаш ба духтари ту рафтааст, агар не…

«Ҳайрият, нос даҳонашро баст» – аз дил гузаронд Бахтиёр, ки дигар рӯи хунуки ин мардро дидан намехост. Ҳамин вақт телефони дастии Раҷабалӣ занг зад. «Меоям, ҳозир… ҳозир… меҳмондорӣ кунед, баъди ним соат мерасам» – гуфт ӯ ва аз ҷой бархосту аз тиреза носи даҳонашро ба берун андохт ва ба ҳамроҳонаш рӯй оварда:

– Хестем, маро интизоранд! – гуфт ва ба соҳибхона нигариста, илова намуд. – Баъд бо телефон гап мезанем.

Ҳангоми гуселонидан Раҷабалӣ ба мошин нишаста, ба падари Бахтиёр гуфт:

– Тағо, орд даркор бошад, биё, бепул медиҳам. Охир, мо қудо-ку!

Тоқати Бахтиёр тоқ шуд ва аз дастаи дари нимпӯши мошин дошта, гуфт:

– Бепул орд медиҳӣ?! Не, осмон омада ба замин часбад ҳам, ба мардум бе пул ҳеҷ чиз намедиҳӣ ту. Бисту чор сол пеш… чӣ гуна як халта орди як бечораро аз дасташ зада гирифтанатро дар хотир дорӣ? Ҳамон одам ман будам!

Ҳозирин аз ин суханҳо ҳайрон монданд.



https://bikhon.tj/

– Ёд дорӣ, – суханашро идома дод Бахтиёр, – гуфта будам, ки дар хона як гард орд надорем, занам ба қарибӣ таваллуд кард… шир надорад. Ёдат омад? Ана имрӯз ту ба ҳамон тифл хостгорӣ омадӣ. Пас худат бигӯ, оё метавонам ман ба ту духтар диҳам?

Хомӯшии гарон ба миён омад.

– Хайр, баъд чӣ? – гӯё ба худ савол дод Раҷабалӣ.

Ногаҳон шарросзанон об аз қубури қутраш панҷоҳ бо шиддати баланд ба ҳавз рехта, ҳама чангу хок ва зарфҳои пластмассии дохили онро парешон кард. Дар як лаҳза кӯдакони зиёде ҳавзро гирд карданд. Оби гилолуду тираи қубур торафт соф мешуд, аз нафаси фаввора ба атроф ҳавои серуни форам ва насими тоза мевазид.



https://bikhon.tj/

# АНГУШТАРИ АРЎСӣ

*Ба ёди қурбониёни пандемияи COVID-19*

Кӯча хилвату холӣ буд. Гоҳу гаҳ аз дур мошине пайдо мешуду то истгоҳ нарасида, нопадид мегашт. Шояд ба тангкӯчае тоб мехӯрд ва ё аз роҳи калон берун шуда, дар назди ягон иморат ё зери дарахте қарор мегирифт. Рӯзҳои пешин дарёи пуртуғёни пур аз мошинро мемонд кӯча дар ин вақт. Аз субҳ то шом садои онҳо гӯшро мехарошиду дуди ғализашон баъзан димоғро ба сӯзиш меовард. Мудом аз ғарб ба самти шарқ ва аз шарқ ба ғарб мерафтанд онҳо. Одамон аз зиёдии мошин менолиданд, ки ҳавои шаҳрро пурдуд кардаву нафас кашиданро барояшон душвор гардонидааст, аммо сафи онҳо беш аз пеш меафзуду кам не. Бархе инро нишони боло рафтани сатҳи зиндагиашон медонистанду қисме хатар ба саломатии хеш. Ҳарду ҷониб дар навбати худ ҳақ буданд, аммо касе муросо кардан намехост. На танҳо шаҳри мо, бал сайёраи Замин гирифтори ҳамин ҳол буд. Инсон ба дасти худ техникаро ҷойнишини хеш месохт: ба ҷойи даҳҳо нафар танҳо як



https://bikhon.tj/

мошини безабон хидмат менамуд, дар зери пойи одамон чоҳ меканду сарватҳои онро ба онҳо ҳадя мекард, арраҳои ҳозиразамон дар як они воҳид садҳо дарахти сарсабзро ба замин яксон мекарданду киштиҳои кайҳонӣ коинотро, ба қавле, меогарданд… ҳатто баъзе кишварҳо нияти ба сайёраҳои дигар кӯч бастан доштанд. Табиат аз ин рафтори одамон дар шигифт буд, аз таҷовузи онҳо ба сари худ менолид ва баъзан аз худ аксуламале зоҳир мекард, аммо одамон онро нодида мегирифтанд, аз дониставу хостаҳои хеш наметмонданд ва рӯзе чун раъду барқ дар чиллаи тобистон… ногаҳон беморие пайдо шуд, ки бе ҳеҷ гапу калоча мардуми оламро дар хонаҳояшон маҳбус кард. Дигар тайёраҳо аз парвоз монданд, қатораҳою киштиҳои азим ҳаракат намекарданд, корхонаҳои пуриқтидори бо таҷҳизоти пурдон муҷаҳҳаз дарҳои хеш бастанд. Дигар одамон чуну чаро намекарданд, бархе ба бемории ваҳмак гирифтор шуда, ба нафаси кашидаи худ душманӣ мекарданду қисме дар раҳу барзан, гӯё аҷали хешро дида бошанд, аз ҳамдигар рӯй мегардонданд. Касе ҷониби касе даст дароз намекард, ҳама дастҳо гӯё ба мушт табдил ёфта буданд. Ба қавли Шайх Саъдӣ, рӯзгор чунон танг омад, ки ёрон ҳатто ишқро фаромӯш карданд.

Табиат аз ин рафтори фарзанди инсон пӯзханд мезад, дарун-дарун мезавқиду аз онҳое ки то дина мехостанд ба гардани дастранҷи кунун нофармонашон, яъне техникаҳои пуриқтидори дар нигоҳи аввал доною гапгир лаҷом зада, ба худ мутеъ созанд, баъзан раҳмаш меомад ва гоҳо нафрataш. Хулоса, инсон бо ҳама иқтидору қудрataш дар пеши як вируси ноаён лоилоҷ монда, чун мурғ дар қафас метапиду роҳи халосӣ мечуст. Дигар ягон таҷҳизот низ ба додаш намерасид. Олимон ба табиати ин вируси нав



https://bikhon.tj/

сарфаҳм намерафтанд, аз ҳилакориҳояш дар бадани одамон лоилоҷ мемонданд. Хулоса, сайёраи Замин бо сокинонаш дар табу тоб буд.

Як тан аз онҳо – Наргис, ҳамшираи шафқати беморхонаи ёрии таъҷилӣ, – алҳол дар истгоҳ чашм аз кӯчае, ки аҳён-аҳён мошине башаст гузаро мешуд, наканда, бо шигифт меандешид: ин қадар кушод будааст ин роҳ. Алҳол кӯчаи холӣ ба назари Наргис бисёр васеъ ва тозаю озода мерасид. Зеро вай се сол боз ҳар субҳ аз ин роҳ гузашта, ба ҷойи кораш мерафт, аммо бори аввал онро бе мошин медид. Вирус мардумро дар хонаҳояшон ҳабс карда буд. Одамон кам мебаромаданд ба кӯча. Наргис бенавбат як ҳафта дар беморхона навбатдорӣ мекард ва имрӯз баъд аз таъкидҳои пайвастаи ҷавони дӯстдоштааш ду соат аз сардухтур иҷозат пурсид. Паҳншавии беморӣ ақди никоҳи онҳоро ба таъхир гузошт ва Парвиз бо зангҳои пайвастааш Наргисро аз ҷон безор карда буд, ки бояд рӯзи тӯйро муайян кунанд. Пагоҳӣ вай таъкид намуд, ки Наргисро дар назди идораи ақди никоҳ мунтазир мешавад. Онҳо бояд барои бастани ақди никоҳи хеш ариза медоданд.

Ва инак Наргис дар истгоҳ ним соат боз автобусро интизорӣ мекашиду аз он дарак набуд. Дар қади бинои шафати истгоҳ акси кошинкоришудаи рангае ба чашм мерасид: ду нафар – яке марду дигаре зани ҷавони дар барашон либосҳои хоси коргару кишоварз – бо чашмони барроқу рухсораҳои сурх бо умед ба дурии дуриҳо, яъне ба оянда менигаристанд. Дар пасманзари акс тарҳи иншоотҳои бузург, появу хатти барқ, киштзору боғот ва нақбу корезҳо тасвир ёфта буданд. Ҳарчанд аз таъсири барфу борон акс ранг бохта буд, дар ҳолати зеҳн мондан



https://bikhon.tj/

манзараи аҷибе пеши назар меомад, ки аз дастовардҳои ҷавонон дар сохтмону саҳроҳо ҳикоят мекард. Наргис ин аксро низ бори аввал равшан медид. Қаблан он аз паси дарахти кастонаи пир хуб ба назар намерасид. Имсол дар охири баҳорон ногаҳонӣ барфи баланд рехту як шохи он дархтро шикаст. Инак он акси чандин сол қабл кошинкоришуда аз нав рух намуда буд. «Акси зебо, – аз дил гузаронд Наргис, – агар аз нав каме рангубор кунанд, дубора ҷило медиҳад»

Дар қайди чунин андеша буд, ки садои телефони дастиаш баланд шуд. Парвиз занг мезад. «Ҳозир меоям», – инак бори чандум такрор мекард Наргис.

Онҳо дар назди бинои ақди никоҳ ба ҳам омаданд. Мудири идора, ки дар тӯли умри хеш никоҳи садҳо навҷавонро баставу барояшон дар масири пурпечи зиндагӣ роҳи сафед талабида буд, аз ташрифи Наргису Парвиз дар банди ҳайрат набошад ҳам, андаке раги мулоҳизааш ҷунбид. Охир, аз бозе ки қадами нопоки беморӣ дар шаҳр расид, онҳо аввалин ҷуфте буданд, ки нияти тӯй барпо кардан доштанд.

– Аризаатонро қабул мекунем, баъди ду моҳ меоед. То он вақт, иншоалоҳ, беморӣ низ дафъ мешавад ва тӯй мехӯрем, – гуфт мудири шуъба, зани миёнқади лабонаш мудом моил ба ханда.

– Чӣ хел ду моҳ? – ҳайрон шуд Парвиз.

– Талаботи қонун ҳамин аст, – оромона посух дод мудир. – Баъд шумо ба куҷо саросема... аздусар ҳозир ба дили ягон кас тӯю хурсандӣ намегунҷад. Ё бе тӯй оила барпо карданиед?

– Ба дили касе нагунҷад, кори мо чӣ! – ба қатъият иброз дошт Парвиз. – Дил дили Зайнаб гуфтаанд.



https://bikhon.tj/

– Аҷаб одами бетоқат, – табассум аз лабони мудир канда намешуд.

– Дили ошиқ мисоли гурги гушна ва гург аз ҳай-ҳайи чӯпон наметарсад, – гуфт Парвиз дасти Наргисро дошта. – Чу дарёи хурӯшон ҳама чизро аз роҳи худ дур мекунад ишқ. Наход аз барои як вируси лаънатӣ мо кори хайрро ба қафо андозем?

– Ба муҳаббати шумо ҳаваси кас меояд, – гуфт мудир ва барои ариза навиштан аз ғалладони мизаш коғаз бароварда, пеши онҳо гузошт, – аммо чӣ чора, ҳама пеши қонун бечораем.

Наргис хомӯш сар ба зер афканд. Парвиз аз ҷой баланд шуда, омирона таъкид дошт, ки баъди ду-се рӯз ақди никоҳи онҳо бояд баста шавад ва маънидор ба мудир чашмак зад...

Аз идораи ақди никоҳ ба кӯча баромада, тибқи қарордоди пешина онҳо роҳ ҷониби мағозаи ҷавоҳирот гирифтанд. Мебоист барои якдигар ангуштари никоҳӣ мехариданд.

– Мудир рост мегӯяд, – гуфт Наргис, андешаманд ба рӯйи Парвиз нигариста, – ҳама дар ғами беморию мо тӯй карданием. Дирӯз дар беморхонаамон як кас фавтид. Ҷавон буд… мегӯянд, ки ба ин беморӣ бештар солхӯрдагон мубтало мешаванд.

– Пир аст, ҷавон аст, аз тақдирашон донанд, – бепарво қутии шарбати пас аз истеъмол рӯи роҳ ҳаво додаи касеро бо пой зада, гуфт Парвиз. – Мо тӯй мекунем, ду сол боз ин рӯзро интизорам ман. Аввал холаат гузашту як сол азо гирифтӣ, баъд барои ҳамсояатон се моҳ қафо партофтем тӯйро. Дигар тоқат надорам, дӯстат медорам, охир!



https://bikhon.tj/

Онҳо ба мағозаи ҷавоҳирот ворид шуданд. Холӣ буд мағоза, дигар харидоре ба чашм намерасид.. Ду нафар фурӯшанда – яке зани миёнасол ва дигаре духтараки мавзунқади чеҳрагарм – баробари дидани Наргису Парвиз ба пешвозашон бархостанд. Фурӯшандаи ҷавон бо хоҳиши ҷавонҳо ангуштару дастпонаҳои гуногунро аз дохили пештахта гирифта, назди онҳо гузошт. Парвиз ангуштари худро дарҳол интихоб кард. Наргис чандин ангуштарии яке аз дигар зебою гаронбаҳоро ба ангуштонаш андохта, оқибат ангуштари ғафси нигинаш чашмакҳои алмосдорро маъқул донист. Зебо буд ангуштар. Тилои тоза бо алмоси дурахшон гӯё меҷангид. Вазнаш низ гарон, қариб панҷ грамм тилои холис.

– Заршинос будаед, духтарам, – аҳсант хонд зан, – зебид ба шумо, насиб кунад.

– Ба одами зебо ҳама чиз мезебад, – гуфт Парвиз, ноаён аз миёни Наргис дошта. Духтар норозиёна дасти ӯро аз миёни хеш гирифта, гуфт:

– Фаромӯш накунед, заминро об вайрон мекунаду одамро таърифи зиёд.

– Ту ба ҳар таъриф меарзӣ, афсӯс, шоир нестам, набошад дар васфи ҳуснат шеърҳое мегуфтам, ки ҳама мафтун мешуданд.

– Бас кун! – гуфт Наргис. – Вагарна аз баҳри ангуштар мегузарам.

– Аз баҳри ангуштарӣ гузарӣ, садқаи сар, аммо агар аз баҳри ман гузарӣ, қиёмат қоим мешавад.

Духтараки фурӯшанда бо ҳавас ба онҳо менигарист. Шояд ӯ низ чунин рӯзро орзу мекард ва ё дӯстдоштаи хешро пеши назар оварда, дар дарёи орзуҳои ширин фурӯ мерафт. Ҳамин вақт зан духтаракро ҷеғ зад. Ӯ тахатаи пур



https://bikhon.tj/

аз ҷавоҳиротро баргашта ба ҷояш гузошту нархи ангуштарҳоро ба коғазе навишта, ҷониби хазина ишора кард.

– Ман туро дар берун мунтазир мешавам, – гуфт Наргис бо рӯймолча арақи пешониашро поккунон ва ҷониби баромадгоҳ рафт.

Парвиз бо хазинадор ҳисобӣ карда, шоду масрур ба кӯча баромад. Наргис дуртар аз даромадгоҳ дар хараки зери дарахти арча ӯро интизор буд. Парвиз аз якбора тағйир ёфтани ҳолати Наргис хавотир шуда, ҷониби ӯ гом бардошт. Алҳол ӯ музтариб, ба пуштаки харак такя карда, менишаст. Ин ҳолат Парвизро бештар мушавваш гардонд. Охир, Наргис аз он бонуҳое набуд, ки дар як ҷо нишаста, ӯро ба ин сархамию оромӣ мунтазир шавад. Қаблан дар ин гуна мавридҳо ӯ ҳатман ба пешвози ӯ аз ҷой мехест ва ҳарфе мегуфт ва ё суоле пеш меовард. Парвиз қадамашро тезонид ва мисли варзишгарони ба дарозӣ ҷаҳанда се хез гирифта, худро ба назди маҳбубааш расонид.

– Мазаам гурехт, – гуфт бо овози ҳазин Наргис, – таб дорам, ҳалқам қоқ, қафаси синаам месӯзад, гӯё касе шишамайда рехта бошад дар он.

– Дар як дам… нағз будӣ-ку! – гуфт Парвиз. – Чӣ шуд ба ту?

– Ба ҷойи корам бо ин рақам занг зан. Гӯй, ки зуд расида оянд, – ангуштари то ҳол дар кафи дасташ бударо даруни киф гузошта, аз он ҷо телефонро гирифту рақами даркориро ба ҷустан даромад Наргис.

– Шояд гузарад. Чӣ хел… – сухан дар даҳанаш вуҷуди Парвизро арақи сард пахш кард ва барқвор аз дил гузаронд: «Наход сирорят ёфта бошад?».



https://bikhon.tj/

– Ин беморӣ вобаста ба организм ҳар гуна зоҳир мешавад. Яке аз мубталошавиаш то охир дарак намеёбаду дигареро дар як он аз пой меафтонад.

– Чанд бор гуфтам, ки то пасанда шудани беморӣ мураххас шав, гӯш накардӣ. Ана оқибати якравиат. Ку бубинам, ба дардат кӣ даво мешавад акнун. Ё баумед будӣ, ки дар назди беморхона ҳайкалатро мегузоранд? – асабиёна дар гирди харак қадам мезад Парвиз.

– Бас, воҳима накун, – гуфт Наргис хастаҳолона, – дар пешонӣ чизе навишта шуда бошад, ҳамонро мебинӣ. Агару магар чӣ лозим! Дар ҳамин ҳолат чӣ хел рухсатӣ мепурсидам… як андеша кун. Баъд ба кадом рӯй ба ҳамкоронам менигаристам?

Ӯ рақами даркориашро ёфта, худ ба ҷойи кораш занг зад. Парвиз аз паҳлуи Наргис каме дуртар ба харак нишаст. Ӯ ҳар замон мушт ба зонувонаш зада, зери лаб ғур-ғур мекард. Дуртар аз онҳо, дар рӯи раҳи пиёдарав, гӯё дили асфалтро дарида, сабзае рӯида буд. Наргис чанд лаҳза аз он чашм наканда, меандешид, ки то ҳол касе ин сабзаро поймол накардааст. Ё ҳамин ҳозир сар зада бошад?

***

Аз мошини ёрии таъҷилӣ Наргисро ҳамкоронаш зуд ба болои занбари ғалтакдор хобонданду ҷониби даромадгоҳи беморхона бурданд. Дар дами даромадгоҳ занаки хилъатпӯш пеши роҳи Парвизро гирифт.

– Наргис! – нидо кард Парвиз.

Наргис аз болои занбар нимхез шуд. Духтурон каме дуртар рафта, мунтазир истоданд.



https://bikhon.tj/

– Ба дохил даромадан мумкин нест, – гуфт Наргис, вақте ки Парвиз ба ӯ наздик шуд. – Хавотир нашав, мегузарад.

– Чӣ кор кунам ман ҳозир? – дар тори сари Наргис рост меистод Парвиз.

– Ҳеҷ кор накун, танҳо маро бибӯс, – пичиррос зад Наргис.

– Чӣ хел… охир беморӣ…

Наргис боз дароз кашид рӯи занбар ва он ба ҳаракат омад. Парвиз ҳайрон қафо гашта, ҳанӯз ду қадам нагузошта буд, ки мисли садои танга ҷаррангос зада, чизе аз паҳлуяш ғелид. Ин ангуштари арӯсии Наргис буд, ки мисли чархи ароба аз баланди ҷониби пастӣ мерафт. Парвиз зуд ба худ омада, давид, ки онро дарёбад, аммо ангуштарӣ ба панҷараи заҳкаши рӯи раҳ бархӯрду нопадид гашт.

Парвиз чанд лаҳза музтару ноумед ба торикию шилдироси оби дохили панҷара гӯш дода, ҳайрон ба қафо нигарист ва ба назараш чунин намуд, ки аз паси шишаи тирезаи барқади беморхона Наргис сӯи ӯ нигоҳ мекунад.



https://bikhon.tj/

# Мундариҷа

Муҷозот (Қисса) .....6

## Ҳикояҳо

Лахти ҷигар дар бағал .....46
Модари суфрадўзи ман.....56
Суду зиён .....63
Ҳидоят .....73
Ду дидор .....81
Садақа .....87
Ишқи зистан .....93
Хостгорӣ .....103
Худкушӣ .....109
Орзу .....114
Бозор .....121
Носеҳ .....132
Мерос.....140
Миёнарав .....147
Набераи кулак .....155
Иллату миннат.....164
Як халта орд.....136
Ангуштари арўсӣ .....144



https://bikhon.tj/

Равшан Махсумзод

# ИШҚИ ЗИСТАН


| | |
|---|---|
| Ношир | Сайфулло Фаттоев |
| Саҳифабанд | Шуҳрат Ҷабборов |
| Ҳуруфчин | Нилуфар |

Ба матбаа 9.07.2020 супурда шуд.
Ба чопаш ....07.2020 имзо шуд.
Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопӣ 12.
Адади нашр .... Супориши №.....

ш. Душанбе, "Русская литература"




https://bikhon.tj/






https://bikhon.tj/